**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД.: 87.3 + 86.3**

**ОДИНАЕВ БАҲОДУР АБДУҶАБОРОВИЧ**

# ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР ЗАРДУШТИЯ ВА ИСЛОМ: ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ-ДИНШИНОСӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ)**

**РОҲБАРОНИ ИЛМӢ**:
Худойдодзода Ф.Б.
доктори илмҳои фалсафа

**ДУШАНБЕ - 2024**

## МУНДАРИҶА:

**МУҚАДДИМА**.....................................................................................3

**БОБИ 1. ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР ЗАРДУШТИЯ.....................................18**

1.1. Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия.........18

1.2. Таълимоти зардуштия дар бораи оила.................................................44

1.3. Таҳаввули институти оила дар зардуштия.............................................67

**БОБИ 2. ТАЪЛИМОТИ ИСЛОМ ДАР БОРАИ ИНСТИТУТИ ОИЛА.......................................................................................83**

2.1. Пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом...............................83

2.2. Таълимоти ислом оид ба низоми оиладорӣ..........................................105

2.3. Таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом...........140

**ХУЛОСА**.....................................................................................153

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**...........................................................................................162

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.........................................................................164

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..............................................................................178

## МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Оила яке аз институтҳои муҳиме ба ҳисоб меравад, ки онро аз рӯи мазмуну муҳтаво ва функсияҳояш дар аксари илмҳои ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, ки илми диншиносӣ низ истисно намебошад. Вале, бешубҳа метавон гуфт, ки муносибатҳои оилавӣ ва институти оила аслан, аз нигоҳи таърихӣ бештар хусусияти динӣ дошта, аввалан дар сарчашмаҳои динӣ ва баъдан дар сарчашмаҳои илмию адабӣ ва ҳуқуқӣ мавқеъ пайдо намудаст. Аз ин ҷост, ки ба таври динӣ бастани ақди никоҳ то кунун дар кишвари мо ҷой дорад. Бинобар ин, аз нуқтаи назари таърихӣ ва илми диншиносӣ мавриди омӯзиш қарор додани институти оила аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад. Омӯзиши институти оила аз нуқтаи назари таърихӣ ва диншиносӣ имкон медиҳад, ки мазмуну муҳтаво, табиати пойдории оила, фалсафаи бунёди оила, ташкили оилаи солим ва аҳаммиятнокии фалсафии институти оила муайян карда шавад.

Маврид ба ёдоварист, ки ташкили оилаи солим ва пойдории он бе мавҷудияти таҷрибаҳо ғайриимкон мебошад. Аслан институти оила падидаи таърихӣ буда, аз давраи пайдоиши нахустин инсон то ба имрӯз дар шаклҳои гуногун – патрилокалӣ, матрилокалӣ, патриархалӣ, матриархалӣ ва ғ. маъмул аст. Ҳанӯз дар зардуштия оиларо ҳамчун рукни пок ва муқаддас меҳисобиданд. Институти оила маҳз дар зардуштия бо меъёрҳои динию одатӣ ташаккул ёфта, дорои аҳаммияти баланди фалсафӣ-иҷтимоӣ гардидааст. Пас аз зардуштия ташаккули минбаъдаи институти оила тавассути меъёрҳои исломӣ ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин, омӯзиши таърихию диншиносии институти оила барои ҷомеаи имрӯза аҳаммияти калон дорад.

Бояд тазаккур дод, ки устувории ҳар як ҷомеа ва давлат маҳз аз устувории оилаҳо вобаста мебошад. Устувории оилаҳо бошад, худ аз худ ба вуҷуд наомада, дар натиҷаи таҳқиқоту омӯзишҳои илмӣ ва дар натиҷаи онҳо пешниҳод намудани тарзу роҳҳои бунёди оилаи солим амалӣ

гардонида мешавад. Институти оила дорои як қатор унсурҳо мебошад, ки омӯзиш ва муқоисаи онҳо дар зардуштия ва ислом метавонад боиси такмили муносибатҳои оилавии ҷомеаи имрӯза гардад. Аз ҷумла, акди никоҳ, шартҳои никоҳ, аъзоёни оила, якканикоҳӣ ва бисёрникоҳӣ, мақоми зан дар оила, муносибатҳои байнишахсии аъзоёни оила, тарбияи фарзандон, фарзандхонӣ ва монанди инҳо. Масъалаҳои фавқуззикр дар натиҷаи таҳаввулоти таърихӣ пайдо шуда, ташаккул ёфтаанд ва то замони мо омада расидаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мазкур дар зардуштия ва ислом метавонад ба рушди институти оила дар замони муосир таъсири мусбат расонад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур ниҳоят мубрам мебошад.

Аҳаммиятнокии мавзуи таҳқиқот ҳамзамон дар он ифода мегардад, ки масъалаи арзишмандии оила ва пешгирии вайроншавии оилаҳо пайваста дар маркази таваҷҷуҳи Президенти мамлакат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ин аст, ки дар ҳар як паёмҳои худ Сарвари давлат ин масъаларо таъкид менамоянд. Масалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 23.01.2015 изҳор намудаанд: «Мусаллам аст, ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад»[1]. Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи оилаи солим, баробарҳуқуқии зану мард ва дигар ҷанбаҳои оила таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда буд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои оилавӣ бахшидани моддаҳои 33 ва 34 аз ҷумлаи таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати кишвар ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар моддаи 33-и Конститутсияи

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 23.01.2015. [Захираи электронӣ ]. Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj (Санаи муроҷиат: 15.04.2022).

Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад[2]. Пас аз ин, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои оилавӣ қабул карда шудаанд. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, № 5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли 1998 ва ғайра. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки оила дар сиёсати давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мартабаи хос дорад.

Дар ниҳоят, мубрамияти омӯзиши институти оила дар зардуштия ва ислом аз нуқтаи назари таърихӣ-диншиносӣ ва ҷанбаҳои ҳанӯз омӯхтанашудаи он, дар умум, боиси интихоби ин мавзуъ ва самти таҳқиқоти диссертатсионӣ гардиданд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи муқоисаи институти оила дар зардуштия ва ислом то кунун мавзуи таҳқиқоти илмии таърихӣ-диншиносии махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор нагирифтааст. Паҳлӯҳои мухталифи ин масъала дар алоҳидагӣ ва мухтасаран дар илмҳои фалсафа, таърих ва ҳуқуқшиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳлил ва таҳқиқи масъалаи институти оила дар зардуштия ва ислом то андозае нақши олимони ватанӣ назаррас мебошад. Аз ҷумла, А.Ғ. Холиқзода[3], Ш.П. Бердиев[4], Ҳ.Ҳ. Муминҷонов[5], М. Ҳазратқулов[6], Қ. Нурулҳақов[7], С.Х. Раҳимов[8], Д.С. Раҳмон[9], У.А. Азиззода[10], Ф.Т.

---

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2022).
[3] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2004. – 421 с.
[4] Ниг.: Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: дис... канд. филос. наук. –Душанбе, 2011. – 145с.
[5] Ниг.: Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма: дис. ... д-ра филос. наук. – Душанбе, 2001. – 289 с.
[6] Ниг.: Муҳаммадқул Ҳазратқулов. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, «Дониш», 2006. – С. 491.
[7] Ниг.: Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 128 с.
[8] Ниг.: Рахимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: дис. ... д-ра филос. наук. – Душанбе, 2007. – 301 с.

Тоҳиров[11], А.М. Диноршоев[12], Ҷ. Саъдизода[13], Ш.Ш. Шосаидзода[14], Р. Муҳаммад[15], Х. Афзалов, Б. Раҳимов[16], С. Раҳимов[17], Д. Раҷабзода[18], А.Х. Аминҷонов[19], М. Тағоймурод[20], Ш. Абдуллозода[21], И. Амирбекова[22], Ф.Б. Худойдодзода[23], М. Диноршоев[24], Н.С. Саид[25], Р.С. Комилов[26] ва дигарон.

Масъалаи омӯзиши институти оила дар зардуштия ва ислом аз назари олимони хориҷӣ низ дур намонда, доир ба паҳлуҳои ҷудогонаи ин масъала таҳқиқотҳо анҷом додаанд. Аз ҷумла, Д. Фарҳангмеҳр[27], К. Бортилма[28], М. Бойс[29], А.Г. Периханян[30], А. Озаргушасб[31], М. Рашшод[32], Ҷ. Дустхоҳ[33], А.

---

[9] Ниг.: Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙРОН, 2018. – 176 с.

[10] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко – правовое исследование: дис.… д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / Азизов У.А.; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.

[11] Ниг.: Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 260 с; Тохиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929). Т. 2, ч. 1. – Душанбе, 2001. – 494 с.

[12] Ниг.: Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таълимоти динӣ ва фалсафӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №2 (10). – С. 32.

[13] Ниг.: Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.

[14] Ниг.: Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 235 с.

[15] Ниг.: Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. (дар 7 ҷилд) Ҷилдҳои 3 ва 4, китоби дуюм (таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ ва Саидиён Исматуллоҳ). – Душанбе: Ирфон, 2002. – 404 с.

[16] Ниг.: Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе, 1994. – 185 с.

[17] Ниг.: Саъдулло Раҳимов. Эстетика зороастризма. – Душанбе: Дониш, 2006. – С. 152.

[18] Ниг.: Раҷабзода Д. Омӯзиши анъанаҳои халқӣ ва нақши онҳо дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ зимни адабиёти фалсафӣ-таърихӣ ва педагогӣ-равонӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №6. – С. 226.

[19] Ниг.: Аминҷонов А.Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №8. – С. 304-305.

[20] Ниг.: Муҳаммадҷони Тағоймурод. Фалсафаи маорифи ориёӣ-сарчашмаи фалсафаи маорифи эҳёи аҷам // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – №3/4 (205). – С. 108.

[21] Ниг.: Абдуллозода Ш. Таърихи динҳо. – Душанбе, 2007. – С. 147.

[22] Ниг.: Амирбекова, И. Мақоми иҷтимоии зан дар ислом ва таъсири он ба фалсафаи машшоияи шарқӣ [Матн] / И. Амирбекова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 210-215.

[23] Ниг.: Худойдодзода, Ф.Б., Амирбекова, И.Ҷ. Масъалаи зан ва оиладорӣ дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Ф.Б. Худойдодзода, И.Ҷ. Амирбекова // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 67-70.

[24] Ниг.: Диноршоев, М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе: ҶДММ "Мега-прин", 2017. – С. 512.

[25] Ниг.: Саид, Н.С., Аҳмадов, С., Нурулҳақов, Қ., Назаров, Р. Диншиносӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Н.С. Саид, С. Аҳмадов, Қ. Нурулҳақов, Р. Назаров. – Душанбе: Маориф, 2018. – С. 540.

[26] Комилов, Р.С. Фалсафаи тоҷик (аз аҳди қадим то имрӯз). - Душанбе, 2012. -304с.

[27] Ниг.: Доктор Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. – Теҳрон, 1374 ҳ. ш. – С. 166.

[28] Ниг.: Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ. ш. – 83 с.

[29] Ниг.: Мерий Бойс. Зараастрийцы. Верования и обычаи [Текст] / Мерий Бойс. – М.: Наука, 1988. – 303 с.

[30] Ниг.: Периханян А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский приоды. – М.: Издательство «Наука», 1983. – 383 с.

[31] Ниг.: Ардашери Озаргушасб. Маросими мазҳабӣ ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ. ш. – 187 с.

А. Мазоҳирӣ[34], А. Бежан[35], Ҳ. Ваҳидӣ[36], И. Содиқ[37], Ҳ. Бастон[38], М. Меҳрин[39], М.Б. Дадашев[40], Е.А. Дорошенко[41], А.И. Колесников[42] ва дигарон.

Бояд тазаккур дод, ки олимони мазкур дар таҳқиқоти худ пурра масъалаи институти оиларо дар зардуштия ва ислом баррасӣ накарда, балки баъзе аз паҳлуҳои онро мавриди таҳлил қарор додаанд. Ҳатто дар кишварҳои хориҷӣ низ мо таҳқиқоти маҷмуиро оид ба институти оила дар зардуштия ва ислом дарёфт карда натавонистем. Бинобар ин, дараҷаи омӯзиши масъалаи институти оила дар зардуштия ва ислом каме маҳдуд буда, дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур васеъ гардонида мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур мувофиқи нақшаҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи онтология ва назари маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зери унвони «Омӯзиши афкори фалсафӣ, мантиқӣ ва диншиносии фалсафаи тоҷик» ба роҳ монда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳқиқи маҷмуӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва диншиносии масъалаи институти оила дар зардуштия ва ислом мебошад.

---

[32] Ниг.: Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих (дар 7 ҷилд) Ҷилдҳои 3 ва 4, китоби дуюм (таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ ва Саидиён Исматуллоҳ). – Душанбе: Ирфон, 2002. – С. 5.

[33] Ниг.: Авесто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ [Матн] / Таҳиягар Муаззами Диловар. – Душанбе: Қонуният, 2001. – С. 78.

[34] Ниг.: Алӣ Акбари, Мазоҳирӣ. Хонаводаи Эрони пеш аз Ислом [Матн] / Мазоҳирӣ Алӣ Акбар. – Теҳрон: Қатра, 1373 ҳ. – 258 с.

[35] Ниг.: Асад Бежан. Чашмандози тарбият дар эрони пеш аз ислом [Матн] / Асад Бежан. – Теҳрон, 1315. – С. 40.

[36] Ниг.: Ваҳидӣ Ҳусайн. Пажӯҳише дар ормони порсоӣ [Матн] / Ҳусайн Ваҳидӣ. – Теҳрон, 1394ҳ. – С. 111.

[37] Ниг.: Исо Содиқ. Таърихи Фарҳанги Эрон [Матн] / Исо Содиқ. – Теҳрон, 1370. – 284 с.

[38] Ниг.: Ҳусайн Бастон. Хонавада дар Ислом [Матн] / Ҳусайн Бастон. – Теҳрон: 1390ҳ. – 248 с.

[39] Ниг.: Меҳрдоди Меҳрин. Тамаддуни Эрони бостон [Матн] / Меҳрдоди Меҳрин. – Теҳрон, 1338ҳ. – 98 с.

[40] Ниг.: Дадашев М.Б. Формирование институтов семейного и наследственного права в Арабском Халифате (VIII-X вв): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2018. – 159 с.

[41] Ниг.: Дорошенко А. Р. Зороастрийцы в Иране (Историко-этнографический очерк). М., Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1982. – 133 с.

[42] Ниг.: Колесников Алий Иванович. Завоевание Ирана арабами. (Иран при «праведных» халифах). Москва, 1982. – 306 с.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Аз ин мақсад **вазифаҳои зерини таҳқиқоти дисертатсионӣ** ба вуҷуд меоянд:

– таҳқиқи заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия;

– баррасии таълимоти зардуштия дар бораи оила;

– таҳлили амиқи таҳаввули институти оила дар зардуштия;

– омӯзиши пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом;

– таҳлили таълимоти ислом оид ба низоми оиладорӣ;

– таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом;

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро заминаҳои пайдоишу инкишофи институти оила дар зардуштия ва ислом, таҳқиқи таърихӣ-диншиносии институти оила ва ҷанбаҳои асосии он дар зардуштия, омӯзиши таърихӣ-диншиносии институти оила дар ислом ва таҳлили муқоисавии омӯзиши таърихӣ-диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом ташкил менамояд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Предмети таҳқиқотро таҳқиқи таърихӣ-диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири ду марҳилаи инкишофи институти оила дар таълимотҳои таърихию диншиносӣ мебошад: 1) ташаккули институти оила дар таълимоти таърихию диншиносии зардуштия; 2) инкишофи институти оила дар таълимоти ислом.

Диссертатсияи мазкур дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва таҳқиқ шудааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2020-2023 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро ғояҳо ва андешаҳои намояндагони афкори фалсафию диншиносӣ, сарчашмаҳои таърихии динӣ, арзишҳои умумибашарӣ, осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба институти оила дар зардуштия ва ислом марбут

мебошанд, ташкил медиҳад. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори М. Ҳазратқулов, Қ. Нурулҳақов, А.Ғ. Холиқзода, Д.С. Раҳмон, У.А. Азиззода, Ф.Т. Тоҳиров, А.М. Диноршоев, Ҷ. Саъдизода, Ш.Ш. Шосаидзода, Р. Муҳаммад, Х. Афзалов, Б. Раҳимов, С. Раҳимов, Д. Раҷабзода, А.Х. Аминҷонов, М. Тағоймурод, Ш. Абдуллозода, И. Амирбекова, Ф.Б. Худойдодзода, М. Диноршоев, Н.С. Саид, Р.С. Комилов, Д. Фарҳангмеҳр, К. Бортилма, М. Бойс, А.Г. Периханян, А. Озаргушасб, Ҷ. Дустхоҳ, А.А. Мазоҳирӣ, А. Бежан, Ҳ. Ваҳидӣ, И. Содиқ, Ҳ. Бастон, М. Меҳрин, М.Б. Дадашев, Е.А. Дорошенко, А.И. Колесников ва дигарон такя кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси назариявӣ-методологии рисоларо асарҳои классикию муосир дар фалсафа, таърих ва диншиносии ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар кори илмӣ якчанд усулҳои гуногуни илмӣ ва мантиқӣ, монанди усули таърихӣ-фалсафӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ (абстрактӣ) ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, тафсирӣ ва ғайраҳо истифода гардидаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Дар диссертатсияи мазкур сарчашмаҳои фалсафию таърихӣ ва пеш аз ҳама диншисонии ба таҳқиқоти институти оила дар зардуштия ва ислом бахшидашуда истифода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ нахустин таҳқиқоти комплексии таърихию диншиносӣ оид ба институти оила дар таълимоти зардуштия ва ислом ба ҳисоб меравад. Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

– масоили таърихӣ-диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом аз диди намояндагони гуногуни таърихӣ-диншиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои таърихӣ-динии заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия муайян карда шудааст;

– таълимоти зардуштия дар бораи оила аз нуқтаи назари таърихӣ-диншиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳои дар таҳкими оилаҳои имрӯза мусоидаткунанда муайян гардидааст;

– таҳаввули институти оила дар зардуштия муҳокима шуда, муайян гардид, ки институти оила дар зардуштия зери ҳамлаҳои гуногуни таҳаввулотӣ-таърихӣ қарор гирифтааст;

– пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом баррасӣ шуда, бунёди хонавода дар асоси меъёрҳои исломӣ қонеъ намудани талаботи фитрию иҷтимоии инсон муайян шудааст;

– бори нахуст омӯзиши таърихию диншиносии оила ва оиладорӣ, тартиби бастан ва қатъ гардидани никоҳ ва дигар паҳлӯҳои институти оила дар таълимоти ислом дар доираи як таҳқиқоти маҷмуӣ ба иҷро расонида шудааст;

– таҳлили муқоисавии пайдоиш ва инкишофи институти оила дар зардуштия ва ислом гузаронида шуда, арзиш ва аҳаммияти муқаддасоти оиладорӣ дар фарҳангу тамаддуни зардуштия ва ислом ҷиҳати бунёди ҷомеаи солим муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта имкон медиҳад, ки нуктаҳои зерини илмии назариявӣ ва амалӣ ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

1. Зардуштиён дар ҳама муносибатҳо, махсусан, муносибатҳои оилавӣ ба принсипи пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек такя менамудаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки институти оила падидаи нав набуда, таърихи дуру дароз дорад. Таълимоти зардуштия оид ба масъалаи ташаккули институти оила таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар асоси меъёрҳои одатию динии худ чунин заминаҳои иҷтимоиро муқаррар кардааст:

а) расонидани кумаки моддию маънавӣ;

б) манъи гушанишинӣ ва ташкили оилаву хонасозӣ;

в) амали муқаддас будани ташкили ниҳоди оила;

г) мақоми баланд доштани зан дар назди шавҳар;

ғ) озодии зан ва баробарҳуқуқии ӯ бо мард.

2. Институти оила ҳанӯз аз давраи зардуштия дорои махсусиятҳои худ буда, давра ба давра ташаккул ёфтааст. Ҳақиқат, адолат, садоқат, ҷасорат, бовиҷдонӣ, нексириштӣ, порсоӣ, тақводорӣ ва вафодорӣ аҳду паймони заношӯӣ асоси таълимоти зардуштияро оид ба оила ташкил медод. Дар таълимоти зардуштия бисёрзанӣ манъ карда шуда, барои фарзандхонӣ интихоби васеъ пешбинӣ гардида буд. Зардуштиён барои зан аҳамият ва эҳтироми зиёде зоҳир менамуданд. Зану мард аз ҳуқуқи баробарии моддию маънавӣ бархурдор буданд. Занҳо дар корҳои хона баробари мардон машғули фаъолият буданд. Дар гузашта занҳои зардуштиён дорои амвол ва сарватҳои шахсӣ низ будаанд. Нуқтаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки дар вақтҳои лозима занҳо зимоми умури қабилавиро низ дар даст доштаанд. Мутобиқи таълимоти зардуштӣ талоқ ихтиёрӣ набуд ва марду зан наметавонистанд ҳаргоҳ, ки дилашон бихоҳад аз ҳам ҷудо шаванд. Бинобар ин, дар маросими оиладорӣ аз маҳрия ё худ кобин ном намебаранд. Яъне, дар оини зардуштия ҳангоми бастани ақди никоҳ ягон маблағе ба унвони маҳр бар гардани домод лозим намешуд, зеро ҳамон тавре ки дар боло гуфта гузаштем, дар оини зардуштия ҷудоӣ ва ё талоқ дар ихтиёри зану шавҳар набуд. Агар дар зиндагӣ миёни онҳо ягон нобаробарӣ ва ё нофаҳмӣ ба миён омад, онҳо наметавонанд бо ихтиёри худ тасмими талоқ ё худ ҷудоӣ гиранд. Танҳо дар мавриде ки барои барқарории оила ва бақои он ягон чорае набошад, бо огоҳ намудани мӯбад ва дастури ӯ метавонанд аз ҳам ҷудо шаванд.

3. Муҳимтарин талаботҳо барои бастани никоҳ дар таълимоти зардуштия, расидан ба синну соли никоҳӣ, розигии тарафҳо, пайрави зардуштия будан ва вуҷуд доштани шоҳид мебошад. Пайрави ростини оини зардуштия яке аз шартҳои муҳими барпо намудани оила ба ҳисоб мерафт. Ҳеҷ зардуштие ҳақ надошт, ки ба шахси ғайризардуштӣ оила бунёд намояд. Яке аз махсусиятҳои таълимоти зардуштия дар он ифода мегардид, ки ба занон эътибори баланд дода шуда буд. Ба хотири он ки ҳеҷ зане

танҳо ва бешавҳар намонад, дар вақти қатъи никоҳ шавҳар уҳдадор буд, ки занашро ба каси дигар ба шавҳар диҳад ва дар сурате, ки марди дигар он занро қабул мекард, никоҳи зан бо шавҳари пешинаш қатъшуда дониста мешуд. Ин амал на танҳо ҷудошавии оилаҳоро пешгирӣ мекард, балки баҳри пешгирии занон аз танҳоӣ, даст задан ба амалҳои ношоиста равона шуда буд. Ғайр аз ин, мард танҳо дар он сурат бе розигии ҳамсараш зани дигар мегирифт, ки агар ҳамсараш дар муддати 10 сол фарзандор нашуда бошад.

4. Таълимоти исломӣ ба рафторҳои зиште, ки то пайдоиши ислом (замони ҷоҳилияти арабҳо) ба мардум ва оилаҳо расонида мешуд, то як андоза нуқта гузошт. Дар таълимоти исломӣ оила ва муносибатҳои оилавӣ, аслан, тавассути меъёрҳои динӣ (Қуръон, ҳадисҳо) ба роҳ монда мешуд. Махсусияти ин таълимоти динӣ, дар он буд, ки мардум бо як эътиқоди баланд меъёрҳои динӣ-исломиро қатъиян риоя мекарданд ва масъалаҳои мухталифи оилавӣ дар он меъёрҳо муқаррар шуда буданд.

5. Дар таълимоти мусулмонӣ таҷрибаи хуби ҳалли масъалаҳои оилавӣ истифода шудааст. Барои он ки оилаҳо ҷудо нашаванд ва асрори оилавӣ ба дигарон паҳн нагардида, устувории оила нигоҳ дошта шавад, «мурофиаи ҳакамии хонаводагӣ» пешбинӣ гардида буд. Ҳарчанд дар қонунгузории кишвар мурофиаи судии ҳакамӣ мавҷуд аст, вале бо истифода аз таҷрибаи ҳуқуқи мусулмонӣ метавон «мурофиаи ҳакамии хонаводагӣ»-ро махсус, барои ҳалли низоъҳои оилавӣ муқаррар кард. Ин амал метавонад садди роҳи ҷудошавии оилаҳо гардида, устувории оилаҳоро таъмин намояд.

6. Оиди таълимоти зардуштия ва ислом вобаста ба масъалаҳои интихоби ҳамсар, синни булуғ, ғуломии зан, гувоҳии зан, муносибат бо зане, ки дар одати моҳона қарор дорад, сиқти ҷанин, маросими дафн, вақти иҷрои маросими дафн, тақсими мерос, шитоб дар издивоҷ, хостгорӣ, ҳадаф аз ташкили ниҳоди оила, қобилияти ҳуқуқдорӣ, дахлнопазирии манзил, таъмини маҳориҷи ҳамсар мавриди таҳлили муқоисавии диншиносӣ-

таърихӣ қарор дода шуда, маълум гардид, ки дар баъзе масъалаҳо бо ҳамдигар ҳамоҳанг буда, дар баъзе масъалаҳои дигар аз ҳамдигар тафовут доранд. Масалан, вобаста ба масъалаи интихоби ҳамсар тибқи таълимоти зардуштия дар оини зардуштӣ будани зан ҳатмӣ буд, вале дар таълимоти исломӣ мусалмон метавонист бо занҳои дигар динҳои тавҳидӣ (аҳли китоб) оила бунёд кунад; дар масъалаи ғуломии зан тибқи таълимоти зардуштия фарзанди зани ғулом ғулом ба ҳисоб мерафт, вале дар таълимоти исломӣ чунин набуд; вобаста ба синну соли балоғат таълимоти зардуштия танҳо синни 15-солагиро барои марду зан пешбинӣ мекунад, вале таълимоти исломӣ бо дарназардошти омилҳои иҷтимоию биологӣ онро нисбат ба зан аз 9 то 17-солагӣ ва барои мард аз 12 то 18-солагӣ муқаррар кардааст; масъалаи исқоти ҳамл дар ҳар ду таълимот амали гунаҳкорона дониста шудааст; масъалаи дахлнопазирии манзил низ дар ҳар ду таълимот шабеҳ муқаррар гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти оила дар зардуштия ва ислом чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Беҳтар мебуд, ки қонунгузории оилавӣ таҷдиди назар карда шуда, дар он шарту талаботҳои махсус оид ба қатъ кардани никоҳ муқаррар карда шавад. Масалан, ҳангоми қатъ кардани никоҳ шартҳо гузошта шаванд, ки мард на танҳо фарзандонро, балки занро низ марвиди таъминоти моддӣ қарор диҳад. Ин амал дар фарҳанги мусулмонӣ ба назар мерасад, вале то вақти ба поён расидани иддат.

2. Хубтар мешуд, ки зимни бунёди оила, ҳифзи он ва дигар ҷанбаҳои оилавӣ ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ахлоқӣ, оиладорӣ ва динии мардум эътибори ҷиддӣ дода, назорат оид ба таълими маърифати оиладорӣ аз ҷониби сохторҳои дахлдор (аз ҷумла, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷоннок карда шавад.

3. Дар замони ҷаҳонишавӣ, ба манфиат мебуд, ки муассисаҳои таълимӣ мутахассисонро дар рӯҳияи ҷаҳонбинии васеи илмӣ – диншиносӣ, бохабар аз таъриху тамаддуни давлату миллати худ ва фарҳанги миллии

оиладорӣ тарбия намоянд. Аз ин рӯ, диссертатсия ҳамчун мавод имкон медиҳад, ки китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, монографияҳо ва дастурҳои методӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, диншиносӣ ва ғ. таҳия гарданд.

4. Масоили ахлоқӣ, муоширати иҷтимоию оилавӣ, худшиносӣ ва ҳувияти фарҳангӣ-миллӣ аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷаи илмҳои соҳа ба шумор рафта, таҳқиқи масъалаҳои мазкур дар замони ҳозира мубрамияти нав ба нав ба даст оварда истодааст. Дар таълимоти зардуштия ва ислом оид ба ҳалли чунин масоил андешаҳои ҷолибе пешниҳод гардидааст. Бинобар ин, муҳтавои таълимоти мазкур, ки дар кори диссертатсионӣ дарҷ гардидааст, метавонад перомуни таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини фалсафию диншиносӣ ба монанди таълимоти зардуштия ва ислом оиди институти оила ҳамчун базаи илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ мавриди истифодаи васеи муҳаққиқон қарор гирад.

5. Имрӯзҳо ба ҳамагон маълум аст, ки ҷудошавии оилаҳо, махсусан, оилаҳои ҷавон бештар ба назар мерасанд. Маврид ба тазаккур аст, ки кандашавии никоҳ ба шахси қатъкунандаи никоҳ оқибатҳои манфии зиёдеро пеш меоварад, аз ҷумла, баҳсҳо доир  ба тақсими молу мулк, дар назди мард ё зан қарор гирифтани фарзандон, пардохти алимент, маскуннамоӣ ва ғайра. Яке аз сабабҳои кандашавии никоҳ ин дар сатҳи пасти маърифати оиладорӣ қарор доштани никоҳшавандагон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки аз ҷониби мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ курсҳои кӯтоҳмудати маърифати оиладорӣ ташкил карда шуда, ҳар як марду зани никоҳшаванда аз он гузаранд. Пас аз гузаштани курс ба марду зан аз тарафи мақомоти мазкур маълумотнома дода шуда, танҳо пас аз пешниҳоди чунин маълумотнома никоҳи марду зан ба қайд гирифта шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти  диссертатсионӣ ба омӯзиши пайдоишу ташаккули институти оила дар зардуштия ва ислом мутааллиқ мебошад, ки таҳаввулоти самтҳои онро нишон дода, метавонад

ба рушди минбаъдаи ин институти таърихӣ, таҳияи барномаҳо, консепсияҳо ва фарзияҳои нав мусоидат намояд. Маводҳои таҳқиқотии дисертатсиониро барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва матни лексияҳо на танҳо дар диншиносӣ, балки дар назарияи фалсафа ва таърих низ истифода бурдан мумкин аст. Илова бар ин, натиҷаҳои онро дар корҳои илмию таҳқиқотӣ барои омӯзиши амиқи пайдоишу ташаккули институти оила дар зардуштия, ташаккули институти оила дар ислом, масъалаҳои таносуби таълимоти зардуштия ва ислом оид ба институти оила, инчунин, самтҳои дигари масъалаҳои илмҳои ҳамсон (фалсафа, фарҳангшиносӣ, таърих, ҳуқуқшиносӣ) истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи таърихию диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо дар самти мавзуи таҳқиқишуда асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба институти оила дар зардуштия ва ислом асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаи он муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли пешниҳоди маърузаҳо дар конференсия ва семинарҳои зерини илмӣ-назариявӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд: Таълимоти зардуштия дар бораи оила // Конференсияи илмӣ – назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (19-24 апрели соли 2021); Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия // Конференсияи илмӣ – назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба «25-солагии Ваҳдати миллӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (18-23 апрели соли 2022); Нақши бевоситаи падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд // Конференсияи донишкадавӣ дар ДОТ дар н. Рашт таҳти унвони «Оила як рукни асосии ҷомеа», 10-феврали 2021; Институти оила дар зардуштия ва ислом (таҳлили муқоисавӣ-объективӣ) // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 04 сентябри 2021.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он докторант 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз мундарича, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР ЗАРДУШТИЯ

## 1.1. Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия

Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия басо пурқувват аст. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки зардуштиён барои ташаккули институти оила ҳамчун ниҳод ва пойдевори ҷомеа диққати махсус зоҳир менамуданд. Ҳамдигарро барои бунёди институти оила ҳаматарафа дастгирӣ мекарданд. Кӯмакҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва моддию маънавӣ мерасониданд. Тибқи таълимоти зардуштия, агар зардуштие аз ҳамдини худ хоҳиш намояд, ки ӯро дар барпо намӯдани ниҳоди оиладорӣ кӯмак кунад, бояд он шахс, ҳатман, ба ӯ кӯмак расонад, гарчанде ки вазъи иқтисодию иҷтимоии паст дошта бошад. Зеро дар дастуроти ин таълимот кӯмак танҳо ба маънои кӯмаки молӣ наомадааст. Агар ба шахси оилабарпокунанда кӯмаки моддӣ расонида натавонад, ҳатман ба ӯ кӯмаки маънавӣ мерасонад. Яъне ба ӯ ҳар гуна маслиҳатҳо медиҳад ва то ба поён расидани маросими домодии ӯ дар бараш истод мешавад.

Бунёди оила дар зардуштия кори неке ба шумор меравад ва он дар асоси суннати моногамия сурат мегирад. Марду зан якдигарро ба унвони ҳамсар интихоб мекунанд, то ки зиндагии муштаракеро дар намуди оила барои худ бисозанд. Ташкили хонавода дар зардуштия, пеш аз ҳама, ба хотири бештар шудани тавоноӣ дар созандагӣ, пешрафт дар зиндагӣ, ба даст овардани шодиву хурсандӣ ва хушбахтӣ анҷом дода мешавад[43]. Оини оиладорӣ дар зардуштия бояд бар асоси ақлу хирад, инсондӯстӣ, муҳаббати тарафайн, ҳамкориву дилбастагӣ барои ободонию созандагӣ барпо карда мешуд. Бино ба ақидаи муаллифи китоби «Фалсафаи Зардушт» оини мазкур бояд аз нодонӣ, ҳавасу худхоҳӣ ва бадкорӣ дур бошад[44]. Зеро бунёди ин динро андешаи нек, ростӣ, покӣ, порсоӣ, хештандорӣ (худдорӣ,

---

[43] Ниг.: Доктор Фарҳангмехр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. – Теҳрон, 1374 ҳ. – С. 166.
[44] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 166.

сабру таҳаммул), пирӯзӣ бар нафси худ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ ташкил медиҳад[45].

Оини зардуштия бо вуҷуди ин ки дорои арзиши ахлоқӣ аст, ба ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Оини мазкур мухолифи гӯшанишинӣ буда, тарафдори хонасозӣ ва сукунати мардум аст. Зиндагии хонанишинӣ, доштани хона ва ё маҳалли муносиб барои сукунат ва ғайра, аз дастуроти он ба шумор мераванд.

Хонавода, ки имрӯз низ аз муқаддастарин ниҳодҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад, ҳамвора дар зардуштия аз аҳамияти волое бархурдор будааст. То дараҷае ки дар эътиқоди зардуштиён ташкил ва бунёди хонавода, ба сурати таклифе аз таколифи динӣ даромадааст. Яъне ҳар зардуштӣ эътиқодан мукаллаф аст, ки барои ташкил ва бунёди он кӯшиш намояд.

Дар замоне ки занрабоӣ ва ҳатто хариду фурӯши зан дар миёни бисёре аз миллатҳо ва қавмҳои ҳиндуаврупоӣ маъмул буд, издивоҷ дар миёни зардуштиён зери сояи танзиме, ки оини зардуштия оварда буд, қарор дошт. Инчунин, вуҷуди эътиқодоти динӣ ва нақши он дар тафаккури зардуштиён боиси пойдории издивоҷ миёни онҳо мебошад.

Дар тамаддуни зардуштӣ ба масъалаи баробарҳуқуқии занону мардон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нисбати занон эҳтироми махсус зоҳир менамуданд. Бино ба таҳқиқоти Саъдизода Ҷ. ва Сафарзода Н.Ф. дар тамаддуни зардуштия рӯзи махсусе ҷой дошт, ки дар он рӯз занон аз кору бори зиндагӣ фориғ буданд ва мардон ба онҳо тухфаҳо инъом менамуданд[46]. Тамаддуни зардуштӣ, ҳамзамон, ҳуқуқҳои занонро бевосита муқаррар намудааст, ки инро метавон аз Авасто ва дигар сарчашмаҳои нодири замони мазкур мушоҳида намуд[47].

Рафтори мардон нисбат ба занон дар оини зардуштия назокатона буд. Зан чи дар зиндагии шахсӣ ва чи дар зиндагии иҷтимоӣ аз озодии

[45] Ниг.: Бердиев Ш.П., Шомуродов Б.Б. Этика. – Душанбе: Донишварон, 2016. – С. 43.
[46] Ниг.: Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.
[47] Ниг.: Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙРОН, 2018. – 176 с.

комил бархурдор буд. Ба хусус, озодӣ дар интихоби ҳамсар барои ташкили хонаводаи солим. Озодона ҳамсари ояндаи худро интихоб менамуд. Зеро дар зардуштия баробарҳуқуқӣ миёни марду зан вуҷуд дошт ва чигунае, ки мард дар зиндагӣ озод ва соҳибихтиёр буд, зан низ аз ин озодӣ ва ихтиёр бенасиб набуд.

Хонавода аз назари иқтисодӣ, иштирок дар ҳимояи манфиатҳои моддиву маънавиро муҳайё мекунад ва ишқу муҳаббат ба зиндагӣ ва хонавода асоси устувории ин пайванди муштаракона мебошад. Яъне ба зиндагӣ ва хонавода дилгарм будан ва вуҷуд доштани самимияти том миёни аҳли он, ҳомии манфиатҳои моддию маънавӣ мебошад.

Бунёди оила дар зардуштия то андозае писандида аст, ки ҳатто зардуштиён дастур гирифтаанд, ки ба ҳамкешони худ дасти кӯмак дароз кунанд, то ки ба ҳамсари дӯстдоштаи хеш оила барпо намоянд. Дар ин бора низ Доктор Фарҳангмеҳр бо иқтибос аз Вандидот овардааст: «Агар дӯст ва ё бародари ҳамдине ба шумо рӯй овард, ки дар бунёди оиладорӣ ба ӯ кумак кунед, ҳатман бо ӯ ҳамроҳ бошед ва кумаки худро дареғ надоред»[48].

Дар таълимоти зардуштия қонуни «Ашо» (ростӣ, дурустӣ) фаъолият мекунад, ки дар бар гирандаи аслҳои ахлоқии пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек мебошад. Агар аз касе кӯмак хоста шуд ва ӯ кӯмаки худро бо ҷавоби «кӯмак расонида наметавонам» дареғ дорад, он шахс тибқи қонуни «Ашо» амал накардааст. Зеро навъҳои кӯмак хело зиёданд ва номумкин аст, ки шахс ягон навъ кӯмак расонида натавонад. Дар китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» дар мавриди қонуни «Ашо» (ростӣ) чунин гуфта шудааст: «Ашо ҳамчун қонуни адлу дод дар тамоми ҷаҳони ҳастӣ ҳукмфармоӣ дорад ва ҳеҷ падидаву рӯйдоде аз ин қонун дар канор монда наметавонад. Ашуӣ (пойбанди қонуни Ашо) он қадар мақоми арҷманд дорад, ки онро ба унвони сифате ба номи Зардушт ҳамроҳ карда, дар адабиёти

[48] Ниг.: Доктор Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. – Теҳрон, 1374 ҳ. – С.167.

зардуштшиносӣ бо номи Ашузардушт ёд мекарданд»[49]. Барои зардуштия мафҳумҳое чун ҳақиқат, адолат, садоқат, ҷасорат, бовиҷдонӣ, нексириштӣ, порсоӣ ва тақводорӣ хело муҳимманд.

Вазъи иҷтимоии хонавода дар Эрони Бостон нисбат ба соири манотиқи он давра, ба маротиб хубтару беҳтар буд. Сарзамини форсҳо яке аз қадимтарин ва куҳантарин маркази зиндагии аҳли башар ба шумор мерафт. Тақрибан даҳ ҳазор сол пеш аз милод дар Эрони Бостон тағйирот дар вазъи иқлими он ба вуҷуд омадааст. Зимни он инсони ғорнишин оҳиста-оҳиста барои худ хона бино карда, маскуни он шуд.

Дар Эрони Бостон хонавода яке аз марказҳои қудратӣ барои қабила ба шумор мерафт. Дар он зану мард душодуши ҳам қарор доштанд ва корҳои манзилию берун аз манзилиро бо ҳам ба сомон мерасониданд. Аз ҷониби дигар тавлиди фарзанд ва истимрори насл бар уҳдаи зан буд. Аз ин хотир, арзиш ва мақоми зан-модар дар он давра олӣ буд.

Дар дини зардуштия ва китоби муқаддаси он «Авесто» зан аз арзиш, каромат ва эҳтироми волое бархурдор аст, зеро зан-модар рукни асосии хонавода ба шумор меравад. Дар Авесто аз баробарии ҳуқуқи зану мард ба маротиб таъкид шудааст. Бинобар ин, занон дар тӯли таърихи эронзамин дар таҳаввулоти ҷомеа нақши муҳим ва асосӣ доштаанд. Дӯшодӯши мардон дар саҳнаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва ғайра, ҳузур доштанд. Дар натиҷа, бидуни нигариши мусбат ва баҳрагирӣ аз қудрати ҷамъияти занон дар ҷомеа наметавон ба ояндаи матлуб андешид. Аз сурудҳои Готҳо чунин бармеояд, ки «Хшатра Вайриа» нисбат ба дигар сифоти Аҳуромаздо бештар бори фалсафаи иҷтимоиро мекашад. Он ҳамчун иқтидори некӣ ва қувваи раҳмонӣ на фақат умури кишвардорию шаҳриёриро ба маънои маъмули он дар назар дорад, балки тамоми умури зиндагии мардуми хонаводаю деҳ ва шаҳру кишварро дар бар мегирад. Сокинони онҳо аз кишоварзу коргар ва ҳунарманд сар карда, то кадхудову

[49] Ниг.: Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. Муҳаррирони масъул К. Олимов, А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 362 – 363.

шаҳрдору шаҳриёр бояд тамоми кушишу фаъолияти худро барои хидмат ба мардум дар партави қонунҳои Ашоӣ сафарбар намоянд, то адлу адолат дар ҷаҳон барқарор шавад[50].

Чи тавре ки дар боло қайд гардид, «Хшатра Вайриа» ҳамчун иқтидори иҷтимоии некӣ умури зиндагии мардумро аз хонавода сар карда, то сарзамин дар бар мегирад, зеро пешрафту тараққиёти кишвар аз пешрафту тараққиёти деҳот ва хонавода (оила) сарчашма мегирад. Бинобар ин, сокинони хонаводаро аз марду зан зарур аст, ки бо тамоми неру дар паи созандагию ободкорӣ бошанд, то хона ва хонаводаи солим бунёд намоянд. Дар ин бора Зардушт дар Готҳо гуфтааст: «Эй Маздо Аҳуро, инак, ин манам, ки аз рӯи некандешӣ ва неккирдорӣ дар роҳи онам то хонаю хонавода, рустою кишварро ба сомон расонам, маро роҳ намо, то чӣ гуна рафтор кунам ва чи сон васила созам»[51].

Аз иқтибоси боло маълум мегардад, ки Зардушт зиндагии иҷтимоъро дар панҷ поя устувор медонад. Ин панҷ ниҳоди иҷтимоӣ иборат аз хонавода, деҳ, шаҳр, кишвар ва созмони оинӣ дар онҳо мебошад. Зиндагии хонаводагиро Зардушт нахустин ва ягона ҷомеаи хурд медонад, ки пояи саодати инсонӣ аз он шуруъ мешавад. Абӯнасри Форобию Ибни Сино ин масъаларо дар асрҳои миёна инкишоф дода, ба он номи «Мадинаи фозила»[52] ва «Тадбири манзил»[53] гузоштаанд. Дар оини зардуштӣ хонаву хонавода маҳалли муносибату муоширати падару модар ва фарзандон мебошад. Тани инсон, ки аз як мушт гӯшту пӯсту устухон банд ёфтааст, аз лиҳози ҷисмонӣ бо ҳам ҳеҷ тафовуте надорад, вале андешаву равон аз ҳам фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, сарвари хонавода бо аҳли оила тарзе бояд рафтор намояд, ки ниҳоди хонаводаро пойдор гардонад. Зардушт дар Авесто «хонахудои поку саромади порсой» – ро сутуда, хонаводаро дар колбади

---

[50] Ниг.: Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. Муҳаррири масъул К. Олимов, А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 378 – 379.
[51] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 107.
[52] Ниг.: Таърихи фалсафа, китоби дарсӣ барои донишҷӯёни таҳсилоти муассисаҳои олии касбӣ. Ҳайати муаллифон. – Душанбе: Собириён, 2011. – С. 49.
[53] Ниг.: Таърихи фалсафа, китоби дарсӣ барои донишҷӯёни таҳсилоти муассисаҳои олии касбӣ. Ҳайати муаллифон. – Душанбе: Собириён, 2011. – С. 54.

ҷомеа монанди ҳуҷайра дар колбади инсон донистааст. Марди бузурги хонавода роҳбари хурди ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки бояд тавонову додгар бошад ва оиларо аз ранҷу табоҳиву азоб эмин нигоҳ дорад. Мард, зан ва фарзандон дар ягонаи нахустини ҷомеа ҷойгоҳи хоси худро доранд[54].

Дар таълимоти зардуштӣ нақши меъёрҳои дини авестоӣ калон мебошад. У.А. Азиззода дар ин хусус дуруст қайд намудаанд, ки дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши сарчашмаҳои динӣ калон мебошад. Дар сарзамини тоҷикон то ҳукумронии Ҳахоманишиҳо меъёрҳои динии зиёде амал мекарданд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароварданд. Дар баробари меъёрҳои динӣ, меъёрҳои одатӣ ва анъанаҳо низ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши калон мебозиданд[55]. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ дини расмии давлатҳои Ҳахоманишӣ, Ашкониён ва Сосониён оини зардуштӣ ба шумор мерафт[56]. Онҳо бо такя ба таълимоти иҷтимоии зардуштия ба ривоҷу саодати оила эътибори зиёд медоданд. Ҳамон тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ овардааст: «Империяи Сосониён, пеш аз ҳама, бо афзудани нуфузи дини зардуштӣ ва пуштибонии он шуҳрат ёфтаанд... Беҳуда нест, ки таърихнигори аҳди ислом Масъудӣ ҳикмати машҳури «тахт пояи меҳроб асту меҳроб пояи тахт» - ро ба Ардашери Бобакон нисбат медиҳад»[57]. Масъалаи мазкур аз ҷониби Муҳаммад Рашшод ҳам дастгирӣ ёфта, чунин оварда шудааст: «...Дар Эрон подшоҳони сосонӣ мазҳаби Зардуштро ба саросари мамлакат густарида ва ҳама табақотро бад – он кеш дароварданд...»[58] Ин масъаларо муаллифи китоби «Фалсафаи Зардушт» низ баён карда, бо истинод аз таърихи

---

[54] Ниг.: Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ. 1. Муҳаррири масъул К. Олимов, А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 379.
[55] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 33.
[56] Ниг.: Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ. – С. 19.
[57] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 3. – Душанбе: Ирфон, – 2006. – С. 66 – 67.
[58] Ниг.: Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих (дар 7 ҷилд) Ҷилдҳои 3 ва 4, китоби дуюм (таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ ва Саидиён Исматуллоҳ). – Душанбе: Ирфон, 2002. – С. 5.

Ҳиродот чунин овардааст: «Подшоҳони Ҳахоманишӣ ба оилаҳое, ки фарзанди бисёр доштанд, ҳаргуна ҷоизаҳо медоданд»[59]. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки ниҳоди оила дар зардуштия мақоми хосса дошта, он аз заминаҳои хуби иҷтимоӣ бархурдор аст. Гузашта аз ин, амали мазкур ҳамчун як навъи ташвиқ барои ташкил намудани сохтори оила ва инчунин, зиёд намудани афроди он мусоид буд.

Аз дидгоҳи оини зардуштӣ кори аз ҳама арҷманду хуб пайванди заношӯист. Ин пайванди заношӯӣ ихтиёрӣ ва мақоми зану мард дар ҷомеа яксон хоҳад буд. Ба ин маънӣ оини зардуштӣ, ба қавли Афлотун, роҷеъ ба тақсими корҳо на аз рӯи ҷинсият, балки аз рӯи истеъдодро тарафдорӣ намуда, фикри Арастуро, ки нисбати зан ба мардро мисли нисбати каниз ба мавлои худ ё нисбати бадан ба руҳ медонист, рад карда, озодии занро ба миён гузоштааст. Зардушт бо сароҳати том мегӯяд, ки «Зану мард бояд худашон роҳи худро баргузинанд»[60].

Бояд ёдовар шуд, ки дар оини зардуштия ду ва ё бисёрзанӣ ҷоиз нест. Гуфта шудааст, ки чигунае, ки як зан наметавонад дар як замон беш аз як шавҳар дошта дошад, мард низ наметавонад дар як никоҳ ду ва ё зиёда аз он зан дошта дошад. Ба ақидаи зардуштиён ин хилофи қонуни баробарҳуқуқии зану мард, дар оини зардуштия мебошад. Дар сурати мавҷудияти зан ва ё мухолифати ӯ, набояд мард иқдом ба гирифтани зани дувум намояд, зеро амали мазкур хилофи дину оин буда, дар он поймол шудани ҳуқуқи зан ба назар мерасад. Зеро дар дини зардуштия ҳувият ва ҳастии зан мақоми махсус дашта, он ҳамчун офаридаи Аҳуромаздо ва дорои сиришти пок дониста мешавад, ки мисли мард озоду соҳибихтиёр ва масъули аъмоли хеш аст. Вале Е.А. Дорошенко менависад, ки «...ҳолатҳое буданд, ки зардуштиён зани дуюм ва ҳатто, сеюм гирифтаанд»[61].

---

[59] Ниг.: Доктор Фарҳангмехр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. – Теҳрон, 1374 ҳ. – С. 166.
[60] Ниг.: Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ. 1. Муҳаррири масъул К. Олимов, А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 381.
[61] Ниг.: Дорошенко А. Р. Зороастрийцы в Иране (Историко-этнографический очерк). М., Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1982. – С. 80.

Дар фасли 15 Бундаҳиш омадааст: «...онгоҳ Аҳуромаздо равонро, ки пеш аз пайкар офарида буд, дар колбади машия ва машояна бидамид ва онҳо ҷондор гаштанд. Пас ба онҳо гуфт: шумо падару модари мардуми ҷаҳон ҳастед. Шуморо пок ва комил офаридам. Ҳарду андеша, гуфтор ва кирдори нек ба кор бандед...». Дар зардуштия зану мард аз як реша таквин меёбанд, бо ҳам аз замин сар бармедоранд, баробар рушд мекунанд, Аҳуромаздо ба эшон баробар сухан меронад ва дастур низ барои ҳарду муқаррар мекунад. Он ду нахустин сухане, ки ба забон меронанд ин аст: «ҳар яки мо бояд хушнудӣ, дилгармӣ ва дӯстиву муҳаббати дигареро фароҳам созад». Аз ин суханҳо бар меояд, ки дар оини зардуштия зану мард аз ҳамдигар бартарӣ ва имтиёзи фарқкунандае надоранд, зеро марду зан аз назари офариниш ва хилқат низ яксон ва баробаранд. Дар оини зардуштия шахсияти зан на танҳо дар ибтидои ҷаҳон бо мард баробар аст, балки дар поёни ҷаҳон низ бо мард яксон ва баробар аст. Бино ба эътиқодоти зардуштиён ҳангоме, ки «Сушёнат» – мавъуди наҷотбахши охируззамон аз шарқи Эрон зуҳур мекунад, аз ҳар гӯшаи Эрон покон ва диндорон ба ӯ мепайванданд. Теъдоди онҳо ба сиҳазор нафар мерасад, ки ними онҳо мард, ними дигар зан хоҳанд буд. Нуқтаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст ки тибқи эътиқодоти оини зардуштиён аз шаш амшоспандони дини онҳо се тоаш замири мард доранд ва сетои дигараш замири зан.

Дар зардуштия ҳамеша мақоми зану мард баробар ва дар канори ҳам зикр шудааст. Ҳатто иддае аз Эзидон мисли Анаҳито, Амурдод, Хурдод ва Сипандармуз, ки сифоти Аҳуромаздо ҳастанд зан мебошанд. Он чи дар Авесто омадааст, ҳама ишора ба баробарии мардону занон мекунанд. Масалан, дар Фарвардиняшт омадааст: «Ин ки ҳама мардону занони покро меситоем, онҳое, ки равонашон дархури ситоиш аст. Ҳама мардону занони покдинро меситоем»[62].

Зардуштиён барои зан аҳамият ва эҳтироми зиёде қоил буданд. Инчунин зану мард аз ҳуқуқи баробарии моддию маънавӣ бархурдор

[62] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 319.

буданд. Занҳо дар корҳои хона баробари мардонашон машғӯли фаъолият буданд. Ҳамчунин, дар гузашта занҳои зардуштиён дорои амвол ва сарватҳои шахсӣ низ будаанд. Нуқтаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин, ки дар авқоти лозима занҳо зимоми умури қабилавиро низ дар даст доштаанд.

Дар замони шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён занон низ дар радифи мардон дар сохтани коххои шоҳони ҳахоманишӣ ширкат мекарданд ва дастмузди баробари мардон мегирифтанд. Аксаран, касби занон дар он давра, сайқал додани ниҳоии сангнигораҳо ва ҳамчунин, духту дӯзу хайётӣ (дӯзандагӣ) будааст. Қобили зикр аст, ки занҳо дар замони ҳомиладорӣ ва ё таваллуд аз кор озод буданд. Вале аз ҳадди ақалли ҳуқуқ барои гузаронидани эҳтиёҷоти зиндагӣ бархурдор буданд. Илова бар он, ҳуқуқи изофӣ дар намуди маводи зарурии зиндагӣ дарёфт менамуданд. Тааҷҷубовараш ин аст ки дар коргоҳҳои хайётӣ занон ба ҳайси сарпараст ва мудир фаъолият мекарданд ва гоҳо мардон дар зердастии занон қарор мегирифтанд. Аммо занҳои хонадони шоҳӣ аз ҷойгоҳи дигаре бархурдор буданд. Онҳо метавонистанд ба амлоки бузург саркашӣ кунанд. Инчунин, коргоҳҳои азимеро бо ҳама коркунонаш идора намуда, мудирият мекарданд. Бояд қайд намуд, ки муҳосибот ва девонсолори ҳахоманишӣ ҳатто барои Малика низ истисно қоил намешуд. Муҳосабаи воридоту содиротро аз ӯ талаб менамуд.

Занҳои зардуштӣ на танҳо дӯшодӯши мардон дар оинҳои мазҳабӣ ширкат мекарданд, балки дар саҳнаи зиндагӣ ва идораи умури кишвар низ нақши бевоситаи худро мегузоштанд. Бинобар гуфтаи муҳаққиқон, занҳои Эрони бостон (занҳои зардуштӣ) дар замони фармонравоии Ҳахоманишиён, ба хусус, дар давраи шоҳаншоҳии Дорюши бузург (Доро-и I) аз чунин мақоме бархурдор буданд, ки дар миёни ҳамаи халқҳои ҷаҳони бостон назир надошт.

Интихоби ҳамсар низ дар зардуштия ба худи марду зан вогузор будааст. Онҳо дар интихоби ҳамсар озод буда, тибқи дастуроти ин таълимот бояд интихоби оқилона дошта бошанд. Бо дарназардошти

қонуни «Ашо» (ростӣ, покӣ) ҳамсари ояндаи худро интихоб кунанд. Замоне ки Паручиста духтари Зардушт мехост, ки ҳамсаре барои худ интихоб кунад, падараш Зардушт ба ӯ чунин гуфт: «Ту дар интихоби ҳамсар озод ҳастӣ. Бо хоҳиши худ он нафареро ба ҳамсарӣ интихоб кун, ки хиради ту, туро ба он фармон диҳад»[63]. Ин суннат дар «Таърихи фалсафаи тоҷик» низ зикри худро ёфтааст: «Дар Готҳо Зардушт ба духтари худаш ҳангоми ба шавҳар додани ӯ чунин муроҷиат намудааст: «Инак, ту, эй Пуручист, эй ҷавонтарин духтарам, ман, ки падарат ҳастам, Ҷомоспро аз рӯи ростӣ ва маниши пок барои ҳамсарии ту баргузидаам. Инак, бирав ва бо хирадат машварат бикун ва дар сурати қабул ба ишқи пок дар анҷоми вазифаи муқаддаси заношӯӣ рафтор намо»[64].

Дар ҷои дигар Зардушт ба ҳамаи тоза арусон ва тоза домодон чунин панд медиҳад: «Эй тоза арӯсон! Ва эй тоза домодон! Динро дуруст дарёфта, роҳи зиндагиро бо феълу хӯи нек ва табиати хуб бипаймоед. Кушиш кунед, ки дар ростӣ ва дурустӣ аз ҳамсари худ сабқат гиред. Танҳо дар чунин ҳолат зиндагии аз пайванди ҳамсарӣ падидомада, ба ҳардуи шумо шодибахш хоҳад буд»[65].

Муаллифи китоби «Зан дар ҳуқуқи сосонӣ» чунин баён медорад: «Дар оини зардуштия духтар дар интихоби ҳамсар озод буд ва мардеро, ки падараш барои ӯ таъйин мекард, барои ба ҳамсарӣ қабул кардани ӯ маҷбур набуд. Агар мехост қабул мекард ва агар намехост на. Дар сурати напазируфтани интихобкардаи падар, ӯ ҳақ надошт, духтарро аз ирс маҳрум созад ва дигар намуди танбеҳро дар ҳаққи ӯ раво бинад»[66].

Бо вуҷуди ин, падару модар дар интихоби ҳамсар барои духтари худ саҳмгузор буданд. Духтару писар низ ин интихобро гоҳо ба падару модар вогузор менамуданд. Масалан, дар китоби «Достонҳои шоҳнома»

---

[63] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 157.
[64] Ниг.: Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ. 1. Муҳаррири масъул К. Олимов, А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 382.
[65] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 157.
[66] Ниг.: Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ.– С. 5.

омадааст, ки: «Шоҳ Ковус ба ҳамсари худ Рудоба гуфт: Оё вақти он нарасидааст, ки писарам Сиёвуш ҷуфт биҷӯяд ва кадхудо (хонадор, оиладор) шавад... чун Сиёвуш назди падараш омад, Ковус боргоҳро аз бегонагон холӣ намуда, ба фарзандаш гуфт: эй сарафроз фарзандам, ман орзуи набера дорам. Аз Офаридгор мехоҳам, ки ту низ мисли ман падар шавӣ... Акнун ту аз хонадони бузургон зане бихоҳ. Ба тариқи маслиҳат Ковус суханашро идома дода, гуфт: чунончи метавонӣ ба паси пардаи Кайпашан ва Каёрас нигоҳ кунӣ, ки онҳо духтарони моҳрӯ доранд. Сиёвуш дар ҷавоб гуфт: ман шоҳро ҳам фарзанд ва ҳам бандаам, сарафкандаи фармони ӯям, ҳар духтареро, ки шоҳам ва падарам ба ман муносиб бинад, мепазирам»[67].

Духтар низ ҳақ дошт, дар сурате ки домоди интихобнамудаи падару модарро напазируфт, дасти рад бар синаи онҳо бизанад. Тибқи манбаъҳои таърихӣ қонуни замони Сосониён издивоҷеро, ки маҷбуран сурат мегирифт, ҷурм ва хиёнат мешумурд, ки ин кор аз пешрафтҳои бузурги ҳуқуқи сосонӣ-зардуштӣ дарак медиҳад. Ин дар ҳолате буд, ки дар сарзаминҳои ҳамсарҳади Эрон духтарон аз ин озодӣ хабаре надоштанд. Дар Бобул духтар ҳатман мардеро барои ҳамсарӣ интихоб мекард, ки падараш барои ӯ интихоб карда буд. Дар Ҳинд бошад, духтар мисли ашё ба марде дода мешуд, ки маблағи бештаре пардохта бошад. Дар чунин шароит духтари эронӣ-зардуштӣ аз имтиёзҳое бархурдор буд, ки дигар духтарони машриқзамин аз он маҳрум буданд. Ӯ метавонист ёру ҳамдами зиндагиашро ба майлу хоҳиш ва иродаи худ баргузинад. Намунаҳои чунин озодӣ ва ихтиёрӣ дар Шоҳнома низ кам нестанд: «Шоҳдухтар Судоба мухолифи назарияи падараш Ковусро худ ба ҳамсарӣ интихоб кард[68]. Манижа низ ҳамин гуна ба сӯи Бижани паҳлавон – душмани қасамёдкардаи падараш Афросиёб нигарист»[69].

---

[67] Ниг.: Достонҳои «Шоҳнома». Ҳайати таҳририя. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 185-186.
[68] Ниг.: Достонҳои «Шоҳнома». Ҳайати таҳририя. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 181.
[69] Ниг.: Достонҳои «Шоҳнома». Ҳайати таҳририя. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 237.

Дар маросими оиладорӣ инчунин, мӯбад ба маротиб такрор мекунад, ки ҷавонписар ва ҷавондухтар ҷисману руҳан ҳамсари якдигаранд. Ҳам дар зиндагии ин дунё ва ҳам дар сарои абадии охират дар бари ҳамдигар бошанд.

Оиди масълаи мазкур Шакибо Парвин чунин нигоштааст: «Дар оини зардуштӣ ҳар гоҳ писаре бо духтаре издивоҷ кунад, аввал анҷумане бо номи «Гувоҳгирон» барпо мешуд, ки дар он мӯбад чунин хитоб ба домод мекард: «Бидон эй писар, ки духтар чун дар хонаи падар буд, парасторию парвариши ӯ ба уҳдаи падару модар буд ва акнун, ки ба шумо мепайвандад, Парвардигори меҳрубон нигаҳбонии ӯро ба некӣ ба шумо супурдааст. Шумо, ки имрӯз бо ин духт паймони пайванд мебандед, бояд то поёни зиндагӣ дил ба бегона набандед, дар шодию андуҳ ва тавонгарию дарвешӣ бо ҳам якдилу ягона ва дар ҳама ҳолат бо ҳам анбоз бошед. Бояд аз зишткорию нодурустӣ канора ҷӯед, ба ростию покдилӣ гароед, то назди офаридгор сутуда бошед»[70]. Пас аз рӯзи маросими домодию арӯсӣ баъди андаке гашту гузор домод бо ҳамроҳии арӯс ва дигар ҳамроҳон ба хонаи падари арӯс мераванд. Пас аз пазироии мухтасар ва додани ҳадяҳои махсус аз тарафи падари арӯс ба домод, ҳамагӣ ба хонаи домод меоянд. Дар хонаи домод низ тақдими ҳадяҳои тарафайн сурат мегирад. Бо тақдими хӯроку пазироии махсуси меҳмонон ин маросим ба поён мерасад.

Муаллифи китоби «Маросим ва одоби зардуштиён» бар он назар аст, ки ҳамаи он маросимҳое, ки зикрашон дар боло гузашт, то чанд соли охир дар миёни зардуштиён умумият доштанд ва дар ҳамаи мавзеъҳои зардуштнишин бо андак фарқият дар маросимҳои оилабарпокунӣ амалӣ мешуданд. Вале имрӯзҳо баъзан маросимҳое, ки ҷузъи маросими калони оиладорӣ ҳастанд ба мисли ташкили вакиле, ки бояд аз арӯс пеш аз бастани ақд пурсон кунад, ки ӯ розӣ ҳаст ё не ва намояндаи худ дар маросими ақди

[70] Ниг.: Шакибо Парвин. Зан дар Эрони бостон ва дар кишварҳои бостонии дигар // Маҷаллаи Эронзамин. – 2002. – №10. – С. 3.

никоҳ киро таъйин мекунад ва маросими арӯсбиёрон, бо тадриҷ, аз байн рафта истодааст[71].

Бояд қайд намуд, ки дар оини зардуштия талоқ ихтиёрӣ нест ва марду зан наметавонанд ҳаргоҳ, ки дилашон бихоҳад аз ҳам ҷудо шаванд. Бинобар ин, дар маросими оиладорӣ аз маҳрия ё худ кобин ном намебаранд. Яъне дар оини зардуштия ҳангоми бастани ақди никоҳ ягон маблағе ба унвони маҳр бар гардани домод лозим намешавад, зеро чигунае ки дар боло гуфта гузаштем дар оини зардуштия ҷудоӣ ва ё талоқ дар ихтиёри зану шавҳар нест. Агар дар зиндагӣ миёни онҳо ягон нобаробарӣ ва ё нофаҳмӣ ба миён омад, онҳо наметавонанд аз назди худ тасмими талоқ ё худ ҷудоӣ гиранд. Танҳо дар мавриде, ки барои барқарории оила ва бақои он ягон чорае набошад, бо огоҳ намудани мӯбад ва дастури ӯ метавонанд аз ҳам ҷудо шаванд.

Инчунин, дар миёни форсизабонони қадим зан мақоми бисёр олӣ дошт. Дар бисёре аз масъалаҳои зиндагӣ бо мард ҳамкорӣ менамуд. Монанди баъзе аз кишварҳои қафомондаи он вақт, дар зардуштиён духтар манфури хонавода набуд ва пас аз ба дунё омадан зинда ба гӯр намерафт. Дуруст аст, ки писар ба хотири тавоноӣ ва ширкат дар ҷангу шикор ва зироатчигию кишоварзӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дошт. Дар бисёр ҷойҳои Авесто дида мешавад, ки намозгузор аз худованд ва фариштагон хостори писаре аст, ки битавонад ӯ ва хонаводаву шаҳру кишварашро аз зарари душман ва бадхоҳон маҳфуз бидорад. Вале дар Авесто боз ҳаст мавриде, ки далолат ба яксон будани писару духтар мекунад. Яъне, ҳарду ба як андоза дар назди падару модар гиромианд. Ба ин маъно муаллифи китоби «Маросим ва одоби зардуштиён» матлаберо баён мекунад, ки як нафар зардуштӣ зимни дархости неъматҳое ба мисли тандурустӣ, умри тӯлонӣ, шодмонӣ ва зиндагии осуда аз Аҳуромаздо талабгори он аст, ки ба ӯ фарзандони номӣ ва машҳур низ иноят фармояд[72].

---

[71] Ниг.: Ардашери Озаргушасб. Маросими мазҳабӣ ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ.– С. 187.
[72] Ниг.: Ардашери Озаргушасб. Маросими мазҳабӣ ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ. –С. 168.

Чигунае ки дар боло зикр шуд, дар лафзи дуои авестоӣ зикри фарзанди номӣ ва машҳур омадааст. Маълум аст, ки фарзанд ба маънои авлод мебошад ва писару духтар ҳардуро дарбар мегирад.

Зардуштиён ба чор унсур (оташ, од, бод, хок) эҳтироми хос доштанд. Ҳатто аз ин чор унсур имдод низ металабиданд. Ба гунаи мисол дар йасной 65 Зардушт аз обҳо чунин хостааст: «Эй обҳо! Аз шумо чанд гуна бахшиш хосторам: Нерӯ ва фарзандони нек (ончунонки бисёре аз касон орзу доранд) ба-д-он сон ки касе дар паи зиён расондан ва ситам варзидан ба-д-онон ва задану рабудану куштани онон набошад»[73]. Ш.Ш. Шосаидзода зимни шарҳи ин хостори Зардушт чунин андешаронӣ кардааст: «Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар аҳди қадим кӯдакон ҳамчун табақаи муҳтоҷ ба ҳимоя ва осебпазир ҳисобида мешуданд. Дар замони Зардушт низ инсонҳо хостори фарзандони солеҳ ва ҷасур будаанд, ки тавонанд волидайни худро кӯмак намуда, эҳтиромашонро ба ҷо биоваранд. Фарзандоне бошанд, ки нагузоранд то дигарон ба сарзамини онҳо қадам ниҳодаву бо тариқи зӯрӣ ба рабудани молу мулки шаҳрвандон машғул гарданд ва онҳоро асиру ғулом, инчунин, ба қатл расонанд. Яъне орзуи ҳар як оилаи зардуштӣ аз он иборат будааст, ки фарзанди онҳо баҳри ҳимояи сарзамини худ ҳамеша тайёр ва баҳри он ҷони худро дареғ надорад. Ҳамзамон, аз йаснаи мазкур бармеояд, ки дар аҳди бостон ҳуқуқ ба ҳаёт, озоди аз зулму ситам ва ҳифзи саломатии кӯдак ва оилаи ӯ ҳифз мешудааст»[74].

Дар тамаддуни зардуштӣ ба кӯдакон ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ муносибат мекарданд. Эҳтироми кӯдакон ва таълиму тарбияи онҳо дар маркази таваҷҷуҳи зардуштиён қарор доштааст. Бино ба эътиқодоти зардуштиҳо, дар ин тамаддун барои муҳофизат, нигоҳубин, тарбия ва тансиҳатии кӯдакон фариштае бо номи Дрвасп вуҷуд доштааст, ки ӯ онҳоро аз ҳар гуна хатарҳо эмин ва ҳангоми зарурият ба табобаташон машғул мешудааст.

---

[73] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 181.

[74] Ниг.: Мизробов Ш.Ш. Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар тамаддуни зардуштӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №1 (09). – С. 59.

Сарчашмаҳои зардуштия чунин ҳуқуқу озодиҳои кӯдакро кафолат дода буд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳифзи саломатӣ, озодӣ аз зулму ситам, ҳуқуқ ба гирифтани таълиму тарбия-вазифаи падару модар, барпо намудани оила (бо розигии худ) ва ғайра. Миёни ҳамаи ҳуқуқҳои мазкур масъалаи таълиму тарбия аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Ин аст, ки рӯзи махсусе бо номи Хвар[75] мавҷуд будааст, ки дар ин рӯз падару модар кӯдакони худро ба дабиристон месупориданд, то онҳо дабиру фарзона гарданд[76].

Дар ин росто А. Шарипов зимни таҳқиқоташ чунин менигорад: «Зардуштиён насли наврасро аз хурдсолӣ дар ҳамкорӣ бо омӯзгор дар рӯҳияи илмдӯстӣ, поквиҷдонӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ягонагии қавлу амал, саховатпешагӣ, хайрхоҳӣ, эҳтироми калонсолон ва ғайра тарбия менамуданд. Зардуштиён сухани хуб ва муносибати хайрхоҳонаро беҳтарин сифати ахлоқӣ мепиндоштанд. Асоси системаи тарбиявии Зардуштиёнро, пеш аз ҳама, масъалаи омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсон, нақши оила дар тарбияи насли наврас, идеяи дар маълумотгирӣ баробарҳуқуқ будани фарзандони ҳама табақаҳои ҷомеа, идеяи тарбияи ватандӯстию инсонпарварӣ ва меҳнатдӯстӣ, қимати илму дониш дар ҳаёт ва зиндагии инсон, мавқеи омӯзгор дар таълиму тарбияи насли наврас ташкил медиҳанд»[77].

Зардуштиён кӯшиш менамуданд, ки фарзандони худро ростгӯю покдоман, далеру ҷасур ва ватандӯсту ватанпаравар тарбия кунанд. Ингуна сифатҳои хуби инсониро дар замири наврасону ҷавонон ба андешаи пайравони оини зардуштия дар хонавода ва мактаб (дабистон) тарбия намудан мумкин буд[78].

---

[75] Ниг.: Рисолаи рӯзҳо // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 221.
[76] Ниг.: Мизробов Ш.Ш. Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар тамаддуни зардуштӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №1 (09). – С. 63.
[77] Ниг.: Шарипов А. Асосҳои педагогии ташаккули ҳамкории донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №3. – С. 223.
[78] Ниг.: Хайрулло Афзалӣ. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик. – Душанбе, 2008. – С. 6.

Баъзе муҳаққиқон, аз он ҷумла, муаллифи китоби «Фалсафаи Зардушт» бар ин назаранд, ки дар дини зардуштия ба кор бурдани вожаи «никоҳ» ҳангоми маросими хонадоршавии зану мард нораво аст. Зеро дар маросими мазкур марду зани хонадоршаванда баробарҳуқуқ буда, мақсад аз маросими оиладорӣ низ ишора бар пайванди расоӣ ва ё худ пайванди ҷисмию маънавӣ будааст. Дуруст аст, ки вожаи «никоҳ» ҳам ба маънои издивоҷ аст, аммо дар забони арабӣ калимаи «никоҳ» дар асл ба маънои анҷоми амали ҷинсӣ омадааст. Ба ақидаи онҳо ин вожа танҳо ишора бар пайванди ҷисмонӣ мекунад, на пайванди маънавӣ[79]. Дар ҳоле, ки пайванди маънавӣ дар муқоиса ба пайванди ҷисмонӣ пурқувваттар ва муҳимтар аст. Баъд аз баста шудани акд, пайванди моддӣ ба вуҷуд меояд, ки тибқи он марду зан худро ду аъзои як хонавода меҳисобанд. Вале ба моҳияти он сарфаҳм рафтан ва онро ҷамъи доимӣ тасаввур кардан, идроки пайванди маънавӣ металабад. Аз ҷониби дигар, мафҳуми «пайванди маънавӣ» васеътар аст. Он зиндагии муштараке, ки тӯли чанд солҳо миёни зану мард сурат мегирад, онро бисёртар пайванди маънавӣ дарбар мегирад. Зеро дар ин муддат муҳол аст, ки зану мард ҳамешаякҷо бошанд. Бар асари машғули умури зиндагӣ гоҳе вақтҳо миёни онҳо зоҳиран ҷудоӣ ва фосила ба назар мерасад. Дар чунин ҳолат, пайванди маънавӣ аст, ки ҷудоии зоҳирӣ ва мувaққатии онҳо эътиборе надорад ва далолат ба қатъи пайванди заношӯӣ низ намекунад. Яъне гузашти замон ва дурии зану мард аз ҳам наметавонад кучактарин халале дар пайванди маънавии аҳли хонавода эҷод кунад.

Тибқи русуми мардуми пешин, ки имрӯз низ то ҷое маъмул аст, ин аст, ки духтарон баъди ба шавҳар баромаданашон номи (насаб) – и хонаводаи писаронро ба худ мегиранд. Дар ин сурат, кадом марди зардуштие, ки дар оила писар надошта бошад, бо духтар ва домоди худ гуфтушунид мекард, ки агар аз онҳо фарзанди писар ба дунё ояд, аввалин писари худро ба фарзандхондагии ӯ бидиҳанд. Ин ҳангом писар номи

[79] Ниг.: Доктор Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. – Теҳрон, 1374 ҳ. – С. 166.

хонаводаи падарбузург ё модарашро мегирифт ва аз падарбузурги худ низ мерос мебурд.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо дар оини зардуштия панҷ намуди барпо намудани маросими оиладорӣ ҷой доштааст, ки онҳо рӯи ду поя: ҳамбастагии хонаводаҳо ва бақои номи хонавода устуворанд:

1. Маросими арӯсие, ки дар он духтари бокира ба розигии падару модар бо шахси дилхоҳи худ пайванди оилавӣ мебаст. Ин олитарин шакли издивоҷ ба шумор мерафт;

2. Маросими арӯсие, ки дар он падару модари духтар бо духтар ва домодшаванда мувофиқа мекарданд, ки нахустин писаре, ки аз онҳо ба дунё меояд, ба фарзандхондагии онҳо бидиҳанд. Дар ин сурат, писари ба фарзандхондагӣ додашуда аз падарбузурги (Бобо) – и модарии худ низ ирс мебурд;

3. Маросими арӯсие, ки дар он духтар бидуни розигии падару модар, бо шахси писандида ва дилхоҳи худ издивоҷ мекард. Ин ҳангом низ издивоҷи мазкур саҳеҳ ва қонунӣ ба шумор мерафт, аммо духтар аз ҳаққи меросии худ маҳрум мегашт, магар дар сурате, ки падару модар ӯро бибахшанд, ё ин ки ба тариқи васият саҳме барои ӯ таъйин кунанд;

4. Маросими арӯсие, ки хароҷот ва масрафи онро дигарҳо бар уҳдаи худ мегирифтанд. Масалан, марду зане, ки аз издивоҷашон хеле гузаштааст, вале аз онҳо ҳанӯз фарзанде ба дунё наомадааст. Дар ин сурат, онҳо хароҷоти маросими оиладоршавии духтареро, ки мехоҳад издивоҷ кунад, бар уҳдаи худ мегиранд. Ба духтар, хонаводаи ӯ ва домодшавандаи онҳо тааҳҳуд мекунанд, ки як ё чанд фарзандашонро ба фарзандхондагии онҳо бидиҳанд;

5. Маросими арӯсие, ки дар он духтаре, ки қаблан шавҳар кардааст, бо марде ба шавҳар мебарояд. Яъне бо сабабе аз шавҳари қаблиаш ҷудо

шуда, дубора мехоҳад бо марди дилохоҳи худ оила бунёд кунад. Ё метавонист баъд аз вафоти шавҳари худ ин корро анҷом диҳад[80].

Бояд тазаккур дод, ки дар ин панҷ навъи ташкили ниҳоди оила, дар ҳеҷ кадоме аз инҳо никоҳи муваққатӣ ба назар намерасад[81]. Зеро дар зардуштия мақсад аз гирифтани ҳамсар бунёди ниҳоди оила ва ба дунё овардани фарзандони солиму бакамол расонидани онҳо будааст, на дилхушиву комҷӯӣ. Чигунае, ки дар Авасто омадааст: «Зардушт аз Аҳура Маздо пурсид: кадом ҷое дар ин ҷаҳон беҳтар аст? Аҳура Маздо дар посух гуфт: ҳамон ҷое, ки марди диндор хонае бисозад, дар он оташ, шири фаровон, гандуми фаровон ва зану фарзандони бисёр вуҷуд дошта бошанд. Ёрону диндорон низ дар он гирд оянд»[82].

Нависандагони авестоӣ дар таълимоти зардуштия се намуди зерини дастгирии иҷтимоиро зикр кардаанд, ки бар соири саховатмандиҳо бартарӣ дошта, мавриди ситоиш қарор гирифтаанд ва бунёди оила яке аз онҳост:

1. Дастгирии бенавоёну ниёзмандон;

2. Омӯзиш ва парвариши наврасони ҳамдину ҳаммеҳан;

3. Фароҳам сохтани васоили заношӯии ду бенаво бо оини зардуштӣ[83].

Дар зардуштиёни пешин марди оиладор аз бе оила ва марди фарзанддор аз марди бефарзанд бартарӣ дошт. Ин масъала дар Авесто чунин баён ёфтааст: «Эй Спитамон Зартушт! Марде, ки ҳамсаре дорад бартар аз касест, ки ҳамсаре надорад ва писароне падид намеоварад. Касе, ки хонае дорад бартар аз касест, ки хонае надорад. Касе, ки доройӣ дорад басе бартар аз касест, ки ҳеҷ надорад»[84].

Бо сабаби бартарии оиладор аз танҳо, фарзанддор аз бефарзанд, хонадор аз бехона ва доро аз нодор ҳамагӣ кушиш мекарданд, ки аз ҷумлаи

[80] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс. … д.-ра юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 177-178.

[81] Ниг.: Доктор Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. – Теҳрон, 1374 ҳ. – С. 168 – 170.

[82] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 478.

[83] Ниг.: Ардашери Озаргушасб. Маросими мазҳабӣ ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ. – С. 174.

[84] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 494.

беҳтаринҳо бошанд. Як духтари ҷавон, агар пас аз расидан ба синни балоғат бидуни шавҳар мемонд, аз нигоҳи равонӣ ҳамеша ғамгину ношод буд. Аз даргоҳи Аҳуромаздо доимо дархост менамуд, ки барои ӯ як шавҳари ҷавон, зебо, тандурусту солим, хушахлоқу донишманд ва сухандон насиб гардонад. Замоне ин хушбахтӣ комил мешуд, ки ӯ метавонист фарзандони солиме аз он шавҳар ба дунё оварад.

Синни ба балоғат расидан ё худ синни никоҳӣ дар зардуштия понздаҳ буд, ҷавонписарон ва ҷавондухтарон метавонистанд пас аз ба сиини понздаҳсолагӣ расидан оила бунёд намоянд. Дар Вандидод омадааст: «Он мард бояд хоҳар ё духтари худро пас аз расидан ба синни понздаҳсолагӣ бо гушворҳо дар гӯш ба як марди порсои ашоӣ ба занӣ бидиҳад»[85].

Фарҳангмеҳр донишманди эронӣ бо ишора ба таърихи Ҳеродот тафовути миёни маросими хонадории эрониён ва порсиёни Ҳиндустонро баён намуда, гуфтааст, ки дар Эрон маросими оиладориро ҳамеша пеш аз ғуруби офтоб анҷом медиҳанд. Дар Ҳиндустон бошад, порсиёни зардуштӣ маросими номбурдаро пас аз ғуруби офтоб анҷом медиҳанд. Сабаб дар ин аст, ки расми мардуми Ҳиндустон (ҳиндуҳо) чунин будааст ва порсиёни муҳоҷир ба он сарзамин паймон бастаанд, ки ин расму суннатро риоя мекунанд. Он чи миёни порсиён ва эрониёни зардуштӣ муштарак аст, он аст, ки ширкаткунандагони маросимро итминон медиҳанд, ки духтару писар дар камоли озодӣ ва хоҳиши худ хостаанд, ки оила барпо кунанд. Дигар ин, ки аз ҳозирин дархост карда мешавад, ки дар ин маросими динӣ – зардуштӣ баракати минуиро барои духтару писар хоҳон бошанд[86]. Дар баргузории маросими оиладорӣ миёни ҳамаи зардуштиён фарқият ва чигунагие дида намешавад, балки тафовут дар вақти барподории маросими мазкур миёни пайравони оини зардуштия ба чашм мерасад. Масалан, зардуштиёни Ҳиндустон бо табаият аз суннати ҳиндуён маросими хонадориро пас аз ғуруб мегузаронанд, зардуштиёни Эрон бар хилофи

[85] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 575.
[86] Ниг.: Доктор Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. – Теҳрон, 1374 ҳ. – С. 170.

онҳо пеш аз ғуруби офтоб. Бояд ёдовар шуд, ки муҳиммият дар чигунагии баргузории он аст, на дар вақти баргузории он.

Дар ҷои дигар, роҷеъ ба муносибати мард бо зан дар хонавода суханони ибратангези ҳамроҳ бо волоияти мақоми зан омадааст: «Дасти занро бӯса зан, то бузургии пойгоҳи ӯро хоста бошӣ. Агар занеро бигирёнӣ саранҷом рӯзгор гирёнат мекунад. Занро хор макун то ба хорӣ маяфтӣ, паймонатро бо зан машикан, то паймонат шикаста нашавад, дили занро машикан, то дилат шикаста нашавад. Ба зан пушт макун, то рӯзгор ба ту пушт накунад, обрӯи занро марез, то рӯзгор обрӯятро марезонад, ба хостаи зан даст маёз, то хостаат ба бод наравад, занро маёзор, то рӯзгор озорат мадиҳад, занро босазо бисито, то сутуда бошӣ. Эй мард, бо зан бо хубию нармӣ рафтор кун, вале фармонбардору бардаи зан машав, то сабук нашавӣ. Эй зан, бо мард бор бардор ва бизо, бо мард дар ҳама корҳо анбозӣ бикун»[87].

Муаллифи китоби «Маросим ва одоби зардуштиён» ба нақл аз Кристан Син ховаршиносӣ даниягӣ менависад, ки ӯ гуфтааст: «Рафтори мардон нисбат ба занон дар Эрони бостон инсонро ба тафаккур водор мекунад. Дӯшизагони Эрони бостон на танҳо ба вазоифи хонаводагӣ ошно мешуданд, балки усули ахлоқӣ ва қавонини мазҳабии Авесторо низ фаро мегирифтанд. Чи дар ҷамъият ва чи дар зиндагии хусусӣ аз озодии амал бархӯрдор буданд»[88].

Дар зардуштиён ин озодии амал то андозае буд, ки ҳатто, агар ҷавондухтаре мехост бар хилофи хоҳиши падару модари худ бо писаре издивоҷ намояд, волидайни ӯ наметавонистанд ӯро аз ин амал боз доранд. Дуруст аст, ки дар миёни зардуштиён духтарон дар ин маврид аз хоҳиш ва маслиҳатҳои бузургтарон, хусусан, волидайн пайравӣ мекарданд ва амали издивоҷро бо созиши тарафайн ба иҷро мерасонданд. Вале гоҳе авқот падару модаре ёфт мешуд, ки наметавонистанд ва ё намехостанд ба

---

[87] Ниг.: Ваҳидӣ Ҳусайн. Пажӯҳише дар ормони порсоӣ. – Теҳрон, 1394ҳ. – С. 111.
[88] Ниг.: Ардашери Озаргушасб. Маросими мазҳабӣ ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ.– С. 169.

издивоҷи духтарашон бо писари дилхоҳаш розигӣ диҳанд. Дар ин сурат, мӯбадон бидуни ризояти волидайни духтар ва ба хоҳиши онҳо, тибқи қонун ва оинномаи зардуштӣ дастгирӣ менамуданд. Падару модар наметавонистанд, ки монеи анҷоми ин издивоҷ гарданд.

Дар зардуштия пас аз анҷоми издивоҷ ва ташкили хонавода ба тарзи умум шавҳар ба номи авестоии «Нману паити» ва зан ба номи «Нману паини» хонда мешуданд. Ҷузъи аввали ин ду калима вожаи авестоии «Нману» аст, ки ба маънои хона ва ё хонумон меояд. Ҷузъи дуюм бошад, «паити» (сиғаи мардона, ё худ музаккар) ва «паини» (сиғаи занона, ё худ муаннас) ба маънои раис ва сардор омадаанд. Ин ду калимаро муфассирҳои авестоӣ «кадхудо» ва «кадбону» тарҷума кардаанд. Аз муҳтавои ин вожаҳо бармеояд, ки ҳамонгуна, ки шавҳар мақоми кадхудогӣ ва раёсати хонаро бар уҳдаи худ дошт, зан ҳам мақоми кадбонугии хонаро бар зимма дошт.

Дар фасли 28, банди 29 – и китоби «Мотикони ҳазор додистон» чунин зикр шудааст: «...писарон ва духтарон пас аз издивоҷ (низ) дар пардохти қарз ва дайни падару модари даргузаштаи худ бо якдигар шариканд»[89]. Аз ин фатво чунин бар меояд, ки духтарон натанҳо дар ҳуқуқ, балки дар таколиф ва масъулиятҳо низ дар радифи писарони хонавода будаанд. Қонуни хонавода ҳаққи назорати мардро дар хонавода таъйин карда буд. Мард вазифадор буд, ки бо ҳамсар ва фарзандони худ ба хубию меҳрубонӣ рафтор кунад. Падару модар ва фарзандон дар баробари якдигар масяулияти муштарак доштанд.

Дар зардуштия тарбияи кӯдакон дар оила то синни панҷсолагӣ ҳатмӣ буда, он бар зиммаи зани хонавода мебошад, зеро ӯ нисбат ба мард зиёдтар дар хона мемонад. Таълиму тарбияи фаннии кӯдакон аз ин баъд оғоз меёбад. Яъне тибқи муқаррароти оини зардуштия зан дар баробари фаъолияти хонаводагӣ ба тарбияи панҷсолаи фарзанд масъул ҳаст. Ин

[89] Ниг.: Фарухмарди Баҳромон. Модиёни ҳазор доистон (Китоби ҳазор ҳукми судӣ). – Теҳрон: интишороти илмӣ, 1393ҳ./2014м. – С. 330

маънои онро надорад, ки ӯ баъди ба таълиму тарбияи фаннӣ роҳ ёфтани кӯдак аз тарбияи он озод мешавад, балки бар тарбияи ҳатмии кӯдак таълиму тарбияи касбӣ илова мешавад. Ин масъулиятро мо метавонем сарчашмаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»[90] баҳо диҳем. Қонуни мазкур баёнгари он нест, ки волидони тоҷик нисбати таълиму тарбияи фарзанд бемасъулиятӣ зоҳир мекарданд. Зеро халқи тоҷик аз қадимулайём ба ин масълаи ҳаётан муҳим ҳамеша масъулият эҳсос мекард. Инчунин, мақсади ин қонун пурзӯр намӯдани масъулияти падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд, ифода мекунад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки қонуни мазкур як навъи эҳёи суннати инсонгароии ниёгони мо мебошад, ки робитаи дарҳамии оиладории гузаштаву имрӯзаи моро мепайвандад.

Тарбияи фарзанд яке аз омилҳои муҳими хонавода ва ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Ин масъаларо муаллифи китоби «Оини муғон» пайгирӣ намуда, бо истинод аз олимони Ғарби давраи атиқаи юнонӣ чунин овардааст: «Ҳеродот дар китоби машҳури худ «Таърих» навиштааст, ки «Фарзандони эшон (форсҳо) аз панҷсолагӣ то бистсолагӣ таҳти низоми бисёр дақиқтар тарбият мешаванд. Дар ин тарбият, бар се асл беш аз ҳар чиз аҳамият медиҳанд: нахуст аспсаворӣ, дуюм ёдгирии фунуни ҷангӣ ва паҳлавонӣ, сеюм ростгӯӣ ва оинҳои қавмӣ. То панҷсолагӣ фарзандон таҳти назорати модар ва бо вай ба сар мебурданд ва ин аз он ҷиҳат аст, ки агар пеш аз панҷсолагӣ бимиранд, падар алоқаю дилбастагӣ ба онҳо пайдо накарда бошад, ки мутаассир набошад ва аз назари онҳо ин расми оқилона ва хуб аст»[91]. Афлотун дар рисолаи «Алкибиодис» аз қавли Сукрот оварда, ки фарзандони шоҳони эрониро пас аз таваллуд ба тарбияи беҳтарин хоҷагон ва парваришгарон медоданд, то дар парвариши андомҳои ӯ мувозибати шоиста ба ҷой оваранд ва пайкари ӯ бо беҳтарин шакл парварда шавад. Ин

[90] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», аз 2 августи соли 2011, №762 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2022).
[91] Ниг.: Разӣ Ҳошим. Оини муғон. – Теҳрон, 1382ҳ. – С. 25 – 26.

парваришгарон ба сабаби маҳорате, ки дар кори худ ёфтаанд, дорои мақоми бузурганд. Фарзандони хонадони шоҳӣ чун ба ҳафтсолагӣ расид, ӯро ба асп менишонанд ва ба назди устодони саворкорӣ мебаранд ва шикорчигӣ меомӯзанд. Дар чаҳордаҳсолагӣ ӯро ба касоне, ки омӯзгорони шоҳӣ хонда мешаванд, месупоранд. Эшон чаҳор марди баргузидаанд, ки дар миёни мардуми порс бо бартарӣ аз дигарон маъруфанд. Яке фарзонатарин, дигаре додварзтарин, сеюмӣ парҳезкортарин ва чаҳорумин далертарини он мардумонанд[92].

Тарбияи писарон дар зардуштия ҳаматарафа буда, ба онҳо ҳаргуна илму фан меомӯхтаанд. Баъд аз панҷ соли тарбияи аз ҷониби хонавода (зан – мадар) гирифтаашон, онҳоро ба таълиму тарбияи касбӣ фаро мегиранд. Бояд ёдовар шуд, ки зардуштия таълимоти динӣ – ахлоқӣ ба шумор меравад ва табиист, ки дар ин таълимот ба писарон, пеш аз ҳама, аз илми дин ва пасон аз илмҳои дигар меомӯхтаанд. Муаллифи китоби «Зан дар ҳуқуқи сосонӣ» аз ҷавони зардуштие қисса мекунад, ки ӯ барои хидмат ба ҳузури Хусрави Анушервон роҳ ёфтааст. Ҳангоми суҳбат ҷавон худро ба Хусрави Анушервон шиносоӣ намуда, инчунин, аз падару модар ятим буданашро низ баён доштааст. Дар аснои саволу ҷавоб бо ҷавони зардуштӣ маълум мегардад, ки ӯ дар улуми динӣ – зардуштӣ ба мисли як руҳонии (мӯбад) – и варзида баромад мекунад. Ҳамин тавр, ҷавон дар илми адабиёт ва осори адибони ҳамон давра ва пеш аз замони худ маълумоти қонеъкунанда ба Хусрави Анушервон ироа мекунад[93]. Ҷавони зардуштӣ бо вуҷуде, ки аз падару модар маҳрум буд, вале қайим ва сарпарасти ӯ бо пайравӣ аз дастуроти ин таълимот беҳтарин навъи таълиму тарбияро ба ин ҷавон раво дидааст. Ба писарон ҳамчунин, ҳунарҳои асбсаворӣ, тирандозӣ, шикор, гурзпартоӣ, тупбозӣ ва дигар намӯди варзишҳо меомӯзанд. Дар мавриди тарбияти духтарон дар зардуштия эҳтимоли қавӣ меравад, ки тарбияи онҳо бештар ҷанбаи хонадорӣ дорад. Зеро чигунае, ки дар боло

---

[92] Ниг.: Разӣ Ҳошим. Оини муғон. – Теҳрон, 1382ҳ. – С. 91.
[93] Ниг.: Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ. – С. 42.

зикр кардем, ҳангоми барпо намудани маросими хонадоршавӣ зан (арӯс) аҳду паймон медод, ки дар хонаи шавҳар кадбонуи хубе хоҳад буд.

Дар тарбияи маълумотнокии духтарон низ дар таълимоти зардуштия маълумот ворид шудааст. Дар китоби «Зан дар ҳуқуқи сосонӣ» қиссае аз як қозии зардуштӣ нақл мешавад, ки: «ӯро рӯзе панҷ зан дар даромадгоҳи додгоҳ нигоҳ медоранд. Яке аз онҳо ба ӯ як чанд суоли ҳуқуқие дар мавриди масъалаҳои марбут ба «замонат» ва «аҳлият» матраҳ месозад. Қозии номбурда ба баъзеи суолоти занҳо посух медиҳад, аммо дар охирин суоли онҳо дар ҷои худ истода, чӣ гуфтанашро намедонад. Яке аз занҳо каме ба пеш омада, ба ӯ мегӯяд: ҷаноби устод, беҳуда ба мағзи худ фишор надиҳед ва ба осонӣ бигӯед, ки намедонам. Посухи ин суолро метавонед дар фалон китоб биёбед»[94]. Дар ин хусус, дар «Авесто» омадааст, ки «Ҳар марду зан ва ё писару духтар бояд дар роҳи дониш ва биниши худ бикӯшад, ки дониш дидаи биност ва ҳар кӣ донишманд набошад, кӯр ва нотавон аст»[95].

Ҳамон тавре ки дар «Авесто» омадааст: «Агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон фирист, зеро ки фурӯғи дониш чашми равшан ва биност»[96].

Чигунае ки маълум аст, дар таълимоти зардуштӣ фарзанд аз беҳтарин неъматҳои илоҳӣ дониста мешуд. Барои тарбияи фарзандони оилаҳои зардуштӣ анъанаи мазҳабӣ ва меъёрҳои ахлоқие муқаррар шуда будаанд, ки зардуштиён он муқарраротро ба ҷо оварда, аз рӯи ҳамон талабот фарзандони худро таълиму тарбия менамуданд. Падару модарон муваззаф буданд, ки фарзандони худро ба дабиристон бифиристанд, то ки онҳо илму ҳунар омӯзанд.

Ардашер – донишманди эронӣ дар ин бобат овардааст, ки: «Эрониёни бостон (зардуштиён) дар омӯзиш, парвариш ва тарбияи

---

[94] Ниг.: Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ. – С. 43-44.

[95] Ниг.: Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе, 1994. – С. 47.

[96] Ниг.: Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дустхоҳ. – Душанбе: “Қонуният”, 2001.– С. 78.

ҷигаргӯшаҳои худ (фарзандони худ) барои зиндагии ояндаи онҳо дар ҷамъият, кӯшиши фаровон ба кор мебурданд. Писарон аз фунуни саворию тирандозӣ ва дигар ҳунарҳои паҳлавонӣ баҳра мегирифтанд. Духтарон бошанд, дар корҳои хонаводагӣ ба монанди духту дузу пухту паз ва дигар намуди корҳои хонагӣ омӯзиш медиданд. Дар бораи усули ахлоқӣ, омӯзишҳои мазҳабӣ ва дигар донишҳо тарбияти онон яксон буд ва духтару писар ба як андоза баҳраманд мешуданд»[97].

Адолф Рупп дар «Мазҳаб ва маросими эрониёни қадим» ном таҳқиқоташ ба масъалаи таълиму тарбия аҳамият дода, навиштааст: «Чизе, ки дар таърихи Осиёи Миёнаву Эрон беш аз ҳар чиз ҳолиби таваҷҷуҳ буд ва руҳи маънавии мардумони эронинажодро дар зиндагии иҷтимоии онон муҷассам менамояд, тарзи таълиму тарбияи онҳост. Ин таълиму тарбия аз туфулият дар руҳи ҷавонон маншаи эҳсосоти некӣ гирифта, эшонро дар ҳар кор ба шоҳроҳи ростӣ ва тараққӣ роҳнамоӣ менамуд, аз ибтидо қувваи равонӣ ва ҷисмонии эшонро муҳайёи кор намуда, ҷомеаи саҳеҳу солиме тарбият менамуданд»[98].

Дар таълимоти зардуштия, инчунин, барои тоза нигоҳ доштани оила ва муҳити атроф низ дастурот омадааст. Амали мазкур кори писандида ва нек ба шумор рафта, бар зиммаи марду зан гузошта шудааст. Зеро ҳуқуқи зану мард дар он баробар эътироф шуда, ҳар дуро бо ҳам ба кори хайр даъват мекунад. Чигунае, ке дар китоби муқаддаси зардуштиён Авесто омадааст: «Он чиро, ки ҳар марде, ё зане донист, ки дурусту нек аст, бар ӯст, ки худ ба кор бандад ва дигаронро низ биогоҳонад то онро – ончунонки ҳаст – ба кор банданд»[99].

Дар таълимоти зардуштия баъдан сарчашмаҳои зиёди динию ҳуқуқие ба мисли: «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояст ва нашояст», «Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Панду андарзҳои Анӯшервон» ва ғайра эҷод мешаванд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои табиӣ ва иҷтимоӣ аз қабили:

---

[97] Ниг.: Ардашери Озаргушасб. Маросими мазҳабӣ ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ. – С. 169.
[98] Ниг.: Эронӣ Диншоҳ. Ахлоқи Эрони Бостон. – Теҳрон 1334ҳ. – С. 47.
[99] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 120.

ҳуқуқ ба ҳаёт, ба зиндагии хушбахтона, ба интихоби касб, ба никоҳ ва озодии никоҳ, ба моликият, ба таҳсил, ба муҳити мусоиди зист ва ҳатто ҳуқуқ ба ҳаёти ҳайвоноти фоидаовар инъикоси худро ёфтаанд.

Ҳар як таълимот дар сурате пазируфта мешавад ва ба музаффарият умед баста метавонад, ки на танҳо ба хостаҳои маънавӣ ва идеологии замон, балки ба ниёзҳои иҷтимоӣ – иқтисодии аҳли ҷомеа ҷавобгӯ бошад. Шояд яке аз асбоби густариши Зардуштия ва тӯли 421 сол дини расмии мардуми эронинажод будани он дар ҳамин бошад.

Дар таълимоти иҷтимоии Зардуштия масъалаи бисёр муҳим – масъалаи сохтори иҷтимоӣ – давлатӣ аст. Табақабандии ҳайъати ҷомеа дар таълимоти Зардуштия ба сурати зайл аст: руҳониён, ҷанговарон, пешоварон ва кишоварзон. Дар оғози пайдоиши Зардуштия руҳониён танҳо мутасаддии оташкадаҳо, ширкат дар гузаронидани маросимҳо ва ҷашнҳои мазҳабӣ ва таълиму тарбияи кӯдаконро бар зимма доштанд. Вале баъдтар, хусусан дар замони Сосониён ба дарбор роҳ ёфтаанд.

Бештар таълимоти ахлоқӣ – иҷтимоии зардуштия таваҷҷуҳи инсониятро ба худ ҷалб мекард. Зардушт муқобили тарзи ҳаёти кучманчигӣ буда, ҳаёти муқимии осоиштаро ташвиқ менамуд. Зардушт бар зидди муҳоҷиркунии мардум низ баромад карда, тарафдори муқимнишинӣ ва барқарор намӯдани ҳокимияти пурзӯру зиндагии осоишта дар рӯи замин буд ва ба тарзи одилонаву холисона шаклҳои пешқадами хоҷагидориро тарғиб менамуд. Зеро дар муҳоҷиркунонӣ ҳуқуқи озодона интихоб кардани манзилу макон аз ҷониби шахс поймол шуда, ба шахс зарари моддию маънавӣ мерасад. Бино ба гуфтаи Саъдулло Раҳимов «Дар тасаввуроти Зардуштӣ ба инсон ҳуқуқи интихоб дода шудааст»[100]. Дар низоми ҳуқуқии зардуштия оид ба бисёре аз ҳуқуқҳои инсонӣ, дар шаклҳои гуногун масъалгузорӣ шудааст. Дар низоми ҳуқуқии мазкур ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба ҳаёти хушбахтона, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба озодии никоҳ, ҳуқуқ ба

[100] Ниг.: Саъдулло Раҳимов. Эстетика зороастризма. – Душанбе: Дониш, 2006. – С. 152.

моликият, ҳуқуқ ба шароитҳои ҳаёти осоишта ва ғайра дар асоси сарчашмаҳои расмӣ, аз ҷумла, Авесто пешбинӣ гардидааст[101].

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки таълимоти зардуштия институти оиларо аз пайдоиш то ташаккули рукнҳои оилавӣ дар меъёрҳои динию одатӣ, аз ҷумла, сарчашмаҳои худ муқаррар кардааст. Таълимоти зардуштия дар тули мавҷудияти худ нисбат ба оила, зан, модар, кӯдак, фарзандхонӣ, никоҳ, шартҳои никоҳ, талоқ ва дигар паҳлӯҳои институти оила меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ намуда, ин падидаҳоро ҳамаҷониба мавриди ҳифозат қарор додааст.

## 1.2. Таълимоти зардуштия дар бораи оила

Дар таълимоти зардуштия барпо намудани оила бисёр кори писандида ба шумор меравад. Аз он саркашӣ кардан ва ихтиёри зиндагӣ ба ҳолати танҳоӣ амали нописанд ва мавриди накуҳиш мебошад. Дар бисёре аз ҷойҳои Авесто ба диндорон супориш шудааст, ки аз беиффатӣ, зино ва корҳои ношоиста бипарҳезанд. Дар ҳар маврид кӯшиш намоянд, ки гоме бар хилофи иффат, покдоманӣ, ашоӣ ва парҳезгорӣ бар надоранд. Ҳар фарди диндори зардуштӣ вазифадор аст, ки чун ба балоғат расад, барои худ ҳамсареро интихоб намояд ва зиндагонии хуби хонаводагиро зери парчами меҳру муҳаббат ва ягонагию якрангӣ бо ӯ оғоз намояд. Дар тӯли зиндагии якҷояи худ кушиш намояд, ки фарзандони номвар ва лоиқи хушбахтию пешрафти халқу кишвар тавлид ва парвариш намояд. Дар таълимоти зардуштӣ оила муқаддас эътироф гардида, хиёнат кардан ба ҳамсар ҳамчун кирдори манфӣ баҳо дода мешуд. Тавре У.А. Азиззода қайд менамоянд, агар зан шавҳарашро хиёнат мекард, он гоҳ ба вай ҷазои қатл татбиқ карда мешуд. Ҳатто мард метавонист худаш ҳамсарашро қатл

[101] Ниг.: Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таълимоти динӣ ва фалсафӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №2 (10). – С. 29.

намояд, барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ. Ҳуқуқи ҷиноятии халқи қадимаи тоҷик оиларо қадр мекард ва онро аз таҳдидҳои ҷиноятӣ ҳифз менамуд[102].

Дар Авесто омадааст: «Гов ба соҳибаш нафрин кунад, эй ки маро хуроки кофӣ намедиҳӣ, то зану фарзандони худро сер нигоҳ дорӣ, бишавад, ки бефарзанд монӣ ва ба бадномӣ дучор шавӣ»[103]. Муфассирони авестоӣ баён намудаанд, ки дар ин қисми Авесто вожаи авестоии «наиряо» (Nairyao) ба кор рафтааст, маънои «зан» – ро ифода мекунад. Яъне дар Авесто ибораи зану фарзандон омадааст, на занону фарзандон.

Масъалаи дигаре, ки дар издивоҷи зардуштиён аҳамияти калон дошт, ин буд, ки зану шавҳар ҳарду бояд дар оини зардуштӣ ва маздояснӣ бошанд. Чигунае ки дар боло қайд карда гузаштем, дар маросими гувоҳгирон мӯбад хитоб ба зану шавҳар мефармуд, ки ба оини маздояснӣ устувор буда, пойбанди қонунҳои ашоӣ бошанд. Дар фаргарди дувоздаҳуми Вандидод омадааст, ки ҳаргоҳ яке аз ҳамбастагони наздики мо ба ақида ва ё мазҳаби бегона дароянд, мо бояд пайванди худро бо чунин касе қатъ кунем. Тавре ки профессор А.Ғ. Холиқов қайд мекунад: «Мувофиқи Авасто узви комилҳуқуқи ҷамъият танҳо пайравони дини зардуштӣ ба шумор мерафтанд»[104]. Номбурда дар ҷои дигар низ бо ҳамин мазмун чунин қайд мекунад: «...миёни меъёрҳои ҳуқуқии Авасто мафҳумҳои ҳуқуқие ҷой доранд, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии зардуштиёнро муқаррар менамоянд, ... вале ҳамзамон пайравони дини зардуштро нисбатан комилҳуқуқ меҳисобид»[105]. Метавон гуфт, ки аввалин сарчашмае, ки дар он оиди таълимоти зардуштия дар бораи оила сухан меравад, ин китоби Авасто ва сониян, дигар сарчашмаҳое мебошанд, ки қисман ва ё пурра то замони мо расидаанд. Сарчашмаҳои мазкур дорои баландтарин афкори ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ буда,

[102] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015.– С. 34.
[103] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 71.
[104] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 73.
[105] Ҳамон ҷо.

дарбаргирандаи масъалаҳои зиёдеанд, ки яке аз онҳо тарзи дуруст барпо намудани оила, дуруст тарбия намудану ба воя расонидани фарзанд ва инчунин, эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқҳои фарзанд мебошад[106].

Дар Авасто ба мафҳуму ибораҳое рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки дар онҳо пайравони оини зардуштия ба зиндагии софдилонаи хусусияти прогрессивидошта талқин шудаанд: «Ман ба ҳамаи онҳое, ки бо ҳайвоноти хонагии худ дар рӯи замин зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқи озодонаи ҳаракат ва интихоби маҳалли зистро иҷозат медиҳам»[107]. Зери ибораи «интихоби маҳалли зист» интихоби озодонаи ҳамсар низ метавонад ҷой дошта бошад. Зеро тибқи таълимоти зардуштия ҳар фарди зардуштӣ дар интихоби ҳамсар ва бунёди оила озод аст. Ҳеҷ қуввае садди он нахоҳад шуд.

Дилафрӯз Раҷабзода оид ба нақши сарчашмавии Авесто дар танзими оила ва оиладорӣ чунин баён мекунад: «Нақши муҳим ва босазоро дар ҳалли масъалаҳои оила ва оиладорӣ Авасто доро мебошад. Ин китоб ҷанбаҳои мухталифи ҳаётро дар бар гирифта, принсипу қоидаҳои дурусти тарзи ҳаёт, хоҷагидорӣ, ҳифзи оила ва фарзанд, никоҳ, муносибатҳои хешутаборӣ ва ғайраро муайян менамуд. Абӯлқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и хеш оиларо ҳамчун қисмати устувор ва бузурги тамаддуни эрониҳо меҳисобид. Оилаи эрониҳои қадим аз падару модар, фарзандон, ғулому хизматгарон иборат буд. Нақши зан дар оила хело бузург буд. Тибқи таълимоти зардуштия шарти аввалиндараҷаи бастани ақди никоҳ ин розигии духтар ва дар баъзе мавридҳо розигии падару модар буд. Яъне мувофиқи оини зардуштия волидайн хотиррасон буданд, ки ҳангоми ташкили хонаводаи фарзандони худ, аввалан созгор омадани фарзандони худро бо ҳамдигар ба инобат гиранд»[108]. Дар Авасто аксаран ба танзими муносибатҳои оилавӣ, махсусан, ба масъалаҳои ақди никоҳ, ҳифзи ҳуқуқи

---

106 Ниг.: Мизробов Ш.Ш. Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар тамаддуни зардуштӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №1 (09). – С. 58.

107 Ниг.: Авеста: избранные гимны / Пер. И. М. Стеблин-Каменсково. – Душанбе, 1990. – С. 72, 76.

108 Ниг.: Раҷабзода Д. Омӯзиши анъанаҳои халқӣ ва нақши онҳо дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ зимни адабиёти фалсафӣ-таърихӣ ва педагогӣ-равонӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №6. – С. 226.

кӯдакон ва муносибатҳои молумулкии зану шавҳар оила диққат дода шудааст[109].

Зардуштиён заношӯиро танҳо ба хотири бартараф кардани ҳоҷатҳои ҷисмонию ҷинсӣ анҷом намедоданд, балки нисбат ба он ҳадаф ва ормонҳои бисёр олӣ доштанд. Ин ҳадаф фароҳам кардани васоили пешрафти маънавӣ ва ғалабаи некӣ бар бадӣ мебошад. Бинобар ин, ташкили хонавода дар зардуштиён амали муқаддас ва мавриди ситоиш аст. Зан пас аз издивоҷ дар сафи ҳамсарии шавҳар қарор мегирифт, на дар радифи амвол ва ё аз тобеини ӯ. Ба ибораи дигар, зан канизи мард набуд, балки ҳамсар, ҳамдил ва ҳамроҳи мард ба шумор мерафт. Дар тамоми ҳуқуқ бо мард баробар ва дар ҳамаи умур бо ӯ шарик буд. Зеро мафҳуми «ҳамсар» ифодагари категорияҳои ҳамроҳ, ҳамдил, ҳамфикр, ҳамнишин, ҳамдин ва ғайра мебошад.

Дар назари зардуштиён издивоҷ ҳамон натиҷаи розигии зану мард барои бунёди оила мебошад, ки он дар миёни зардуштиён аз маънои мазҳабӣ-иҷтимоӣ бархурдор буд. Зиндагии муштарак миёни зану мард ва ё ташкили хонавода, аз нигоҳи иҷтимоӣ низ дорои аҳамияти волое буд. Масалан, дар замони Сосониён шоҳаншоҳон ба унвони намояндагони ростини Аҳурамаздо дар рӯи замин аз издивоҷи мардум ҳимоят мекарданд. Давлат ҳар сол барои гурӯҳи зиёде аз ҷавондухтарони ниёзманд ҷиҳози арӯсӣ фароҳам мекард. Духтарони бесоҳиб ва бе ҷиҳозро ба маблағи худ шавҳар медод. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ дар анҷом додани ин гуна некукориҳо Хусрави Анушервон саромади дигар подшоҳони сосонӣ буд. Ин аз заминаҳои бойи иҷтимоии ниҳоди оила дар зардушти далолат мекунад[110].

Ф. Гулмадов чунин менигорад: «Дар аҳди Зардушт оила дар масъалаи таълиму тарбияи кӯдак дорои мақоми махсусе буд. Эҳтиром ба аъзои оила

---

[109] Ниг.: Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таълимоти динӣ ва фалсафӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №2 (10). – С. 32.

[110] Ниг.: Носируддин Соҳибуззамонӣ. Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ. – Теҳрон, 1338 ҳ.; Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан (фалсафаи Зардушт). – Теҳрон, 1374 ҳ. – С. 167.

ба хусус, зан дар таълимоти Зардушт ба хубӣ инъикос ёфтааст. Китоби динии пайравони зардуштия – Авесто оиларо муҳимтарин зербинои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳамчунин, эҳтиром нисбат ба занро сабаби наздик шудан ба Аҳуромаздо шуморидааст»[111]. Қобили зикр аст, ки нақши зардуштия дар масъалаи оила ва оиладорӣ, никоҳ ва зиндагии муштарак хело ҳам калон буд. Оини зардуштия ҳуқуқу уҳдадориҳо ва тарзу усули зиндагии оилавиро муайян мекард.

Дар оини зардуштия бисёрзанӣ ҷоиз нест ва ба гирифтани як зан супориш шудааст. Ҳамонгуна, ки як зан наметавонад дар як замон ду ва ё зиёда шаваҳар дошта бошад, барои мард низ раво нест, ки аз як зан зиёд дошта бошад. Магар дар сурате, ки марг ва ё сабабе аз асбоби дар оинномаи зардуштиён зикршуда зани аввалаи ӯро аз ӯ гирифта бошад ва мард амалану шаръан бидуни зан бошад. Бо тариқи истисно, танҳо як нафар метавонист, ки бо вуҷуди доштани як зан иқдом бо гирифтани зани дуюм кунад, он ки зани ӯ ба ташхис ва исботи табибон нозоям буда, қодир набошад, ки барои шавҳари худ фарзандони солим ва порсо ба дунё оварад. Танҳо дар ин сурат мард метавонист бо мақсади зиёд кардани насл бо огоҳӣ ва рухсати зани якуми худ, зани дуюм интихоб намояд.

Яке аз сарчашмаҳо, ки дар он оиди таълимоти зардуштия дар бораи оила инъикос ёфтааст, ин «Қонунномаи Сосониён» мебошад. Қонунномаи мазкур бо номи «Қонуни мадании зардуштиён» низ зикр мешавад. Ба чунин унвон номгузорӣ шудани сарчашмаи мазкурро профессор М.З. Раҳимзода ингуна маънидод мекунад: «Бояд қайд намоем, ки Қонуни мадании зардуштиён номгузорӣ кардани Қонунномаи Сосониён бесабаб намебошад, зеро дар чилу чор фасл асосан, сухан дар бораи муносибатҳои маданӣ (башарӣ), аз ҷумла, оилавӣ, мерос, мурофиаи маданӣ, муомилот, кафолат, замонат ва ғайра меравад»[112].

---

[111] Ниг.: Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 84.

[112] Ниг.: Раҳимзода М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои таърихи инкишофи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2018. – № 3 (31). – С. 15.

Зардуштиён ончунон ба хонавода аҳамият медоданд, ки аз машғулиятҳое, ки мусталзами танҳоӣ буд, ё аз амали иҷтимоие, ки мардонро муддати дуру дароз аз ҷамъи хонаводаашон дур нигоҳ медошт, хушашон намеомад. Ҳатто сарбозони зардуштӣ ҳама зан доштанд ва дилбастаи мулоқоти хонаводаи худ буданд. Чанд моҳе аз солро дар хидмат ба шоҳи мамлакат мегузарониданду халос.

Ба андешаи М. Ҳазратқулов дар оини зардуштӣ хонаву хонавода маҳалли муносибату муошират падару модар ва фарзандон ба шумор мерафт. Марди бузурги хонавода роҳбари хурди ҷомеа маҳсуб меёфт ва бояд тавонову додгар бошад, оиларо аз ранҷу табоҳӣ эмин нигоҳ дорад[113]. Хонавода он чунон аз решаҳои мустаҳками иҷтимоӣ бархурдор буд, ки ҳатто фарзанддор нашудану нозоям будани зан низ барои барҳам хурдани паймони заношӯӣ далел ба шумор намерафт. Дар сурати фавқуззикр зардуштиён ба роҳатӣ кӯдакеро ба фарзандхонӣ мепазируфтанд. Бо вуҷуде, ки тибқи оинномаи дини худ бо риояти ҳуқуқи ҳамсари аввалаи хеш, ба интихоби ҳамсари дигар рухсат доштанд. Вале, матнҳои паҳлавии «мотикони ҳазор додистон», танҳо як намуна аз дузанагӣ мебинем, ки ин далел бар он аст, ки чунин амал дар миёни зардуштиён ба нудрат ёфт мешудааст.

Номҳои дигаре, ки далолат ба ин сарчашма мекунанд, иборатанд аз: «Мотикони ҳазор додистон», китоби «Ҳазор корҳои судӣ» ва ғайра мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаи мазкур дар аҳди давлатдории Сосониён дар давраи ҳукмронии Хусрави 2 аз ҷониби Фарухмард писари Баҳром (591-628) ҷамъоварӣ карда шудааст[114]. Аз мутолиаи ин сарчашмаи таърихӣ маълум мегардад, ки мувофиқи меъёрҳои оини зардуштия барпо намудани оила амали муқаддас ва қобили ситоиш ба шумор мерафт. Мақсад аз издивоҷ бунёди оилаи солим ва тавлиди фарзандони солим ва давомдиҳандаи умри волидайн буд. Дар фасли 19 банди 3-и Қонуннома

---

[113] Ниг.: Муҳаммадкул Ҳазратқулов. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: «Дониш», 2006. – С. 491.
[114] Ниг.: Ҳоҷиев М.С. “Қонунномаи Сосониён” ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №9. – С. 351.

чунин омаддаст: «Падару модар ҳақ надоранд духтари худро барои издивоҷ бо марде маҷбур намоянд»[115]. И. Яхкашифар чунин менависад: «Мотикони ҳазор додситон» дар худ муқаррароти комилеро оиди масъалаи оила ҷой додааст»[116].

Дар оини зардуштия дар сурате марди зардуштӣ бо вуҷуди доштани зан метавонист ба гирифтани зани дувум иқдом кунад, ки зани аввал фавт карда бошад ва ё бо ташхиси табибон ақим ва нозоям бошад. Инчунин, розигии худро барои ин кор эълон карда, мухолиф набошад. Дар зардуштия ҳадаф аз ин амал бақои насл ва парвариши фарзандони нек барои дину дунёст. Нуқтае, ки ҷолиби диққат аст, ин дар тафаккури зардуштиён ҷой доштани масъалаи ба фарзандхонӣ пазируфтани кӯдакони дигар мебошад. Амали мазкур танҳо ба хонаводагони бефарзанд хос намебошад, балки хонаводае, ки фарзанд ҳам дошта бошад, агар бубинад кӯдаке аз парасторию нигаҳбонии шоиста бархурдор нест ва ё дар роҳ бесоҳиб монда аст, мукаллаф аст, ки он кӯдакро ба фарзандӣ бипазирад. Зеро овардани кӯдаки бесаробоне ба оғӯши хонавода дар оини зардуштия маншаи мазҳабӣ дорад. Инчунин, ин амал дорои подоши нек буда, мартабаи ибодатро дорад.

Мувофиқи маълумоти Қонуннома дар миёни зардуштиён қобилияти соҳибҳуқуқии шахс аз лаҳзаи таваллуд оғоз мегардид. Ин чунин зикр шудааст, ки сардории оиларо мардон бар ӯҳда доштанд. Инсон дар оила нашъу намо ёфта, баъд аъзои уҳдадори ҷомеа мегардад. Ҳар як аъзои ҷомеа метавонист барои худ ворис ва ё ҷойнишин дошта бошад, ки баъд аз даргузашти ӯ ҷойнишинии ӯро бар уҳда гирад. Дар сурати набудани ворис нафаре ба ҷойнишинии шахси гузашта таъйин мешуд, ки тамоми уҳдадориҳои ӯро бар зимма мегирифт[117].

---

[115] Ниг.: Мухтасари Қонунномаи Сосониён (Зери назари профессор Холиқзода А.Ғ). – Душанбе: Эр граф, 2015. – С. 5.

[116] Ниг.: Исмоил Яхкашифар. Татбиқи муқарраротн кайфарии Ҷумҳурии исломии Эрон бо усули ҳоким бар конвенсияи байналмилалӣ перомуни ҳуқуқи кӯдак // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – №3/8 (150), қисми 2. – С. 66.

[117] Ниг.: Периханян А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский приоды. – М.: Издательство «Наука», 1983. – С. 87.

Муъмин, ки ба қайди пайванди заношӯӣ тан медиҳад, барои равони худ саодат ва хушбахтии ҷовидона фароҳам меоварад ва ба сӯи зиндагии оянда роҳи хуҷастаеро барои худ мекушояд, зеро муъмин бояд дар густариш ва тавсиаи офариниши нек саҳмгузор бошад. Ба ин мақсад, чи василае шоистатар ва некутар аз издивоҷ барои овардани мавҷудоти «Аҳуроӣ» хоҳад буд. Аз ин рӯ, интихоби танҳоӣ (муҷаррадӣ) дар оини зардуштия ба ҳеҷ ваҷҳ раво нахоҳад буд. Инчунин, заношӯии беақд дар миёни зардуштиён мояи даҳшат буда, пазируфтанӣ нест. Ба ҳамин хотир, фарзандоне, ки маҳсули ин гуна пайванди ноҷоизанд аз виросат маҳрум буданд.

Тибқи таълимоти зардуштия шартҳои бастани ақди никоҳ иборатанд аз:

1. Расидан ба синни балоғат, яъне 15-солагӣ;

2. Пайрави оини зардуштия будан;

3. Ризояти мард барои қабули васояти арӯсшаванда;

4. Додани васоят ба шавҳаршаванда ва ғайра.

Никоҳ мувофиқи таълимоти зардуштия барои ҳар фарде, ки тавоноии онро дошта бошад, амри зарурӣ ҳисобида мешуд. Он бино ба гуфтаи А.Х. Аминҷонов аҳди байни зану мард буда, бо мақсади ташкили оила ва тавлиди фарзандон баста мешуд. Аз нигоҳи оини зардуштия бастани никоҳ кори нек ба шумор рафта, дар сарчашмаҳои динӣ-зардуштӣ ҷавонон ба бастани никоҳ ҳамчун амали хайр ҳидоят мешуданд[118]. Дар Ясnои 53 банди 5 омадааст: «Эй ҷавононе, ки нияти издивоҷ доред, ... ба дини худ содиқ бошед ва амалҳои нек анҷом бидиҳед»[119].

Тибқи маълумоти олимони эроншинос пеш аз барпо намудани маросими оиладорӣ ва ташкили хонаводаи нав, дар оини зардуштиён нуктаҳои муҳимми зерин арзёбӣ мешудаанд:

1. Розигии духтару писар барои ташкил додани оилаи муштарак;

---

[118] Ниг.: Аминҷонов А.Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №8. – С. 304-305.

[119] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 157.

2. Розигии падару модари духтар;

3. Изҳор доштани домод мушоракати арусро дар идораи қисмате аз умури молии хонаводагӣ;

4. Аҳду паймон бастани зан ба кадбонуи хона будан, хоксору бо тавозуъ будан, эҳтирому фармонбардорӣ ба ҳамсар ва пайравӣ аз оини зардуштия. Инчунин, аҳду паймон бастани мард ба азиз доштани зан (ҳамсар), муҳофизату пуштибонӣ ва эътирофи фарзандон ба ҳайси фарзандони расмии худ;

5. Дастури мӯбади (рӯҳонии зардуштиён) баргузоркунандаи маросим ба ин, ки домоду арӯс доимо дар роҳи Ашо бошанд, нисбати падару модари ҳар ду ҷониб эҳтиром дошта бошанд, устодҳои худро муҳтарам доранд, кӯмаки хешро ба дарвешону бенавоён ва ақрабои камбизоати худ дареғ надоранд ва инчунин, аз пайванди хешовандӣ ба онҳо нанг надошта бошанд;

6. Дастури мӯбад ба зану марди оилабунёдкунанда, ки барои ҳамдигар ҳам дар ин дунё ва ҳам дар ҷаҳони дигар ҳамсар бошанд. Падару модари якдигарро бо ҷону дил пазироӣ кунанд ва аз ташрифи хешовандони (хусусан падару модар) –ҳамдигар ҳаргиз малоли хотир нашаванд;

7. Дастури мӯбад ба мард дар мавриди он ки занро молики нафсу тан ва дороию хонаводаи худ гардонад, ба ӯ рашк наварзад, инчунин, ӯро ба хурокаю пӯшока таъмин намояд, беҳуда аз ӯ дур наравад, ӯро аз осеби зимистону тобистон эмин нигоҳ дорад, ӯро аз худ мутанаффир ва маҷбур ба танҳонишинӣ накунад.

Бастани никоҳ шарту талаботи ба худ хосе дошт ва ҳар як нафари никоҳшаванда вазифадор буд, ки ин шарту талабоҳоро риоя кунад, чунки дар сурати акс издивоҷягон эътибори ҳуқуқӣ пайдо намекрд ва муносибатҳои оилавиро низ ба вуҷуд намеовард. Муҳимтарин талаботҳо барои бастани никоҳ дар таълимоти зардуштия расидан ба синну соли

никоҳӣ, розигии тарафҳо, дар оини зардуштия будан ва вуҷуд доштани шоҳид мебошад.

**Синни никоҳӣ.** Масъалаи синну соли никоҳӣ яке аз мушкилоти асосӣ ва муҳим дар бастани ақди никоҳ ба ҳисоб меравад. Он дар ҳамаи асру замон диққати рӯҳониёну давлатдоронро ба худ ҷалб намудааст. Метавон гуфт, ки он то замони мо ҳамчун масъалаи баҳснок боқӣ мондааст ва донишмандони гуногуни соҳавӣ дар атрофии он тадқиқотҳо бурда истодаанд. Ба ақидаи А.Х. Аминҷонов яке аз сабабҳои гуногун муқаррар шудани синну соли никоҳӣ дар қонунгузориҳои давлатҳои имрӯза низ мавҷуд набудани андешаи ягона миёни донишмандон мебошад. Дар низоми ҳуқуқии зардуштия дар бораи синнусоли никоҳӣ меъёри ягона мавҷуд набуда, синну солҳои мухталиф барои бастани ақди никоҳ нишон дода шудааст. ... Дар ҳар давру замон синну солеро барои бастани ақди никоҳ интихоб менамуданд, ки ба талаботҳои биологӣ, физиологӣ, писхологӣ ва ҳуқуқии инсон ҷавобгӯ бошад[120]. Бино ба навиштаи А. Мазоҳирӣ зардуштиён одатан пас аз бастани миёнбанди муқаддас (кустӣ) оила барпо мекардаанд. Маросими бастани миёнбанди муқаддас дар синни 15-солагӣ гузаронида мешуд[121]. Авесто ҳамчун китоби муқаддаси зардуштиён дар муайянкунии синну соли никоҳ (15-солагӣ) нақши калон бозидааст. Ба гунаи мисол дар фаргарди 15 ва банди 15-и Вандидот омадааст, ки бояд шумо духтари бокираеро барои ашаванмарде ба шавҳар диҳед, дар ин миён суоле пайдо мешавад, ки кадом духтар? Аҳуромаздо посух медиҳад, ки ҳамон духтареро, ки синнаш аз 15-солагӣ боло ва дар гушҳояш гушвор дошта бошад[122].

Маросими оиладорӣ дар оини зардуштия барои барпо намудани ниҳоди оила бо як шукуҳу шаҳомати хоссаи динӣ ва бо назардошти қавонини оини мазкур баргузор мегардад. Чигунае, ки аз нуктаҳои

---

[120] Ниг.: Аминҷонов А.Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №8. – С. 305.
[121] Ниг.: Алӣ Акбари Мазоҳирӣ. Хонаводаи Эрони пеш аз Ислом. – Теҳрон: Қатра, 1373 ҳ. – С. 43.
[122] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 575.

фавқуззикр бар меояд, дар баргузории маросими оиладорӣ дар зардуштия, нақши асосиро мӯбад мебозад. Ин баёнгари он аст, ки зардуштиён ба маросими хонадоршавӣ ҳамчун падидаи муқаддас муносибат мекунанд, то ки пояҳои оиладорӣ устувор бошанд. Зеро ҳар он чизе, ки дар ҷаҳони маънавии инсон ҷойгоҳи муқаддас дорад, вай устувор аст. Ба дастуроти мӯбад, ки баъзеи онҳо хос барои домод, баъзеи дигар хос барои арӯсшаванда ва низ баъзеи дигар муштарак мебошанд, гӯш фарох дода, онҳоро дар зиндагии якҷояи хеш барои хушбахтии худ ва мустаҳкам намудани ташаккули иҷтимоии ниҳоди оила татбиқ ва роҳандозӣ менамоянд.

Ҳамчунин, аз тадқиқи таҷрибаи ҳаёти шахсӣ-оилавии зардушиҳо маълум мегардад, ки онҳо дар дигар синну сол низ оила барпо намудаанд. Бино ба ривоятҳое худи Зардушт дар синни 20-солагӣ ақди никоҳ бастааст. Муҳаққиқи эронӣ А. Мазоҳирӣ гуфтааст, ки дар тамоми манотиқи зардуштнишин ақди никоҳ дар синну солҳои гуногун баста мешуд. Масалан, дар минтақае дар 15-солагӣ, дар дигаре 20-солагӣ ва ғ.[123]. Аммо профессор А.Ғ. Холиқов ба ин ақидааст, ки дар ривоятҳо ва низ дар Авесто синни никоҳӣ барои писарон 15-солагӣ ва барои духтарон аз он поинтар омадааст[124]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки ҳадди ақалли синну соли никоҳӣ 15-солагӣ мебошад. Зеро оиди синни мазкур дар Авесто ишора шудааст, ки мо дар боло қайд кардем. Гуфтаи А. Мазоҳирӣ баёнгари ҳадди оғозини синнӣ никоҳӣ нест, чунки китоби муқаддаси зардуштиёни тамоми манотиқ "Авесто" буд ва дар ягон ҷои он синни никоҳӣ 20-солагӣ наомадааст. Гуфтан мумкин аст, ки бастани ақди никоҳ аз синни 15-солагӣ ба баъд бо дар назардошти вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ сурат мегирифт.

Пас аз анҷом ёфтани маросими хостгорӣ ва ба тавофуқ расидани ҷонибҳо барои баргузории маросими оиладорӣ рӯзҳоеро муайян мекунанд. Дар оғози рӯзҳои таъйиншуда нахуст вакили пурсон – деҳмӯбад бо

[123] Ниг.: Алӣ Акбари Мазоҳирӣ. Хонаводаи Эрони пеш аз Ислом. – Теҳрон: Қатра, 1373 ҳ. – С. 65.
[124] Ниг.: Халиков А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право). – Душанбе: Сарбоз, 2003. – С. 26.

ҳамроҳии дастае аз меҳмонони домод, ки ададашон на бояд аз ҳафт нафар камтар бошад, ба мақсади гирифтани розигии духтар ва номи намоянда ё вакили ӯро дар маҷлиси акд ба хонаи арӯс мераванд. Арӯс худро ороста дар садри маҷлис порчаи сабзе бар сар андохта, нишастааст. Дар ду тарафи ӯ бошад теъдоде аз занҳо истодаанд. Деҳмӯбад ва ҳамроҳон дар ҳоле, ки оҳанги шодбошӣ бар лаб доранд вориди нахустин маҷлис шуда, рӯ ба рӯи арӯс қарор мегиранд. Деҳмӯбад суханро оғоз намуда, аз ӯ пурсон мешавад: ба номи Худо аз ту ......... мепурсам оё бо заношӯӣ бо ......... розӣ ҳастӣ?. Деҳмӯбад ин суолро чанд маротиба дар миёни оҳанги шодбошии мардуми онҷобуда, такрор мекунад. Ғолибан дар маротибаи сеюм ва ё ҳафтум арӯс бале мегуяд. Боз деҳмӯбад мепурсад: киро намоянда ё вакили худ таъйин мекунӣ?. Арӯс падар ва ё бародари худро ном мебарад. Пас аз шунидани ин иқрор деҳмӯбад ва афроди ҳамроҳи ӯ буда, ба хонаи домод роҳсипор мешаванд.

Дар Авесто омадааст, ки модадеве таҳдидан гуфтааст, ки ман ба писар ё духтаре, ки ба синни понздаҳсолагӣ расидаасту аммо куштӣ набаста ва судра напӯшидааст, тасаллут пайдо мекунам. Ибора чунин аст: «Пас Дуруҷ (номи модадеви дурӯғгӯй ва паймоншик) деви найрангбоз посух дод: «Эй Сурӯши порсои бурзманд! Чаҳорумин наринаи ман касест – хоҳ мард, хоҳ зан, – ки пас аз понздаҳсолагӣ куштӣ (камарбанди махсуси зардуштиён) бар тан набандад ва судра (пероҳани махсус) напӯшад»[125]. Маълум аст, ки зардуштиён замони ба балоғат расидани фарзандони худ ба камари онҳо камарбанд ва бар тани онҳо судра мепӯшонанд. Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса баровард, ки синну соли никоҳӣ ва балоғати онҳо 15 солагӣ будааст.

**Розигии тарафайн.** Дигаре аз шартҳои асосии бастани акди никоҳ ин розигии ҳар ду ҷониб ба ҳисоб мерафт. Зардушт дар асоси шарти мазкур ҳангоми ба шавҳар додани духтари худ, бастани акди никоҳро ба интихоби ӯ марбут гузошта, розигии ӯро пурсон шуда буд. Ин кирдори Зардушт аз он ба баъд тамоми пайравони ӯро водор намуда буд, ки ҳангоми тазвиҷ

[125] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 596.

кардани онҳо розигии тарафайнро, ҳатман, ба инобат гиранд. Дар Ясно готи 53 гуфтори Зардушт ба духтари худ омадааст, ки «Эй духтарам Паричиста Аҳуромаздо, туро мехоҳад ба касе тазвиҷ кунад, ки ба оини маздопарастӣ вафодор аст! Бинобар ин, ту хирадмандона фикр намо ва дар сурати розӣ шудан, ба гуфторат тасдиқ бикун»[126]. Ибораи «хирадмандона фикр намо» далолат ба муҳиммияти масъалаи мазкур мекунад. Ибораи «дар сурати розӣ шудан» бошад, баёнгари он аст, ки дар оини зардуштия зан-духтар низ аз ҳуқуқи розӣ шудан ва розӣ нашудан бе баҳра набудааст. Вайрон кардани меъёрҳои динии зардуштия ва дахолат намудан ба озодии ҷинсию дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун кирдори вазнини ҷиноятӣ эътироф мегардид[127].

**Ҳузури шоҳидон.** Талаботи дигари никоҳ дар таълимоти зардуштия ин мавҷуд будани шоҳидон ба шумор мерафт. Барои ҳамин, бастани ақди никоҳ дар оини зардуштия дар ҳузури шоҳидон пешбинӣ шудааст. Мувофиқи таълимоти зардуштия ҳам ақди никоҳ ва ҳам шартномаи ду тарафаи никоҳ дар ҳузури шартии шоҳидон сурат мегирад. Муҳаққиқ А.Х. Аминҷонов чунин менависад, ки «Нуқтаи ҷолиби диққаташ он аст, ки зардуштиён ҳанӯз дар замони худ дар баробари пешбинӣ намудани шоҳидон дар вақти бастани ақди никоҳ теъдоди онҳоро низ муқаррар намуда, ному насаби пурраашонро дар санади ақди никоҳ нишон додаанд»[128].

**Дар оини зардуштия будан.** Тибқи ин талабот ҳеҷ як зардуштие ҳаққи бо пайравони оини ғайризардуштӣ барпо намудани оиларо надошт. Дар Авасто омадааст, ки Зардушт ба духтари худ мефармояд, ки Аҳуромаздо туро ба касе ба шавҳар медиҳад, ки ба оини маздопясноӣ пойдор ва

[126] Ниг.: Авеста. Древнейшая писания жемчужина древнево Ирана / Пер. на перс.яз. и комм. Хашима Рази. – Тегеран, 1379х. – С. 146.
[127] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 38.
[128] Ниг.: Аминҷонов А.Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №8. – С. 305.

устувор аст[129]. Меъёри мазкур муқарраркунандаи он аст, ки ҳар ду ҷониби никоҳшаванда бояд пайрави оини зардуштӣ бошанд. Чунки тибқи он Зардушт духтарашро бовар кунондааст, ки домодшаванда аз пайравони ростини оини зардуштӣ мебошад. Чигунае ки дар боло қайд гардид, пайрави ростини оини зардуштия яке аз шартҳои муҳими барпо намудани оила ба ҳисоб мерафт. Ҳеҷ зардуштие ҳақ надошт, ки ба шахси ғайри зардуштӣ оила бунёд намояд.

М.С. Ҳоҷиев қайд менамояд, ки «Гузаштани зардуштиён ба оини дигар на танҳо мавқеи онҳоро дар оила ва ҷомеа маҳдуд мекард, балки доираи ҳуқуқҳои худро аз даст медоданд. (Зеро) ... соҳибҳуқуқии пурра дар зардуштиён аз мавқеи оилавӣ, синфӣ ва шаҳрвандӣ вобаста буд. Дар ҳолати дигаргун шудани чунин мавқеъ сатҳи соҳибҳуқуқии фард низ тағйир меёфт»[130]. У.А. Азиззода менависад, ки аз таърихи силсилавии зардуштия чунин бармеояд, ки рӯ тофтан аз оини зардуштия на фақат ба маҳдуд шудани ҳуқуқу уҳдадориҳо оварда мерасонид, балки он ҳукми қатлро низ дар пай дошт[131]. Далели гуфтаҳои дар боло зикршуда таҳқиқи С. Нафисӣ дар татбиқи ҷазои қатл нисбати мӯбаде бо номи Абадишуъ, ки аз оини зардуштия рӯ гардонда, ба оини насроният гузашта буд, шуда метавонад. С. Нафисӣ қайд мекунад, ки ҳангоми иҷрои ҷазои қатл шоҳ Ардашер бевосита иштирок дошт[132].

Мувофиқи сарчашмаҳои аҳамияти илмӣ-таърихӣ дошта, дар миёни зардуштиёни аҳди бостон ҷудоӣ ва талоқ кам дар кам воқеъ мешуд. Ҳамагӣ зиндагии муштараки самимона мегузарониданд. Бо ҳам дар мунтаҳои сафову самимият ба сар мебурданд. Наздикии меҳромез байни зану мард аз шигифттарин, зеботарин ва дилангезтарин падидаи зиндагӣ мебошад. Дар зиндагии заношӯӣ пояи асосӣ меҳр аст. Марде, ки бо зани худ меҳр

---

[129] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 157.

[130] Ниг.: Ҳоҷиев М.С. Хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ дар Қонунномаи Сосониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №4, қисми 1. – С. 203.

[131] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов прступления и наказания на территории историческово и современново Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. …д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – С. 71-73.

[132] Ниг.: Саид Нафисӣ. Таърихи тамаддуни Сосониёни Эрон. – Теҳрон, 1383 ҳ. / 2005 м. – С. 52.

меварзад, бо зиндагӣ ва зебоӣ меҳр варзидааст. Аз ин рӯ, ба зардуштиён супориш шудааст, ки заношӯиро бо тапиданҳои дил устувор кунед, фаротар аз ҳавосу тан занро чизест бо номи дилу равону ҷон, ки онро арҷманд доред[133]. Чун сухан аз арҷмандӣ рафт, дар ин маврид набояд фаромуш кард, ки мақоми модар дар хонавода гиромитарину арҷмандтарин мақом ба шумор меравад ва дар андарзномаҳои зардуштӣ омадааст, ки се шахс ҳамеша зиндаву ҷовиданд: он, ки асари некӯе аз ӯ ба ёдгор боқӣ мондааст; оне, ки донише аз ӯ боқӣ мондааст ва оне, ки фарзанди некӯ аз ӯ боқӣ монда бошад.

Бино ба гуфтаи М.С. Ҳоҷиев, меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Қонунномаи Сосониён ба тафсил нишон дода шудааст. Яке аз масоили муҳим дар ин ҷода бастани ақди никоҳ, яъне барпо намудани оила ба шумор меравад. Қобили зикр аст, ки баъд аз издивоҷ занҳо дар мавриди тасарруфи молу мулки шахсии худ соҳибихтиёр буданд, онро бе назорат ва сардории мард метавонистанд истифода баранд[134].

Аз сарчашмаҳои дигари хаттии даврони зардуштия низ ба мушоҳида мерасад, ки пайравони оини зардуштия дар аҳди қадим ба масъалаи оила ва таълиму тарбияи аъзои он аҳамияти зиёд медодаанд. Яке аз чунин сарчашмаҳо, ки «Дар бораи оини номанависӣ» номгузорӣ гардидааст, мебошад. Дар он тамоми аъзои оилаи зардуштӣ аз қабили падар, модар, фарзандон ва дигар шахсоне, ки ба онҳо баробаранд, бо меҳру шафқат гиромитарин афроди рӯи замин ҳисобида шудаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки оила дар замони Зардушт ҷузъи асосии ҷомеаро ташкил медодааст ва ба ҳар як аъзои он эҳтироми хосса зоҳир мегардидааст. Инчунин, дар оини зардуштия аъзои оила ба зиндагии пайваста талқин мешудаанд. Чигунае ки дар сарчашмаи мазкур чунин омадааст: «(Бошад,

[133] Ниг.: Муҳаммадқул Ҳазратқулов. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, «Дониш», 2006. – С. 492.
[134] Ниг.: Ҳоҷиев М.С. Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Қонунномаи Сосониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №10. – С. 222.

ки) шумо умри тӯлонӣ кунед ва дуруст (солим) зиндагӣ кунед, хурсандӣ ёбед ва хотир осуда доред ва равони хешро таолӣ бахшед... »[135].

Дар «Андарзи парйуткешон», ки яке аз муҳимтарин андарзномаҳои паҳлавӣ ба ҳисоб меравад, дар самти барпо намудани оила ва дуруст тарбия намудани фарзанд андарзҳои арзишманде дида мешаванд. Дар он зикр гардидааст, ки ҳар кас бо баробари расидан ба синни понздаҳсолагӣ бояд донад, ки барои чӣ ба дунё омадааст? Вазифааш дар ҷаҳон аз чӣ иборат аст? Аз кӣ некиву аз кӣ бадӣ ва аз кӣ рӯшноиву аз кӣ торикӣ ва аз кӣ хӯшбӯиву аз кӣ бадбӯй ва аз кӣ доду адл, аз кӣ бедодӣ ва аз кӣ бахшояндагиву аз кӣ нобахшояндагӣ мебинад?[136]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки қобилияти амалкунӣ ва мустақил шудани инсонҳо дар зардуштия синни понздаҳсолагӣ будааст.

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки ҳанӯз дар аҳди қадими зардуштиён барпо намудани оила шарти асосии зиндагӣ намудан ба ҳисоб рафта, ба дунё овардани фарзандони солеҳ ва дуруст тарбия намудани онҳо асоси оиладориро ташкил медодааст. Дар ҷои дигари андарзномаи фавқуззикр чунин омадааст: «Падару модар бояд ин кору кирдори некро ба фарзанди худ пеш аз пондаҳсолагӣ биомӯзанд. Чун вай ин чантои онро биомӯхт, ҳар кору кирдори нек, ки фарзанд кунад падару модарро низ расад ва чун вай наомӯзад ва фарзанд ба меҳтарӣ гуноҳ кунад, падару модар дар бунёди ин кор буванд»[137]. Маълум мегардад, ки масъулияти бузурге бар дӯши падару модар гузошта шуда будааст, ки аз фарзанд чи кореро аз қабили неку бад то синни муайян анҷом диҳад волидайн дар

[135] Ниг.: Дар бораи оини номанависӣ // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 204.

[136] Ниг.: Чида андарзи парйуткешон // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 212.

[137] Ниг.: Чида андарзи парйуткешон // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 213-214.

анҷоми он шариканд. Бояд қайд намуд, ки дар баробари падару модар бар дӯши фарзандон низ масъулияти муҳимме гузошта шудааст, ки ин эҳтироми падару модар аз ҷониби фарзанд, эҳтироми насли калонсол ва сардор ба ҳисоб меравад: «Аз озори падару модар ва сардор сахт бипарҳезед, то тан бешукӯҳу равон гунаҳкор набувад»[138].

И. Яхкашифар андарзҳоеро, ки мутааллиқ ба таълимоти зардуштия мебошанд, аз сарчашмае бо номи «Андарзи кӯдакон» ба нигориш додааст, ки метавонанд мавзуи моро тақвият бахшанд: «Ҳар саҳар пеш аз ин ки хуршед барояд, аз бистар бархезед. Пас аз хестан даст ва рӯйро ба дастшӯйӣ (як моддаи поккунанда барои шустушӯй) ё бо об бишӯед. Ба зудӣ раҳсипори дабиристон шавед. Дар дабиристон чашм, гӯш, дил ва забонро ба фарҳанг доред. Замоне, ки ба хона баргаштед, ҳеҷгоҳ падар ва модарро наёзоред. Хоҳар, бародар, банда, парастор ва сутурро назанед, балки ба онҳо бо хубӣ рафтор намоед. Носозгор мабошед, балки ҳамеша хуб ва созкор бошед»[139].

Дар таълимоти зардуштия оиди барпо намудани оила омадааст, ки дар сӣ рӯзи ҳар моҳ чор рӯзе вуҷуд дорад, ки бояд мард дар он рӯзҳо барои худ зан интихоб кунад ва оила бунёд намояд. Он рӯзҳо иборатанд аз: рӯзи Ром, рӯзи Дай, рӯзи Маҳраспанд ва рӯзи Анерон. Бино бар ақидаи зардуштиҳо ин ҳар кадом хосияти ба худ хассе доштааст. Масалан, агар мард дар рӯзи Анерон оила барпо кунад, фарзанди ӯ номвар шавад, агар мард дар рӯзи Маҳраспанд зан ба хона оварад, он зан фарзандоне ба дунё оварад, ки дорои ақлу ҳуш ва некрӯй бошанд. Ҳамчунин, дар рӯзҳои Ром ва Дай низ ба пайравони оини зардуштия оиди ҳамаи корҳои нек, аз он ҷумла, барпо намудани оила супоришҳои хусусияти тавсиявидошта пешниҳод

---

[138] Ниг.: Чида андарзи парйуткешон // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 214.

[139] Ниг.: Исмоил Яхкаши Фар. Ҳуқуқи кӯдак дар ойини Зардушт // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – 2013. – № 3/7 (124), қисми 2. – С. 110.

шудааст[140]. Дар андарзномаи дигаре бо номи “Андарзи марди доно ба писари хеш» омадааст, ки марди хирадманди зардуштие ба фарзанди хеш насиҳат кардаву одобу ахлоқ ва фарҳанги инсониро таълим додааст. Чунончи омадааст: «Писарам, бегуноҳ бош, то бебим бошӣ, сиподор бош, то ба некӣ арҷманд бошӣ, ... бо дӯстон ягонагӣ кун, бо дастури хеш зан гир, ... зану фарзанд чандон, ки метавон нек ба оромиш дор»[141]. Нуқтаи ҷолиби диққате, ки дар ин андарзнома зикр шудааст, бо хоҳиши худ оила барпо намудани ҷавон мебошад, ки амали мазкур бо фарҳанги динию миллии имрӯзаи мо мувофиқат мекунад.

Б.Ф. Файзализода навиштааст, ки зардуштиён бинобар дастуроти таълимоти оини худ оила бунёд намуда, аз Аҳуромаздо дархост ва талаби фарзанди солиму солиҳ, ҷасуру нотарс ва шуҷоу ҳофизи хонаводаву шаҳру мамлакат менамуданд. «... Эй Аҳуромаздо барои ман фарзанде ато бифармо, ки аз уҳдаи иҷрои вазоиф нисбат ба оилаи ман, шаҳри ман ва сарзамини ман барояд. Инчунин, донову зирак бошад ва ба вазифаи дар ҳайати ҷомеа доштааш масъулияти бештарро эҳсос намояд»[142]. Бояд зикр намуд, ки зардуштиҳо дар баробари ташкил ва барпо намудани оила, инчунин, дар фикри пешрафти моддӣ ва маънавии оилавӣ-ҷамъиятӣ низ буданд. Иборае, ки зимни дархости зардуштиҳо аз Аҳуромаздо омадааст далели ин гуфтаҳост: «фарзанде, ки битавонад дар пешрафт ва саодати хонавода, шаҳр ва мамлакати хеш кӯшо бошад». Ҳамингуна ҳар фарди зардуштӣ кӯшиш ба харҷ медод, ки фарзандонаш нисбат ба оила ва сарзаминаш ғамхор буда, барои хонавода манфиатовар бошанд.

Профессор Р. Назаров зимни таҳқиқоти сарчашмаҳои таълимӣ-зардуштӣ оиди масъалаи дар боло зикр шуда, чунин натиҷагирӣ намудааст,

---

[140] Ниг.: Рисолаи рӯзҳо // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 222.

[141] Ниг.: Андарзи марди доно ба писари хеш // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Ниг.: Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 225-226.

[142] Ниг.: Файзализода Б.Ф. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/10. – С. 238.

ки зардуштиён фарзандони худро барои иҷрои се мақсади асосӣ таълиму тарбия менамудаанд:

1. Хидмат намудан ба падару модар ва аҳли оила;

2. Хидмат ба қавму қабила ва ҷамъияту ватан;

3. Кӯшиш ба харҷ додан барои зиндагии гуворо ва бартарӣ аз дигарон[143].

Ҷ. Тайғуншоева қайд мекунад, ки зардуштиён, асосан, фарзандони худро саворӣ, тирандозӣ ва ростгӯӣ меомӯхтаанд. Номбурда дар идомаи суханаш менависад, ки «Пандномаи Зардушт» падару модарро бевосита масъули тарбияи ҳамарӯзаи фарзандон медонад[144].

Муҳаққиқи эронӣ Ш.М. Некандом оиди моҳият ва ҳикмати издивоҷ тибқи таълимоти зардуштия, чунин овардааст: «Дар Эрони бостон аз лиҳози назми корҳои иҷтимоӣ ва пешгирӣ аз фасодҳои ахлоқӣ дар бораи заношӯйӣ таъкиди зиёд шудааст. Зардушт дар «Авесто» барои издивоҷ ва ташкили хонавода манзалати волое қоил гардида ва мегӯяд: «Марде ки зан дорад, бар он ки чунин нест фазилат ва бартарӣ дорад». Яке аз расмҳои издивоҷ хостгорист, ки зардуштиён пас аз гузашти қарнҳо ин суннатро ҳамчунон ба ҷой меоваранд. Расмҳои хостгории эшон бад-ин гуна буд, ки модар ва хоҳари писар дар сурати тамоюли хонаводаи духтар бо чанд нафар аз бастагони наздик барои хостгории духтар мераванд»[145].

Дар андарзномаи Зардушт, ташкили хонавода ва пайдо кардани фарзанд, баъд аз пойбандӣ дар дин, муҳимтарин вазифаи шахс қаламдод шудааст: «Ба гетӣ нахуст, бояд ба дин устувор будан. Дуввум, бояд зан гирифтан, пайванд дар гетӣ равон сохтан, бад-он кушо будан ва аз он рӯй гардон набудан». Дар идомаи ин матлаб оварда шудааст: «хуршед ба се далел, ҳар рӯз се маротиба мардуми дунёро фармон медиҳад: бомдодон ин гӯяд, ки Урмузд (Аҳуромаздо) ба шумо, ки мардуми замин ҳастед, мегӯяд,

---

[143] Ниг.: Назаров Р. Философия качества образавания Таджикистана. – Душанбе, 2011. – С. 101.

[144] Ниг.: Тайғуншоев Ҷ. Хонавода ва мушкилоти тарбияи кӯдакон: таҳқиқи муқоисавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. – № 3/11 (188), қисми 1. – С. 301.

[145] Ниг.: Шопури Некандом Мустафо. Хостгорӣ дар ҳуқуқи Эрон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – №3/6 (145). – С. 72.

ки дар кори нек кушо бошед, то ман зиндагии дунёиро бароятон муҳайё созам. Нисфирӯзӣ чунин мегӯяд, ки бар ҳамсар хостан, оила бунёд намудан ва фарзанд ба дунё овардан ва соири вазоифи дигар кушо бошед»[146].

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки афзудани ҳайати оила дар таълимоти зардуштия яке аз асоситарин ва муҳимтарин вазифаҳои марду зани хонавода муаррифӣ шудааст. Чаро ки агар зану марди зардуштӣ фарзандони зиёд ба дунё биоваранд, дар ҳақиқат, бар шумори сипоҳи некӣ афзуда хоҳад шуд, дар натиҷа, сипоҳи некӣ бар сипоҳи бадӣ пирӯз мегардад.

Мувофиқи маълумотҳои авестоӣ зардуштиён аз Аҳуромаздо дархост менамудаанд, ки ба онҳо фарзандони илмдӯст ва оқилу доно ато фармояд. Чунки натиҷаи дониш, пиндор, гуфтор ва кирдори хуб буда, хилофи онҳо натиҷаи нодонист[147].

Бино ба андешаи файласуфи Юнони қадим Афлотун амалдорони эронӣ-зардуштӣ дар синни 14-солагӣ фарзандони худро тарбияи олитар дода, онҳоро ба дасти сарпарастон ва ҳарбиёни махсус месупурданд[148]. Ҷ. Тайғуншоева зимни таҳқиқоти худ чунин навиштааст, ки миёни зардуштиён оғози тарбияти фарзандон дар хонавода ва оташкадаҳо сурат мегирифт. Кӯдаконро зарур буд, ки бедор шудан пеш аз тулӯи офтобро одат кунанд ва аз 7 то 15-солагӣ ба амали иҷрои вазифаҳои рӯзонаи худ бипардозанд. Ҷавонон аз 17-солагӣ ба омӯзиши машқҳои низомӣ ҷалб карда мешуданд[149].

Бинобар натиҷагирии гуфтаҳои боло, марҳилаҳои таълиму тарбияро дар миёни зардуштиён метавон ба се қисм ҷудо намуд: 1) аз 1 то 5 ё 7-солагӣ; 2) аз 2 то 15 ё 16-солагӣ; 3) аз 16 то 20 ё 24-солагӣ.

---

146 Ниг.: Ризо Киёнӣ. Масоили афзоиши ҷамъият аз нигоҳи адёни куҳан // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2010. – №4 (60). – С. 113.

147 Ниг.: Муҳаммадҷони Тағоймурод. Фалсафаи маорифи ориёӣ-сарчашмаи фалсафаи маорифи эҳёи аҷам // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – №3/4 (205). – С. 108.

148 Ниг.: Асад Бежан. Чашмандози тарбият дар эрони пеш аз ислом. – Теҳрон, 1315. – С. 40.

149 Ниг.: Тайғуншоева Ҷ. Хонавода ва мушкилоти тарбияи кӯдакон: таҳқиқи муқоисавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. – № 3/11 (188), қисми 1. – С. 299.

М. Тағоймурод зимни таҳқиқоти худ атрофи масъалаи мазкур оиди омӯзишгоҳҳои зардуштиёи чунин изҳори ақида намудааст: «Маконҳои омӯзишӣ бошад, дар ибтидо, асосан, аз хонаҳо, оташкадаҳо ва омӯзишгоҳҳои дарборӣ иборат буданд, вале баъдтар маконҳои омӯзишии дабистону дабиристонҳо ва академияву марказҳои дигари таълимӣ таъсис дода шуданд»[150].

А. Армагон бо ишора аз Вандидод оиди се амали хубе, ки натиҷаи онҳо биҳишти барин аст, таълимотеро овардааст, ки дар раъси онҳо кӯмак ба ташкил ва бунёди оила мебошад: «Аз се роҳ метавонӣ ба биҳишти барин ворид шавӣ:

1. Кумак ба ниёзмандон ва бенавоиён;

2. Кумак кардан дар издивоҷи ду нафар бенаво;

3. Кумак ба таълиму тарбияти умумибашарӣ, ки ба сабаби нерӯи дониш шар ва ситам аз ҷаҳон рахт барбанданд[151].

Оила яке аз омилҳои маҳими муассир дар шаклгирӣ ва зуҳури рафтор дар фарзанд аст. Муҳити оила ва хонавода аввалин ва бодавомтарин омилест, ки дар рушди шахсияти аъзои худ таъсир мегузорад. Наврасону ҷавонон хусусиятеро аз падару модари худ ба мерос мебаранд ва низ волидайн заминаи рушду пешрафти кӯдаконро фароҳам месозанд, аммо нуфузи аъзои хонавода ба хусус, падару модар дар кӯдакон танҳо маҳдуд ба паҳлуҳои ирсӣ нест, балки дар ошноии кӯдак бо зиндагии ҷамъӣ ва фарҳанги ҷомеа низ таъсири муҳиммеро мерасонад[152].

**Талоқ ва сабабҳои он тибқи таълимоти зардуштия.** Талоқ дар дини зардуштия як амри нафратшуда ва нописанд аст, вале он таҳти шароити ба худ хос ва дар мавридҳои нодир ва махсус мутобиқи оинномаи зардуштиён

---

[150] Ниг.: Муҳаммадҷони Тағоймурод. Фалсафаи маорифи ориёӣ-сарчашмаи фалсафаи маорифи эҳёи аҷам // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – №3/4 (205). – С. 110.

[151] Ниг.: Абӯлҳасани Армагон. Таъсири дини зардуштӣ ба фарҳанг ва таълиму тарбияи Эрон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – № 3/3 (112). – С. 151.

[152] Ниг.: Тайғуншоева Ҷ. Хонавода ва мушкилоти тарбияи кӯдакон: таҳқиқи муқоисавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. – № 3/11 (188), қисми 1. – С. 302.

иҷозат дода мешавад. Ба ҳар ҳол дар оини зардуштия талоқ ихтиёрӣ нест. Сабабҳои имкони фасхи издивоҷ ё талоқ инҳо мебошанд:

1. Яке аз онҳо девона бошад, ки дигари огоҳӣ надошта бошад, бинобар сабаби огоҳӣ ва тақозои нафари солими онҳо, издивоҷ қобили фасх ё талоқ аст.

2. Ҳар гоҳ шавҳар мардӣ надошта бошад, зан метавонад тақозои талоқ кунад.

3. Ҳар гоҳ собит шавад, ки зан муртакиби хиёнат шудааст, шавҳар метавонад ӯро талоқ диҳад ва агар собит шавад, ки шавҳар бо зани дигар зино кардааст, зан низ метавонад тақозои талоқ намояд.

4. Ҳар гоҳ шавҳар ба муддати се сол ва ё зиёда аз он масорифи зиндагии занро надиҳад, зан метавонад тақозои талоқ намояд.

5. Ҳар гоҳ зан аз озор ва азияти шавҳар ҷонаш дар хатар бошад, метавонад тақозои раҳоӣ ё талоқ намояд.

6. Ҳар гоҳ зан ба шавҳари худ тамкин накарда, нофармонӣ кунад ва рафтораш боиси хатар гардад, шавҳар метавонад тақозои талоқ намояд.

7. Ҳар гоҳ шавҳар зани дигар дошта, ки дар ҳангоми издивоҷ пинҳон карда бошад ва ё ба ҳамин сурат зан шавҳари дигар дошта бошад, издивоҷи баъдӣ худ ба худ ботил аст.

8. Вақте, ки яке аз марду зан тарки оини зардуштия кунад, талоқ ҷоиз аст.

9. Ҳар гоҳ, ки зан душманонро пинҳон кунаду шавҳар надонад.

10. Ҳар гоҳ, ки зан ҷодуӣ кунад ва ё ҷодуиро омӯзад.

11. Ҳар гоҳ, ки шавҳар панҷ сол ғайбати доимӣ дошта бошад.

Зардуштиён кӯшиш ба тарбияи неки фарзандон менамуданд. Ҳеродот, муаррихи юнонӣ ин нуктаро равшан намуда, навиштааст, ки тарбияти фарзанд дар миёни порсиён бисёр сода ва ягона ҳадафашон ин буд, ки мардони дуруст ва сарбозони лоиқ парвариш диҳанд. Зардушт гуфтааст: «Марди муқаддас он касест, ки дар ин дунё ҷойгоҳе бисозад ... ва

зану фарзанд дар он нигоҳ дорад»[153]. Риояи пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек фақат воҷиботи диние набуданд, ки бо анҷом додани маросими махсуси мазҳабӣ ба амал баровардa шаванд. Балки зардуштиён дар зиндагии ҳаррӯзаи худ дар оила, бо заҳмату меҳнат садоқату имони худро ба таълимоти динӣ собит месохтанд[154].

Қ. Расулиён роҷеъ ба фасли сеюми «Вандидод» чунин менависад, ки дар ин фасл аз беҳтарин ва бадтарин ҷои рӯи замин сухан рафтааст, ки тибқи он беҳтарин ҷойи баргузидаи Аҳуромаздо бевосита маҳалле ба шумор меравад, ки пур аз обу дарахту чорогоҳ аст ва мардони порсо бо хонавода ва оилаи худ умр ба сар бурда, ба хотири пешрафти зиндагии худ ба нигоҳдории оташ ва ё корҳои рӯзмарра машғуланд. Нуқтае, ки моро дар ин фасл мутаваҷҷеҳи худ месозад, аҳамияти равшан доштани учоқи (дегдон, оташдон)-и хонавода мебошад. Дар замоне, ки ҳеҷ гуна кибрат ё васоили дигари оташафрӯзӣ мавҷуд набуд, нигоҳдории оташ дар хона ё оташдони махсус дар ҳар маҳаллае ҷиҳати истифодаи ом, аз лозимоти аввалияи зиндагонии зардуштиён ба шумор мерафт. Зарбулмасали маъруфи форсӣ «Чароғи хонаводаат ҳамеша рӯшан бод» ё «Чароғи хонаат хомӯш нашавад» аз истилоҳоти бисёр қадими мо – этониён аст[155].

Мувофиқи таълимоти «Авесто» зинаи поёнии ҷамъият хона ба шумор мерафт, ки он ҳамчун истиқоматгоҳи оила ва аъзоёни он баромад мекард. Сардори хона-оила катхудо-хӯҷаин, яъне «иманопатӣ» мебошад. Баъди вай дар оила зан хӯҷаини асосӣ ба шумор мерафт, ки ӯро «иманопатнӣ» меномиданд. Ин сардорон дар як вақт барои аъзоёни оила қозӣ «рату» низ ба шумор мерафтанд. Маҷмӯи оилаҳои бо ҳам хешу табор ва наздик авлодро «вис»-ро ташкил медоданд. Аммо ба авлод фақат хешони падарӣ дохил мешуданд. Фарзандони хоҳар аъзои авлоди падар шуда

---

[153] Ниг.: Ғаффорӣ В., Сайидзода З.Ш. Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 145.
[154] Ниг.: Ғаффорӣ В., Сайидзода З.Ш. Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 314.
[155] Ниг.: Расулиён Қ. Таърихи халқи тоҷик (Маводи омӯзишӣ: аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна). – Душанбе, 2014. – С. 225-226.

наметавонистанд. Онҳо ба авлоди падарии худ дохил мешуданд. Пас аз ба шавҳар баромадан зан ба аъзои авлоди шавҳараш дохил мешуд. Сардори авлод «виспатӣ» номида шуда, аз қабили мӯйсафедони обрӯманди авлод интихоб мешуд. Сардори авлод дар як вақт қозӣ «вися» ва сардори деҳа низ ба шумор мерафт. Дар «Авесто» иттиҳодияҳои авлодҳоро дар дохили қабила «занту» меномиданд. Пешвои қабила бошад, «зантупатӣ» номгузорӣ мешуд. Зимни он дар ҳудуди қабилаҳо маҷлисҳои халқӣ ва шӯрои мӯйсафедон – «ханҷамана» (анҷуманҳо) гузаронида мешуд. Дар натиҷаи иттифоқи қабилаҳо ноҳияҳои бузург (вилоятҳо) ба вуҷуд меомаданд, ки ин иттиҳодияҳои қабилаҳо ё худ вилоятҳо «даҳю» гуфта мешуданд. Ҳамчунин, сардори онҳоро «даҳюпатӣ» мегуфтанд. Қобили зикр аст, ки ҳокимияти даҳюпатӣ аз ҷониби шӯрои мӯйсафедон назорат карда мешуд. Маълумотҳои дар «Авесто» овардашуда, ба он шаҳодат медиҳанд, ки дар эронзамин ибтидоан давлатҳое вуҷуд доштанд, ки аз ҳисоби муттаҳид шудани оилаҳо ва дар асоси он қабилаҳо, пайдо шуда буданд[156].

Ҳамин тавр, зимни таҳлили параграфи мазкур маълум гардид, ки дар таълимоти зардуштӣ оила мақому манзалати хоса дошта, тамоми ҷанбаҳои институти оила ва оиладорӣ дар ин таълимот ҳаматарафа пешбинӣ гардидааст. Ин аз он хотир аст, ки асос ва зербинои ҳар як қавму миллатро оила ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, аз оила набояд зинаи поёнии ҷамъият ном бурд, балки онро метавон зинаи оғозини ҷамъият, қавм, қабила ва ҳатто вилоят ва аз он ҳам боло номид.

### 1.3. Таҳаввули институти оила дар зардуштия

Зардуштия аз маъруфтарин оини бостонии халқҳои тоҷику эронӣ буда, ба номи асосгузораш Зардушт номгузорӣ шудааст. Он бо номи дини маҷусӣ ва муғон низ дар адабиётҳои юнониву исломӣ омадааст. Дини

[156] Ниг.: Мухторов А., Раҳматуллоев А. Таърихи халқи тоҷик (Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди аввал. – Москва: Интрансдорнаука, 2002. – С. 27, 32.

Зардуштӣ аз лиҳози пайдоиш ва доманаи густариш ба гурӯҳи динҳои миллию давлатии ҳавзаи тамаддуни ориёӣ тааллуқ дорад.

Зардушт ҳамчун муассиси оини мазкур қадимтарин мутафаккири шинохтаи Эрони бостон ба шумор меравад. Ӯ аз деҳқонзодагони ориёӣ буда, падараш Пурушасб аз хонадони Спитоман ва модараш Дағдувия мебошад. Номи Зардушт, дар асл, Заратуштра (дар забони аврупоӣ- Зороастра)[157] аз калимаи мураккаби ориёии кӯҳан буда, аз ду калима: «зара» ба маънии «доро» ё баъзе «зард» тарҷума кардаанд ва «уштара» ба маънои «шутур», яъне «соҳибуштур», «уштурбон» ё «зардуштур» аст[158]. Аммо бо далели фарогири маъноҳои гуногун будани вожаи «уштара» он метавонад маънои «Ситораи заррин» - ро низ дошта бошад.

Замони зуҳури ӯро муаррихон ба замони салтанати Гуштосб (ё Виштасб) яке аз шоҳони силсилаи каёнӣ - Луҳросб мансуб медонанд. Аммо таърих ва маҳалли таваллуди Зардушт аниқ нест. Бино ба гуфтаи як гурӯҳ олимон таърихи таваллуди Зардуштро ҳудуди соли 660 (асри VII т.м.), гурӯҳи дигар ҳудуди солҳои 1500 - 1000 (байни асрҳои XV то X т.м.)[159] тахмин мекунанд. Донишманди маъруфи англис Мерий Бойс таърихи зиндагии Зардуштро ба солҳои 1500-1200 т.м. мепиндорад[160]. Ҳамчунин гуруҳи дигари олимон Зардуштро ҳамаср ва устоди Пифагор (582-497-и то мелод) – файласуф ва риёзидони Юнони қадим медонанд[161], ки ин ақида ба нишондоди аввала мувофиқ меояд. Ш.П. Бердиев менависад, ки Пифагор иддао дорад, ки бо Зардушт борҳо дидор намуда, суҳбат кардааст[162]. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ «Тоҷикон дар оинаи таърих (аз Ориён то Сомониён)»

---

[157] Ниг.: Колесников Алий Иванович. Завоевание Ирана арабами. (Иран при «праведных» халифах). Москва, 1982. – С. 120.

[158] Ниг.: Абдуллозода Ш. Таърихи динҳо. – Душанбе, 2007. – С. 32; Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: Дисс. … канд. филос. наук. – Душанбе, 2011. – С. 20; Дорошенко А. Р. Зороастрийцы в Иране (Историко-этнографический очерк). М., Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1982. – С. 7.

[159] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 83

[160] Ниг.: Мерий Бойс. Зараастрийцы. Верования и обычаи. – М.: Наука, 1988. – С. 27.

[161] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 42.

[162] Ниг.: Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: дисс. … канд. филос. наук. – Душанбе, 2011. – С. 22.

таърихи зиндагии Зардуштро ба ҳазораи II-и т.м. мансуб донистаанд[163]. Ба андешаи муҳаққиқони авастошиноси тоҷик Ҷ. Саъдизода ва Н.Ф. Сафарзода зиндагии Зардушт ва таълифи китоби Авасто таърихи зиёда аз 3500-4000 сола дорад[164]. Бо дарназардошти фактҳои боло замони зиндагии Зардушро охири асри IX ва аввали асри VIII-и т. м. донистан ба ҳақиқат наздиктар аст.

Маҳалли таваллуди Зардушт низ мавриди ихтилоф аст. Бино ба гуфтаи баъзе олимон дар шаҳри Рай, баъзе дар ноҳияи Мод (Озарбойҷон) - шимолу ғарбии Эрон, баъзе дар Хоразм[165] ва баъзеи дигар дар Бохтар ба дунё омадааст. М. Мӯъминҷонов зодгоҳи Зардуштро Турон (Осиёи Марказӣ) медонад[166]. Аммо аниқ аст, ки ӯ даъват ба дини худро дар шарқи Эрон (Бохтар) оғоз кардааст. Ҳамин тариқ, пайдоиш ва ташаккули яке аз сарчашмаҳои қадимаи динӣ-фалсафӣ дар Осиёи Миёна «Авасто» таърихи зиёда аз 3500 сола дорад. Ба сифати яке аз аввалин сарчашмаи ахлоқӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва пеш аз ҳама, динӣ-фалсафӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан сарзамини тоҷикон, Авасто баромад намудааст, ки он тавассути Зардушт аз номи Аҳуромаздо навишта шудааст.

Оини зардуштия ҳамчун падидаи таърихӣ – фалсафӣ то кунун боқӣ монда, дар он ҳам аз паҳлуи онтологӣ ва ҳам аз паҳлуи гносеологӣ таҳаввулот рух додааст. Бино бар сабаби аз доираи объекти таҳқиқоти мо берун будани паҳлӯҳои мазкур аз баёни онҳо худдорӣ намуда, таҳаввули институти оила дар зардуштияро пайгирӣ менамоем.

Институти оила дар зардуштия аз пайдоиш то ба имрӯз зери ҳамлаҳои гуногуни таҳаввулотӣ – таърихӣ қарор гирифтааст. Таҳаввулоту дигаргуниҳое, ки тавассути сарчашмаҳои соҳавӣ оиди ниҳоди оила ба назар мерасад, асосан атрофи масъалаҳои зерин баромад мекунанд:

---

[163] Ниг.: Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби аввал. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 1999. – С. 32.
[164] Ниг.: Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 17.
[165] Ниг.: Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: дисс. … канд. филос. наук. – Душанбе, 2011. – С. 23.
[166] Ниг.: Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма: дисс. ... д-ра филос. наук. – Душанбе, 2001. – С. 4, 137.

1. Оиди масъалаи “издивоҷ бо маҳорим», оё дар зардуштия чунин издивоҷе вуҷуд дорад?

2. Оиди масъалаи «теъдоди завҷот», оё дар зардуштия барои издивоҷ адади зан таъйин шудааст?

3. Оиди масъалаи «даштон (одати моҳона, ҳайз)» – и зан, занҳои зардуштӣ ҳангоми одати моҳона тибқи таълимоти зардуштия аз ҷониби мардҳо чӣ муносибат медиданд?

Масъалаи муҳимме, ки то ҳол ҳалли ягонаи худро наёфтааст, ин масъалаи никоҳ бо маҳорим мебошад. Масалан, дар яке аз сарчашмаҳои таърихӣ «Таърихи табарӣ» чунин омадааст: «Ва муғонро яке пайғамбар аст, ӯро Зардушт гӯянд, ин дини муғӣ ӯ ниҳод, ... ва хоҳару модар ба занӣ кардан ӯ ниҳод»[167]. Бояд қайд намуд, ки масъалаи мазкур мавриди ихтилофи шадиди таърихӣ буда, мутаассифона гузашти таърих решаҳои ин ихтилофро бинобар вуҷуд доштани далоили гуногуни сарчашмавӣ мустаҳкам намуда, монеа эҷод менамояд.

А. Берунӣ соҳиби китоби «Осор-ул-боқия» чунин менависад: «Чун Гуштосб хирадмандон, солхӯрдагон ва бузургони кишвари худро барои гуфтугӯ бо Зардушт дар маҷлисе гирд овард, яке аз суолоте, ки аз Зардушт карданд ин буд, ки агар марде бо модари худ аз миёни тӯда ва ҷомеа дур афтода бошад ва дастрасӣ ба зани дигар надошта бошад ва аз қатъ шудани насл биҳаросад, чӣ бояд кунад: Зардушт посух дод: - дар чунин ҳолат равост, ки он мард бо модари худ наздикӣ кунад. Ҳамчунин, Абӯрайҳони Берунӣ илова мекунад, ки ҳатто Зардушт Гуштосбро ба никоҳ кардани насабҳои наздик даъват намуд[168].

«Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ дар бораи зифофи (тазаввуҷ) подшоҳони қадими эронӣ ба ақрабои худ, достонҳои бисёре сурудааст, ки аз ҷумлаи онҳо достони ҳамбистар шудани Баҳман – подшоҳи Эрон бо духтари худ – Ҳумой мебошад. Он ҷо, ки Фирдавсӣ мегӯяд:

---

[167] Ниг.: Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Теҳрон, 1380ҳ./2001м. – С. 396.
[168] Ниг.: Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Теҳрон, 1384ҳ. – С. 299-300.

*Яке духтараш буд номаш Ҳумой,*
*Ҳунарманду бодонишу покрой.*
*Ҳаме хондандӣ варо Чеҳрзод,*
*Зи гетӣ ба дидори ӯ буд шод.*
*Падар дарпазируфташ аз некувӣ,*
*Бад-он дин, ки хонӣ варо паҳлавӣ.*
*Ҳумои дилафрӯзи тобандамоҳ,*
*Чунон буд, ки обистан омад зи шоҳ*[169].

Н. Соҳибуззамонӣ қайд мекунад, ки дар Импературии Сосонӣ-зардуштӣ издивоҷ бо хоҳар ва зани падар амри қобили қабул ва роиҷ будааст. Издивоҷ бо хоҳар, ба хусус, дар салтанати шоҳӣ барои ҳифзи покии хун амри таъкидӣ ба шумор мерафтааст[170]. Номбурда менависад, ки Эрониёни бостон тибқи таълимоти Авесто заношӯӣ миёни бародар ва хоҳарро сабаби ҷалби равшании эзидӣ дар хонадон ва тарки девон медонистаанд[171]. Ин муҳаққиқи эронӣ бо истинод аз сарчашмаҳои таърихӣ зикр мекунад, ки адолати махсуси зардуштиён ба гунае ҷорӣ мешавад, ки мард иҷоза дорад бо модар, хоҳар ва ё духтари худ издивоҷ намояд. Ва зардуштиён мувофиқи таълимоти худ ҳамчун «издивоҷҳои худописандона» бузург медоранд[172]. Бояд қайд намуд, ки падидаи мазкур дар дастраси ақл дур қарор дошта, шояд дар натиҷаи таҳаввули таърихии институти оила дар зардуштия ба вуҷуд омада бошад.

Бино ба гуфтаи Н. Соҳибуззамонӣ нависандагони исломӣ низ муътақид ба вуҷуди никоҳи маҳорим дар зардуштия ҳастанд. Ӯ менависад, ки Саълабӣ гуфтааст: зардуштиён издивоҷи бародар бо хоҳар ва падар бо духтарро ҷоиз медонанд ва дар ин маврид издивоҷи Одам ба ҳайси далел меоранд[173]. Ҳамчунин бо ривоят аз Шайхи Тӯсӣ овардааст, ки шахсе дар ҳузури Имом Ҷаъфари Содиқ забон ба дашноми маҷусият мекушояд, ки

[169] Ниг.: Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди VII. – Душанбе: Адиб, 2009. – С. 43.
[170] Ниг.: Носируддин Соҳибуззамонӣ. Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ. – Теҳрон, 1338 ҳ. – С. 17-18.
[171] Ниг.: Носируддин Соҳибуззамонӣ. Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ. – Теҳрон, 1338 ҳ. – С. 18.
[172] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 18.
[173] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 18.

онҳо бо маҳорими худ издивоҷ мекунанд. Ҷаъфари Содиқ ӯро аз дашном додан манъ мекунад ва ба ӯ мегӯяд: оё намедонӣ, ки ин кор дар назди маҷус никоҳ аст ва ҳар қавму миллате миёни никоҳ ва зино фарқият мегузорад[174]. Зимни ин гуфтаҳо Н. Соҳибуззамонӣ менависад, ки ин метавонад посухе бошад барои касоне, ки аз рӯи таассуби мазҳабӣ ин гуна издивоҷро манфури оини зардуштия медонанд. Зеро издивоҷ як амри ташриӣ аст ва дар миёни миллатҳои гуногун, ҳаргуна аст. «Маҳрамият» ва «номаҳрамият» амри эътиборист. Масалан ончи дар назди қавме «номаҳрам» шумурда мешавад, зарурӣ нест, ки дар назди дигар қавмҳо низ «номаҳрам» шумурда шавад[175].

Муҳаққиқи номбурда дар идомаи таҳқиқаш дарҷ мекунад, ки як байти форсие дар дастам расидааст, ки ба ғолиби гумонам аз кадом намояндаи оини ниёкони мо (зардуштия) мебошад:

*Ҳалоланд хубони симин бадан,*

*Чи модар, чи хоҳар, чи духтар, чи зан*[176].

Зардуштиёни имрӯза гарчанде, ки ба дурустии ин ривоёт мухолифат карда, бо тафсир ва таъвил онро ба маздакиён нисбат медиҳанд, аммо таърих гувоҳ аст, ки расми издивоҷ бо маҳорим ва ақориб ба ҳеҷ ваҷҳ аз маздакиён набуда, дар миёни салотини Ҳахоманишӣ, Ашконӣ ва ашрофи Сосонӣ роиҷ будааст – қайд мекунад, Н. Соҳибуззамонӣ[177].

Қ. Машкур муҳаққиқи дигари эронӣ дар китоби худ бо номи «Ахлоқи эрониён» аз номи ҷуғрофидони аҳди қадим Страбон чунин менависад: «Расми муғон чунин аст, ки ҳатто бо номодари (зани падар)-и худ ва духтари худ издивоҷ мекунанд»[178]. Муҳаққиқ дар дигар ҷой низ ба ин масъала ишора мекунад: «Страбон менависад, ки дар замони Ашкониён издивоҷ бо маҳорим яъне ақрабои наздик кори писандида будааст»[179]. М.

---

[174] Ниг.: Носируддин Соҳибуззамонӣ. Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ. – Теҳрон, 1338 ҳ. – С. 20.
[175] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 20.
[176] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 17.
[177] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 19.
[178] Ниг.: Қаҳҳор Машкур. Ахлоқи эрониён. – Теҳрон, 1335 ҳ. – С. 199.
[179] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 200.

Меҳрин менависад, ки ба назари ман ба зардуштия нисбат додани ҷумлаи нописанди «издивоҷ бо маҳорим»–ро ба ҳақиқат мувофиқ намебошад. Бар хилофи он чи баъзе аз мусташриқин ақида доранд, Авасто чунин расми ҳайвониро таълим намедиҳад. Мо мункири он нестем, ки ин расм дар миёни баъзе афроди мунҳариф вуҷуд доштааст ва ин гуна афрод бештар дар табақоти боло дида мешаванд. Ӯ қайд мекунад, ки ман бо касоне, ки калимаи авастоии «Khvaetva» (Хвайетва) – ро «издивоҷ бо маҳорим» тарҷума мекунанд мухолифам. Маънои ин калима иттиҳоди маънавии зан бо мард аст, на издивоҷ бо маҳорим»[180]. М. Меҳрин оиди масъалаи мазкур мухолифат нишон дода, вуҷуди онро мансуб ба табақоти болоии пайравони оини зардуштия медонад, ки таҳти таъсири қувваҳои инҳирофӣ-нафсонӣ ба ин падидаи манфур даст задаанд.

Муаллифи китоби «Маросим ва одоби зардуштиён» зимни баёни анвои издивоҷи зардуштиён, навъи панҷуми онро, ки «Аюкзан» унвон дорад, бо овардани мисол шарҳ дода, аз ин гуна издивоҷ - «издивоҷ бо маҳорим» дифоъ кардааст. Ӯ менависад: «Фаразан, падару модаре бо номи Рустам ва Фарангис духтаре доранд ба номи Ширин, ки баъди расидан ба синни никоҳӣ ӯро ба ақди никоҳи писаре ба номи Баҳром меоранд. Пайванди заношӯии Баҳром ва Ширин таҳти номи «Аюкзан» баста мешавад. Дар чунин сурат нахустин писари онҳо, ки Ҷамшед ном дорад, ба фарзандии ҷаддаш Рустам таъйин мешавад ва ин писарро Ҷамшеди Рустам меноманд на Ҷамшеди Баҳром. Нависандагони ноогоҳи ғайризардуштӣ, ки медиданд Ҷамшед писари Ширин ба ҷои он ки ба номи падараш Ҷамшеди Баҳром хонда шавад, ба номи ҷаддаш Ҷамшеди Рустам номгузорӣ шудааст. Баъд чунин мепиндоштанд, ки Рустам ба ростӣ бо духтари худ Ширин издивоҷ кардааст. Дар натиҷа, зардуштиёнро иштибоҳан ба издивоҷ бо маҳорим муттаҳам намудаанд»[181]. Бояд қайд намуд, ки хориҷиён, ба хусус, юнониҳо, ки бо ин суннати зардуштиён ошноӣ надоштанд, тасаввур

[180] Ниг.: Меҳрдоди Меҳрин. Тамаддуни Эрони бостон. – Теҳрон, 1338 ҳ. – С. 49.
[181] Ниг.: Ардашери Озаргушасб. Маросим ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ. – С. 178-179.

мекарданд, ки ин фарзанд натиҷаи издивоҷи падар бо духтараш будааст. Дар ҳоле, ки ин фарзанд фарзанди марди дигаре будааст. Мунтаҳо барои ҳифзи номи падари духтар, ба фарзандхондагии ӯ вогузор шудааст.

Фарҳангмеҳр бо нақл аз Ҳеродот – муаррихи юнонӣ менависад: «Камбуҷия – яке аз шоҳони Ҳахоманишӣ[182] мехост бо хоҳараш издивоҷ намояд, аз мӯбадони зардуштӣ пурсид, ки оё чунин издивоҷе дуруст аст? Мӯбадон посух доданд: Подшоҳо, мо фавқи қонун аст. Фарҳангмеҳр мегуяд: мӯбадон медонистанд, ин амал норавост, локин ҷуръати рӯёрӯӣ бо шоҳро надоштанд ва бо андаке диранг посухи нописандона доданд. Аз тарафи дигар, агар ин кор расм мебуд шоҳ аз мӯбадон суол намекард ва худ медонист, ки равост ва ё мӯбадон аз посух додан диранг намекарданд»[183]. Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки муҳаққиқи эронӣ Фарҳангмеҳр муаррихони хориҷӣ, ба хусус, юнониҳоро бо ноогоҳӣ нисбат ба фарҳангу тамаддуни эронзамин муттаҳам мекунад. Вале, муҳаққиқи тоҷик Мӯъминҷонов Ҳ. Ҳ. бо иқтибос аз Иброҳими Пури Довуд менависад, ки ҳар он чизе, ки муаррихони Юнони қадим Геродот ва Ксенофонт дар бораи қудрат ва бузургии Эроншаҳри бостон навиштаанд, дар Авесто равшан инъикос ёфтааст[184]. С. Х. Раҳимов андешаҳои худро оиди масъалаи мазкур чунин баён намудааст: издивоҷ бо хешовандони наздик суннати сирф зардуштиён нест. Ба мифология ва таърихи юнониёни қадим назар афканед, дар онҷо низ чунин навъи издивоҷро ташвиқ менамуданд. Аксаран муаллифон барои исботи гуфтаҳои худ, аз китоби Муртазо Мутаҳҳарӣ - «Таърих ва моҳияти зардуштӣ» иқтибос меоваранд. Вале, Муртазо Мутаҳҳарӣ дар бораи мавҷудияти ин навъи никоҳ тавзеҳи хусусӣ додааст. Яъне хонаводаҳои ашрофзода барои ҳифзи хун ва сарваташон чунин издивоҷҳоро ба худ иҷозат медоданд. Аз тарафи дигар, маълум аст, ки зардуштиён дар асрҳои баъдӣ ба чӣ гуна таъқиб дучор шудаанд. Барои

---

182 Ниг.: Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – С. 33.

183 Ниг.: Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан (фалсафаи Зардушт). – Теҳрон, 1374 ҳ. – С. 169.

184 Ниг.: Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма: дисс. ... док. филос. наук. – Душанбе, 2001. – С. 269.

хифзи худ, эътиқоди худ, урфу одатҳои худ бояд ба баъзе системаҳои фитнагарӣ даст мезананд. Аз ин рӯ, набояд зардуштиёни таърихиро яксон ҳукм намуд[185]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки С. Х. Раҳимов аз навъи никоҳи эндогамии шадид дар зардуштия дифоъ кардааст. Вале, мутаассифона аз уҳдаи рафъи он ба пуррагӣ набаромадааст. Зеро аз ҷониби пайравони минбаъдаи Зардушт ин дин ва догма бо мухолифон мушкилот дорад. Аз ин рӯ, мавҷудияти никоҳи мазкурро бо ду омили иҷтимоӣ-таърихӣ маҳдуд кардан мумкин аст:

1. Даст задани ашрофон ба ин навъи никоҳ ба хотири маҳфуз мондани хун ва амволашон дар доираи қабилаи худ;

2. Ба инҳирофи таърихӣ дучор шудани зардуштия аз давраи пайдоиш то ба имрӯз.

Бино ба ақидаи А.Ғ. Холиқов издивоҷи эндогамӣ ҳамчун яке аз қадимтарин шаклҳои издивоҷ дар таърихи башарият дар байни ҳамаи халқҳои рӯи замин вуҷуд дошт. Издивоҷи эндогамӣ дар дараҷаҳои мухталиф, ҳам эндогамияи шадид ва ҳам эндогамияи оддӣ дар миёни ниёгони эрониён ва тоҷикон низ мушоҳида шудааст. «Авесто» бевосита эндогамияро муқаррар накардааст, вале онро манъ низ накардааст. Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ ба издивоҷи хешутаборӣ бартарӣ медиҳанд, ки ин ба қонунигардонии он баробар аст. Ба ин сарчашмаҳо «Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Шояст-нашояст», «Бундаҳишн» ва ғайра дохил мешаванд[186]. Ба андешаи мо эҳтимолан дар зардуштия никоҳ бо зани падар раво ва ҷоиз буд. Баъдан, аз рӯи иштибоҳ паҳн шуда, ки зардуштиҳо бо модарони худ низ издивоҷ мекардаанд ва истилоҳи «издивоҷ бо уммаҳот» низ дар адабиёти исломӣ шояд аз ҳамин иштибоҳ сарчашма гирифта бошад.

[185] Ниг.: Раҳимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: дисс. ... док. филос. наук. – Душанбе, 2007. – С. 96-97.
[186] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс. … док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 179-180.

Сарфи назар аз эҳтимолоту тахминҳо бояд таъкид намуд, ки аксари файласуфону муаррихон ҳатто муҳаққиқоне, ки ба мавҷудияти никоҳи эндогамияи шадид дар зардуштия муътақиданд, оини мазкурро дини яктопарастию тавҳидӣ ба қалам медиҳанд. Ва ин аз мантиқ дур аст, ки чунин догмаи ахлоқӣ – никоҳ бо маҳоримро ба як дини тавҳидӣ – зардуштия нисбат дод. Зеро динҳои яктопарастӣ аз чунин як амали нанговар муназзаҳанд. Ин навъи никоҳ дар натиҷаи таҳаввули таърихии оини зардуштия ва тағйири вожаву мафҳумҳо дар зеҳни инсоният ва сипас, дар ҳаёти маишӣ-иҷтимоии он ба вуҷуд омадааст. Ақли солим тақозо мекунад, ки дар зардуштияи ибтидоӣ мафҳуми «Никоҳи хешутаборӣ» мавҷуд буд, чигунае, ки шариати исломӣ низ онро манъ накардааст[187]. Оҳиста – оҳиста вожаи мазкур аз ҷониби инсоният тағйири шакл кардааст, ки дар натиҷа мафҳуми «Никоҳи маҳорим» ҷойгузини он мешавад. Муҳаққиқ А.Ғ. Холиқов барои исботи гуфтаҳои худ замони Одаму Ҳавворо мисол овардааст, ки ба андешаи мо ин далел шуда наметавонад. Зеро, замони Одаму Ҳавво давраи интишори насли башар ба шумор мерафт ва барои он зарурат мавҷуд буд, ки ба ин никоҳ чанг зананд. Аз тарафи дигар, дар ҳамин марҳила падидаи гузариш аз эндогамияи шадид ба эндогамияи оддӣ ба вуҷуд омада буд, ки онро мо аз қиссаи фарзандони Одам – Ҳобил ва Қобил ба хубӣ мушоҳида мекунем.

Муаллифи китоби «Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ» дар бораи низоми хонаводагӣ дар асри Сосониён менависад, ки: «Асли тааддуди завҷот асоси ташкили хонавода ба шумор мерафт. Шумораи заноне, ки як марди зардуштӣ метавонист дар ихтиёри худ дошта бошад, аз лиҳози ҳуқуқи назарӣ маҳдуд набуд. Табиист, ки ихтиёри занони мутааддид бастагӣ ба майлу хоҳиш ва пеш аз ҳама, бастагӣ ба иқтидори молии мард буд. Зоҳиран мардони камбизоат ба таври куллӣ беш аз як зан надоштанд. Дар сурате, ки ашроф метавонистанд теъдоди зиёди аз занонро дар ҳарамгоҳи худ гирд

---

[187] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 846.

оваранд. Дар гузоришҳои юнониҳо мехонем, ки шумораи ин занҳо ҳатто аз сад ҳам мегузаштааст»[188].

Ш.П. Бердиев ин масъаларо чунин баён намудааст: Бунёди оила ва ҳузури фарзандон дар он вазифаи динии ҳар як маздоясной буд, ки бо усули якзанӣ ба он иқдом мекарданд. Усули мазкур имкон медод, ки аз инсон аз сироятҳои ҷинсӣ ҷилавгирӣ намуда, таваллуди муътадилро ба роҳ монад[189]. Аммо теъдоди зиёди занону духтарони юнонӣ ба сифати маъшуқа ба мардони эронӣ-зардуштӣ омехтанд, баъзе аз ин занон ба сурати ақди муваққатӣ бо марди эронӣ-зардуштӣ умр ба сар мебурданд ва инчунин, баъзе аз онҳо бо равобити озод бо мардони эронӣ-зардуштӣ муошират доштанд, ки дар ҳама сурат ин ба таври қатъӣ аз истеҳкоми бунёди хонаводаи эронӣ-зардуштӣ кост. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки баъд аз шикасти Ҳахоманишиён вазъи иҷтимоии зани эронӣ-зардуштӣ тағйир ёфт. Зеро дар замони Салавкиҳо занону духтарони зиёде аз Юнон ба эронзамин омада онҷо зиндагӣ мекарданд ва чун дар Юнон занону духтарон аз баробарии ҳуқуқ бо мардон бархурдор набуданд, аз ҳамин сабаб ин нобаробарӣ дар вазъият ва сарнавишти зани эронӣ-зардуштӣ таъсир кард. Бояд қайд намуд, ки дар дини зардушт издивоҷ бар пояи якҳамсарӣ устувор аст ва ҳеҷ марди зардуштӣ ҳақ надорад бо доштани як зан, зани дигаре интихоб кунад.

Ба андешаи У.А. Азиззода дар таълимоти зардуштӣ фиреб додани духтари ҳанӯз шавҳар накарда ва ҳомиладор кардани ӯ яке аз ҷиноятҳои вазнин ба ҳисоб меравад. Дигар ҷиноят муносибатҳои маҳрамонаи ғайриқонунии марду зан ба ҳисоб мерафт. Зеро таълимоти зардуштӣ оиларо муқаддас шуморида, хиёнатро дар муносибатҳои занушавҳарӣ, махсусан, хиёнати занро ба мард бисёр вазнин баҳо медод. Ҳамзамон,

---

188 Ниг.: Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ. – С. 51.

189 Ниг.: Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: дисс. … канд. филос. наук. – Душанбе, 2011. – С. 122.

исқоти ҳамл аз никоҳи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ ҷинояти вазнин дониста мешуд[190].

Дар замони Ашкониён бошад, гарчанде, ки мавқеияти зани эронӣ-зардуштӣ то ҳадде мустаҳкам гардид, вале ҳукумати Салавкиҳо ва омилҳои ношӣ аз он таъсири худро гузоштанд. Аз тарафи дигар, дар даврони Портҳо ё Ашкониён ба сабаби густурдагии қаламрави Портҳо тоифаҳо, қавмҳо ва миллатҳои гуногун дар сарзамини васеи Ашкониён мезистанд, ки ҳар яке аз онҳо одоб, расму русум ва суннатҳои ба худ хос доштанд. Табиатан ин дигаргунӣ дар вазъияти зан ва хонаводаи эронӣ-зардуштӣ таъсири худро гузоштааст.

Хулоса, институти оила дар оини зардуштия дар ибтидо бо усули якзанӣ бунёд карда мешуд. Зеро баробарии марду зан дар тамоми паҳлуҳои зиндагӣ ба назар гирифта мешуд. Чигунае ки зани зардуштӣ дар як вақт беш аз як шавҳар надошт, мард низ дар як вақт бо усули якзанӣ умр ба сар мебурд. – чунин буд принсипи зардуштиёни ибтидоӣ. Зардушт низ ба унвони аввалин зардуштӣ бо чунин усул ташкили хонавода додааст. Ман ин сухани худро бо таҳқиқи муҳаққиқи тоҷик Ш.П. Бердиев тақвият медиҳам: Зардушт ду маротиба издивоҷ намудааст, як маротиба бо бевазан маротибаи дуюм бо бокира. Аз издивоҷи аввалааш ду фарзанд ва аз издивоҷи дубораааш чаҳор фарзанд дошт, ки танҳо як фарзандаш писар буду боқимонда ҳама духтар[191]. Аз ин иқтибос маълум гардид, ки Зардушт ду маротиба оиладор шуд, на ин ки ду ҳамсар дошт.

Дар дини зардуштия ҳувият ва ҳастии зан ҳамчун узви асосии оила ҷойгоҳи махсус дошта, он аз як тараф офаридаи Аҳуромаздо ва дорои сиришки пок дониста мешавад, ки мисли мард озоду соҳибихтиёр ва масъули аъмоли хеш аст. Аз тарафи дигар, зан бо далели баъзе нишонаҳо ва хислатҳояш мавҷуде дониста мешавад, ки аз назари ақлонӣ ва ҷисмонӣ

[190] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 50.
[191] Ниг.: Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: дисс. … канд. филос. наук. – Душанбе, 2011. – С. 25.

заифу нуқсонпазир аст ва нисбат ба мард пештару бештар зери нуфузи қувваҳои аҳриманӣ қарор мегирад. Таҳти таъсири ҳамин ақидаи моҳиятан патриархалӣ ва занситезона, дар замони ҳукмронии Сосониён санаду меъёрҳое ба вуҷуд омаданд, ки ҳуқуқу озодиҳои занонро сахт маҳдуд ва поймол карданд. Масалан, зан ҳангоми даштон (одати моҳона, ҳайз) маҷбур буд, ки аз аҳлу пайвандони хеш фосила гирифта, то паси сар шудани давраи мазкур дур аз хонавода рӯзу шабро дар танҳоӣ ба сар барад. Масъалаи мазкурро Т.С. Шокиров низ зимни таҳқиқоти сатҳӣ ва овардани мафҳумҳои авестоӣ чунин баён намудааст: «Мувофиқи таълимоти талаботии оини зардуштия зани ҳоиза (ҳайздида) давраи нопокии худро дар макони алоҳида ва дур аз дигарон беҳаракат, нотавон, заиф, алил, ракид мегузарондааст. Чунин зан армешт ва маконаш армештгоҳ ё армешгос номгузорӣ шудааст. Муродифи ин мафҳумот даштон ва даштонистон хонда шудаанд. Даштон дар «Авесто» чун даҳшта, аслан, ба маъноҳои ҷанин, ҳайз, қоидагӣ, одати моҳонаи занон, хунрезии даврии занон ва моҳ дидан омадааст. Ин калима бо пасванди исми маконсози «истон» исми макон сохта шудааст, ки он даштонистон буда, ба маънои сохтмон, бино, ҳуҷра, манзил, иқоматгоҳ ё қисме аз он будааст, ки зани даштон (ҳоиза) рӯзҳои нопокиашро он ҷо мегузаронд»[192].

Вожаи дигаре дар Авесто оиди ин масъала ба кор бурда шудааст, ки он даштонмарзӣ мебошад ва дар чунин сурат ба амал меояд: «Агар мард ва зани даштон (ҳайздида) ҳамхобагӣ кунанд ё бо ҳам даромезанд, ин амал гуноҳи сахт ҳисобида шуда, ҳарду шоистаи ҷазо мегардиданд, ки чунин равандро даштонмарзӣ меномидаанд»[193]. Чунин дидгоҳ ва муносибат ба зан ҳамчун як мавҷуди осебпазир то ҳадде густариш ёфт, ки дар баъзе матнҳои зардуштӣ занро як мавҷуди туфайлӣ номида, далели офариниши ӯро танҳо бо зодани мард маҳдуд кардаанд. Бояд тазаккур дод, ки дар

---

[192] Ниг.: Шокиров Т.С. Истилоҳвожаҳои ифодагари гуноҳу ҷазо дар “Авесто” // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2009. – № 4 (52). – С. 84.
[193] Ниг.: Авесто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Таҳиягар Муаззами Диловар. – Душанбе, Қонуният, 2001. – С. 633.

қисматҳои қадимтарини «Авесто», аз ҷумла, дар «Готҳо» – ниёишҳо ва мавъизаю хитобаҳои худи Зардушт, нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа, як навъ назари неку адолатхоҳона ба чашм мерасад. Аммо бо фосила гирифтани дини зардуштӣ аз асосгузори он ва зиёд шудани каҷрафторӣ дар адабиёти дини зардуштӣ, дидгоҳи муъбадон нисбат ба зан низ ба ифрот гароида, хусусияти манфӣ касб намуд[194]. Метавон гуфт, ки чунин нигариши манфӣ нисбат ба зан бештар хосси матнҳо ва санадҳои динӣ, аз ҷумла, тафсирҳое мебошанд, ки дар замони Сосониён тартиб дода шудаанд.

К. Бортилма ба сарчашмаҳои асри Сосонӣ, ба хусус, «Модикони ҳазор додистон» такя карда, асаре таҳти унвони «Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ» таълиф намудааст. Номбурда дар он доир ба ҳуқуқ ва шахсияти зани зардуштӣ дар асри Сосонӣ чунин менависад, ки дар замони Сосонӣ зан шахсияти ҳуқуқӣ надошт, яъне, зан шахс фарз намешуд, балки як шайъ (чиз, матоъ) ба шумор мерафт. Ба ибораи дигар, ӯ шахсе, ки соҳиби ҳақ бошад, ба ҳисоб намерафт, балки чизе ба шумор мерафт, ки метавонист моли касе бошад. Вай аз ҳар лиҳоз дар таҳти қаюмият ва сарпарастии раиси хонавода, ки ӯ кадхудой номида мешуд, қарор дошт. Ин раиси хонавода мумкин буд, ки падар ё шавҳар ва ё дар сурати марги онҳо ҷонишинашон бошад. Тамоми ҳадяҳое, ки ба зан ё ба кӯдакон дода мешуд ва ё он чи ки онҳо бар асари кор ва ғайри он ҳосил мекарданд, аёнан монанди даромадҳои иктисобии ғуломону канизон ҳама мутааллиқ ба раиси хонавода буд. Дар мавриди ихтиёроти падари хонавода сароҳатан зикр шудааст, ки вай метавонист кӯдакони худро аз хона биронад ва ё бифурӯшад, он ҳам ба унвони ғулом. Дар масоили ҳуқуқи башарӣ бар асоси дини Зардушт ғолибан душвор аст, ки тафовути ҳуқуқи миёни як зани озод ва як ғулом, ё ин ки каниз гузорида шавад[195].

---

[194] Ниг.: Амирбекова И. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 10. – С. 213.
[195] Ниг.: Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ. – С. 40.

Албатта, дар фиқҳи зардуштӣ, ки ба замони Сосониён тааллуқ дорад, на танҳо интихоби дини нек ҳатмӣ ҳисобида мешавад ва тарк кардани он ҷазои марги арзон (қатл)-ро ба бор меорад, балки издивоҷи як зани зардуштӣ бо ғайризардуштӣ манъ аст ва сахт ҷазо дода мешавад[196]. Назари мусбати «Авесто» нисбат ба зан ва ҷойгоҳи иҷтимоии ӯро бо чанд далел собит кардан мумкин аст. Аввалан, дар «Авесто» зани даврони Зардушт ҳамчун як инсони порсо ва пайрави дини зардуштӣ ба расмият шинохта ва эътироф карда шудааст. Зардушт занро даъват намудааст, ки ба василаи хиради худ дини некро интихоб намояд. Ба қавли ӯ: «Пас беҳтарин суханонро бо гӯшҳои худ бишнавед ва бо андешаи равшан бинед; Пас ҳар марду зани шумо бояд яке аз ин ду роҳи некиву бадиро интихоб кунад»[197]. Равшан аст, ки ин хитобаи Зардушт ҳам ба мардон ва ҳам ба занон нигаронида шудааст. Тибқи таълимоти Зардушт, виҷдони зан аз виҷдони мард тафовуте надорад ва метавонад озодона ҳар чизеро ки мехоҳад, интихоб кунад. Дувум ин ки дар «Авесто» нақши муҳиму асосии зан дар тавлид ва парваришу тарбияи фарзандон, ки боиси идомаи насли инсоният мешавад, таъкид шудааст. Ин вазифа занро водор мекунад, бинобар сабаби зарурати зиндагӣ бо фарзандон ва тарбияи онҳо меъёрҳои иҷтимоиро қабул ва риоя кунад. Ҳамин вазифа ӯро ба наҷот мерасонад.

Қ. Машкур ба нақл аз қавли Страбон менависад, ки эрониён (зардуштиён) занони мутааддид (теъдоди зиёд) мегиранд. Бо вуҷуди ин занони ғайриақдӣ низ бисёр доранд ва манзурашон аз теъдоди завҷот доштани фарзандони зиёд аст[198].

Тақсими ирс дар ҳуқуқи сосонӣ-зардуштӣ баъд аз даргузашти падари хонавода ба ин тартиб буд, ки зан ва писар ҳар як саҳми баробар аз мерос доштанд. Вале духтарон бошанд, дар сурате, ки издивоҷ карда ва аз хонаи падар ҷаҳизия ба хонаи шавҳар бурда бошанд, нисфи саҳми писаронро

---

[196] Ниг.: Амирбекова И. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. – С. 215.
[197] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 105.
[198] Ниг.: Қаҳҳор Машкур. Ахлоқи эрониён. – Теҳрон, 1335 ҳ. – С. 198.

мегиранд ва дар ғайри ин сурат баробари саҳми бародарони худ мегиранд[199]. Зеро зардуштия дорои қонуни баробарӣ буда, моли мерос низ мутобиқи он тақсим карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқот маълум мегардад, ки таълимоти зардуштия аз ҷумлаи оинҳои таърихии халқи форсу тоҷик буда, дар як марҳалаи муайяни таърихӣ дар сарзамини тоҷикон амал кардааст. Дар ин марҳала таълимоти зардуштӣ ба як низоми таърихию динӣ табдил ёфта, тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонҳо, махсусан, институти оиларо ҳаматарафа танзим намудааст.

[199] Ниг.: Фарухмарди Бахромон. Модиёни ҳазор доистон (Китоби ҳазор ҳукми судӣ). – Теҳрон: интишороти илмӣ, 1393х/2014м. – С. 328.

# БОБИ 2. ТАЪЛИМОТИ ИСЛОМ ДАР БОРАИ ИНСТИТУТИ ОИЛА

## 2.1. Пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом

Таваҷҷуҳ ба пайдоиши инсоният ва таърихи инсоният ҳамеша бо таваҷҷуҳ ба издивоҷ, оила ва хешутаборӣ ҳамчун шаклҳои мушаххаси зиндагӣ, ҳифз ва навсозии ҳаёти наслҳо ҳамроҳ аст. Омӯзиши фарҳанги исломӣ барои халқи тоҷик аҳамияти калон дорад, зеро 90%-и аҳолии Тоҷикистон мусалмон мебошанд. Ислом дар ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ҳуқуқии халқи тоҷик таъсири калон дорад[200].

Дар кишварҳои мусалмонӣ ба оила ва издивоҷ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Издивоҷ дар ислом як пайванди табиии зану мард дониста мешавад. Дар сарчашмаҳои хаттии ислом аз қабили Қуръон, суннат ва адабиёти исломӣ ҳуқуқи ҳар як зану шавҳар ба таври равшан муайян шудааст. Дар онҳо омадааст, ки зану мард тасодуфан вуҷуд надоранд ва ҷалби табиии онҳо ба ҳамдигар танҳо як амри тасодуфӣ нест. Дар Қуръон гуфта мешавад, ки Худованд дар қалби зану шавҳар меҳру муҳаббати ҳамдигарро ҳамчун як ёдоварии бузурге аз худ офаридааст. Дар ислом ба мусулмонон таълим дода шудааст, ки издивоҷ ва ташкили ниҳоди хонавода сарчашмаи муҳаббат, шафқат ва ҳамдигарфаҳмӣ аст. Хусусан, мардонро ба муносибати боэҳтиёт ва меҳрубонӣ нисбат ба ҳамсаронашон ташвиқ мекунад, ки ин ҳам дар Қуръон ва ҳам дар ҳадисҳои Муҳаммад паёмбар омадааст. Мусалмонон падидаҳои ҳаётиеро, ки барои инсон муҳиманд (никоҳ, таваллуд, талоқ ва ғайра) мутобиқи расму оинҳои динӣ-исломӣ мегузаронанд. Паҳншавии дини ислом, ки дар ташаккули оила нақши калон бозидааст, дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ба таври мухталиф паҳн гардидааст. У.А. Азиззода дар ин хусус, қайд менамояд, ки паҳншавии ислом дар Тоҷикистон бисёр суст сурат гирифта, дар асрҳои 9-

[200] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 80.

10 ба итмом расидааст. Дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ҳатто пас аз ин, яъне дар асрҳои 11-12 паҳн гардидааст[201].

Инсоният дар раванди таҳаввулоти хеш арзишҳоеро офарида ва коркард кардааст, ки ҷиҳати рушди муназзами ҷомеа таъсири мусбат расонида, то ба имрӯз идома доранд. Аз зумраи ин гуна дастовардҳои арзишнок, ки дар танзими муносибатҳои ахлоқӣ, рушди шахсият ва ҷомеа нақши назаррас гузоштааст, оила мебошад. Оила, на танҳо фарогирандаву ифодакунандаи як гурӯҳи мушаххаси ҷамъиятӣ, балки ҳамчун институти иҷтимоие маҳсуб мешавад, ки дар танзими ҷомеа, тарбияи инсон ва ба камолот расонидани он нақши калидӣ дорад. Ҳамин аст, ки бештари муҳаққиқон оиларо ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, ниҳоди нахустин ва муҳимтарини иҷтимоӣ, инчунин, заминаи бунёдии ҷомеа муаррифӣ кардаанд[202].

Пайдоиши ниҳоди хонавода аз ангезаҳои отифии дорои маншаи фитрӣ бархурдор аст. Ояти зер офариниши ҳамсарон барои оромиш ёфтани онҳо дар канори якдигарро аз нишонаҳои Илоҳӣ муаррифӣ карда, эҷоди заминаҳои меҳру муҳаббат миёни зану мардро ба вожаи «ҷаъала», ки ба форсӣ-тоҷикӣ маънои «гардонида аст»[203]-ро дорад, ба Худованд нисбат додааст, ки бар фитрӣ будани муҳаббати дутарафа дар ҳаёти оиладорӣ ва бунёди хонавода далолат мекунад: «Ва аз нишонаҳои Худо он аст, ки барои шумо аз ҷинси худатон занон офарид, то бо онҳо ором гиред ва дар миёни шумо дӯстию меҳрубонӣ пайдо кард. Ба дурустӣ, дар ин кор барои гурӯҳе, ки тааммул мекунанд, нишонаҳое ҳаст»[204].

Метавон гуфт, ки маҷзубияти ҷинсӣ ва отифии мутақобили зану мард аз оғози офариниши инсон вуҷуд дорад. Рӯзе, ки Худо Одамро офарид,

---

[201] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 89.

[202] Ниг.: Амирхон Ш.Т. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 152.

[203] Ниг.: Уммухузайма бинти Абдулҳамиди Шофеӣ. Луғоти Қуръони карим. – Теҳрон, 1388 ҳ. – С. 278.

[204] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 810. 30:21.

барояш Ҳavвopo пайдо кард. Ҳангоме, ки Одам Ӯро дид, гуфт: Худоё ин офаридаи зебо чист, ки ҳамнишинӣ ва дидани Ӯ маро унс бахшидааст? Худо дар ҷавоб гуфт: эй Одам, ин канизи ман Ҳаввост. Оё мехоҳӣ, ки бо ту бошад, туро маънуси худ гардонаду бо ту сухан бигӯяд? Одам гуфт: оре, мехоҳам. Сипас, Худо фармуд: эй Одам, акнун ӯро аз ман хостгорӣ кун чунки ӯ канизи ман аст ва ман ӯро ба унвони ҳамсар ба ту мебахшам, ки бисёр судманд аст.

Аммо дар баробари ин гуфтаҳо назарияҳое низ вуҷуд дорад, ки пайдоиши ниҳоди оиларо танҳо марбут ба қонеънамоии талаботи иҷтимоӣ-таърихӣ медонанд. Ин назария низ метавонад ҷой дошта бошад, вале дар муқоиса бо назарияи аввал, ҷои дуввумро ишғол мекунад. Пас метавон натиҷагирӣ намуд, ки ниҳоди хонавода дар заминаи ду талаботи баҳамомехтаи инсоният бино ёфтааст:

1. Талаботи фитрӣ – табиӣ;
2. Талаботи иҷтимоӣ – таърихӣ – фарҳангӣ.

Яъне издивоҷ ва ташкили хонавода ин расидагӣ кардан ба талаботи фитрӣ – табиӣ ва иҷтимоӣ – таърихӣ мебошад.

Устувории хонавода аз ду омили муассири устувории хонавода иборат аст:

**1. Иттиҳоди хонаводагӣ** – ин омил асоситарин омили устувории ниҳоди хонавода мебошад. Омили мазкур шомили тафовутҳои табиӣ – ҷисмонии зану мард мебошад. Тафовутҳои ҷисмонӣ боиси пайдо шудани вобастагии дутарафаи зану шавҳар нисбат ба якдигар гардида, падидаи иттиҳодро миёни онҳо эҷод мекунанд. Бино ба гуфтаи Амирбекова И. аз нуқтаи назари таълимоти исломӣ, маҳз тафовутҳои ҷисмонии зану мард онҳоро барои бо ҳам ҷуфт шудан ва якдигарро такмил додани онҳо боис мешаванд[205]. Зану мард такмилдиҳандаи кори якдигаранд, зеро ҳар яки онҳо дар зоти худ ноқис ва ниёзманди ҳамдигаранд. Аз якҷо шудани он ду,

---

[205] Ниг.: Амирбекова И. Мақоми иҷтимоии зан дар ислом ва таъсири он ба фалсафаи машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 168.

як воҳиди том ба вуҷуд меояд, ки метавонад мӯҷиби истимрори насл шавад, зеро ҳар ноқисе муштоқи камолоти хеш аст ва ҳар ниёзманде ба касе ё чизе майл мекунад, ки ниёзи ӯро бартараф кунад[206].

**2. Ҳамдигарфаҳмии ҷинсҳои мутақобил.** Масъалаи мазкур аҳамияти иҷтимоӣ дошта, дар тақвият ва истимрори устуворӣ дар ниҳоди хонавода нақши муҳим мебозад. Ин омил шомили масоили муҳими марбут ба ҷинсҳои мутақобил буда, тақсими кори ҷисмонӣ (ҷинсиятӣ) дар оила, сарпарастии мард дар хонавода ва дар қонеъ намудани ғаризаи шаҳвонӣ берун набаромадан аз чаҳорчӯбаи издивоҷ, аз асоситарин умури иҷрошаванда дар амалкарди он ба шумор меравад.

Ба тақсими кори ҷинсиятӣ дар ниҳоди хонавода тавфиқёбии занон ба анҷоми вазоифи модарию ҳамсардорӣ ва тавфиқёбии мардон ба вазоифи таъмини махориҷ ва масорифи зиндагӣ, мисоли равшан шуда метавонанд. Дар ин сурат, барои зан фурсат даст медиҳад, ки бо худоройӣ ҳам талаботи худро ба ҷалби муҳаббати мард қонеъ намояд ва ҳам барои баровардани ниёзҳои ҷинсӣ ва отифии шавҳар тавфиқи бештар пайдо кунад. Ба иборaи дигар, боқӣ мондани ҷамол ва нишоту ғурур дар зан мусталзами осоишу осӯдахотирии бештар ва ташвишу талоши камтар аст. Агар зан маҷбур бошад монанди мард доимо дар талош ва давидану маблағ ба даст овардан бошад, ғурури зан – модар буданаш дарҳам мешиканад, чинҳо ва гиреҳҳое, ки гирифториҳои молӣ ба чеҳра ва абрӯи мард андохтааст, дар чеҳра ва абрӯи ӯ низ пайдо хоҳанд шуд. Бадеҳист зане, ки осоиши хотир надорад, фурсате нахоҳад ёфт, ки ба худ расидагӣ кунад ва мояи суруру шодии мард воқеъ гардад. Мард низ мехоҳад макони хонаводагӣ барояш ҷои осоиш, рафъи хастагӣ ва фаромӯшхонаи гирифториҳои беруна бошад. Дар ин сурат, зане қодир аст, макони хонаводагиро маҳалли осоиш ва фаромӯшхонаи гирифториҳо қарор диҳад, ки худ ба андозаи мард хаста ва кӯфтаи кори берун набошад.

---

[206] Ниг.: Ҳусайн Бастон. Хонавада дар Ислом. – Эрон, 1390 ҳ. – С. 11–14.

Нақши сарпарастии мард дар муҳити хонавода низ дар асоси омили дуюм ба устувории ниҳоди хонавода таъсири бештаре дорад. Ин сарпарастӣ бо тафовутҳои табиии марду зани хонавода, ба вижа, майли мард ба тасаллути зоҳирӣ бар зан ва майли зан ба инқиёд дар баробари мард ва ҳимоят шудан аз тарафи ӯ падидор аст. Метавон гуфт, ки зан мутобиқи табиати худ мудирияти мардро дар хонавода мепазирад ва сифати роҳбариро дар мард дӯст медорад, магар дар мавриде ки шахсияти ӯ мавриди таҳқир қарор гирад.

Падидаи худдорӣ аз равобити ҷинсии берун аз чорчӯбаи издивоҷ низ бар мизони пайвастагӣ ва иттиҳоди ниҳоди хонавода метавонад биафзояд. Чи қадар, ки мардуми ҷомеа ба ин худдорӣ пойбанд бошанд, ҳамон қадар ниҳоди хонавода дар он ҷомеа аз истеҳкоми бештаре бархурдор хоҳад буд. Фалсафаи манъи комёбии ҷинсӣ аз ғайри ҳамсари никоҳӣ аз назари иҷтимои хонаводагӣ ин аст, ки ҳамсари қонунӣ шахси аз лиҳози равонӣ, омили хушбахт кардани ӯ ба шумор биравад, дар сурати озод будан, ба комёбии ҷинсӣ ҳамсари қонунӣ аз лиҳози равонӣ барои ӯ як нафар рақиб, заҳматрасонанда ва зиндонбон ба шумор меравад, дар натиҷа, сарои хонавода бар асоси душманию нафрат поягузорӣ мешавад. Ҳамчунин, озод будани ҷомеа дар равобити ҷинсӣ ҳамчун падидаи манфӣ мӯҷиб мешавад, ки писарон то ҷое, ки мумкин аст, аз издивоҷ ва ташкили ниҳоди оила саркашӣ кунанд ва фақат ҳангоме, ки нерӯҳои ҷавонӣ ва шӯру нишоти онҳо рӯ ба завол мениҳад, пасон, иқдом ба издивоҷ мекунанд. Табиист, ки дар ин ҳангом, занро фақат барои фарзанд зодан ва аҳёнан барои хидматкорӣ мегиранд.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми ниҳоди оила аз ҷониби муҳаққиқони муосир, аз таърифоти зиёди мазмунан гуногун ва аммо мафҳуман ҳаммаъно иборат мебошад. Яке аз онҳо таърифи ҳуқуқшиноси рус Г.Ф. Шершеневич ба шумор меравад, ки ӯ гуфтааст: «Оила – ин ҳамзистии муназзами зан, шавҳар ва кӯдакон ба шумор рафта, муттаҳидшавии

шахсонеро дар бар мегирад, ки бевосита бо никоҳ алоқамандӣ доранд»[207]. Ногуфта намонад, ки корбурди ин маънӣ мафҳуми ниҳоди оиларо хело маҳдуд менамояд, зеро дар оила ғайр аз муносибати ҳамсарон боз муносиботи фарзандон ва хешу ақрабо низ фаро гирифта мешавад, ки берун аз доираи никоҳ ва дар заминаи он фаъолият менамоянд. Қутбуддини Шерозӣ яке аз файласуфони Шарқи исломӣ маҳдуд сохтани ниҳоди хонавода (оила)-ро зери тозиёнаи танқид қарор дода, чунин менависад: «Гарчанде гуфтаанд, ки манзил иборат аст аз азвоҷ, авлод ва бардагону хоҷагон, вале аҳли мард (оилаи мард) тақсим аст бар шаш қисм: волидайн, зувоҷ (зану шавҳар), авлод (фарзандон), бародарону хоҳарон, хешовандон ва ғуломон»[208]. Аз ин гуфта бар меояд, ки мутафаккир ҳанӯз дар замони хеш хонаводаро ҳамчун ниҳоди хурди иҷтимоӣ, ки доираи фарогирии он аз ҳудуди никоҳ берунтар аст, таъриф намудааст.

Ҳамоҳанг ба таърифи Қутбиддини Шерозӣ дар китоби «Вожаномаи тафсирии мафҳумҳои психологӣ ва педагогӣ» оварда шудааст, ки илова ба никоҳ муносибатҳои хунӣ низ ворид карда шудаанд. Нависандагони китоби мазкур чунин менигоранд: «Оила гурӯҳи хурди иҷтимоист, ки дар асоси никоҳи қонунӣ ва хешии хунӣ ба вуҷуд меояд ва аъзоёни он байни худ бо умумияти маишӣ ва масъулиятшиносии байниҳамдигарии ахлоқӣ ва моддӣ алоқамананд»[209]. Таърифи мазкур, ҳамрадиф бо фаҳми мутафаккири Шарқи исломӣ Қутбиддини Шерозӣ буда, оиларо ҳам дар асоси никоҳ ва ҳам дар асоси муносибатҳои хунӣ эътироф менамояд, ки қобили пазириш аст.

Дар баробари ин дигар файласуфони Шарқи исломӣ дар таълимоти худ институти оиларо бо дарназардошти арзишҳои исломӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Яке аз онҳо Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки ниҳоди оиларо бо тамоми унсурҳояш дар асаре бо номи «Тадбири манзил»

---

207 Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. Т.2. – М., 1915. – С. 162.

208 Ниг.: Қутбуддин Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи нахуст. – Теҳрон, 1369 ҳ. – С.130.

209 Ниг.: Қодиров Қ.Б., Давлатов М.Т., Расулов С.Х. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. – Душанбе, 2008. – С.107.

баррасӣ намудааст. Дар ин бора Худойдодзода Ф. Б. чунин ибрози ақида намудааст: Масоили зан ва истиқрори оилаи солеҳа аз масъалаҳои умдаест, ки дар осори Ибни Сино диққати махсус дода шудааст. Ӯ масъалаи мазкурро дар асараш «Тадбири манзил» ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор додааст. Бояд гуфт, ки «Тадбири манзил» яке аз бахшҳои сегонаи ҳикмати амалии Ибни Синост, ки дар он оиди масъалаҳои хайротӣ ва солеҳагӣ, устуворию қавимандии оилаи солим сухан рафтааст. Ба андешаи мутафаккир, инсони алоҳида танҳо дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи одамони ҳамҷинси худ зинда мемонад ва ба саодат мерасад. Шакли ибтидоӣ ва соддатарини чунин ҷомеаро Ибни Сино манзил ё ки оила меномад[210].

Ба ақидаи академик М. Диноршоев фалсафаи манзилдории Ибни Сино таҳлили масъалаҳои зарурати пайдоиш ва ташаккули манзил (оила), истихроҷ ва нигоҳдории васоили зиндагӣ, тавлид ва имтидоди насли инсон, вазифаҳои оилаву оиладорӣ, муносибати байни зану шавҳар, волидону фарзандон ва ғайраро дар бар дорад[211]. Ибни Сино зарурати пайдоиши институти хонаводаро чунин баён намудааст: «Ҳама кас аз подшоҳу раият ба ғизову хурок, ки мояи ҳаёт аст ва низ таҳияву омода сохтани зиёдии хурок ва рӯзӣ барои рӯзи ҳоҷат, ки барояш пеш меояд, муҳтоҷ аст. Балки инсон ниёзманд аст ба макону ҷое, ки он чиро ба даст овардааст, дар он ҷо ҷамъу захира карда, барои ҳангоми ҳоҷаташ нигоҳ бидорад. Пас, бинобар ин, инсон муҳтоҷ аст ба ин ки барои худ манзилу маскане иттихоз кунад. Чун одамизод манзилу хонае сохт ва дар он ҷо барои ҳангоми ҳоҷаташ захирае андухт, муҳтоҷ мешавад ба касе, ки андухтаашро аз дасбурди дигарон, ки мехоҳанд онро аз вай бирабоянд, ҳифзу ҳиросат бинамояд... Пас, муҳтоҷ аст, ба ин ки барои ҳифзу ҳиросати андухтааш каси дигарро ҷонишини худ бинамояд. Ва барои ҷонишинӣ ҳам касе бошад, ки мавриди

[210] Ниг.: Худойдодзода Ф.Б., Амирбекова И.Ҷ. Масъалаи зан ва оиладорӣ дар таълимоти Ибни Сино // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 67.
[211] Ниг.: Диноршоев М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино. – Душанбе: ҶДММ “Мега-прин”, 2017. – С. 86.

итминони нафс ва оромиши хотир бошад. Барои ин кор касе шоиста ва сазовор нест, магар зан, ки Худо ӯро барои мард ҷуфт ва мавриди итминон ва сукунат қарор додааст. Бадин ҷиҳат мард ногузир мешавад, ки зан бигирад»[212]. Аз ин маълум мешавад, ки Ибни Сино зарурати ташкили институти оиларо ношӣ аз падидаи отифие медонад, ки Худо дар сиришти одамизод ниҳодааст.

Тибқи дини ислом, оила қисми таркибию иҷтимоии ҷомеа ва никоҳ ниҳоди бунёдии он мебошад. Ислом мутаваҷҷеҳи он аст, ки оила ва муносибатҳои оилавиро ба дараҷаи қудсият расонад, муносибатҳои зану шавҳар на танҳо дар заминаи алоқаҳои ҷинсӣ, балки дар асоси тарбияи фарзандон, ки ба онҳо бо кӯмаки ҳамдигарӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ таълим дода мешаванд, ҳамчунин, оила дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои иҷтимоӣ, садоқати оилавӣ ва ҷамъиятӣ қарор гирифта, сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ мепарварад ва ғамхорӣ ба наздикону миллату ватанро меомӯзонад.

Дар Қуръон ду сифати муносибатҳои оилавӣ: меҳру муҳаббат ва ғамхорӣ (ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу салоҳ, таҳаммулпазирӣ, аз гуноҳи ҳамдигар гузаштан) баёни возеҳ ёфтаанд[213].

Ислом нисбат ба манзил ва хонавода ҳамчун макони муқаддас эҳтироми махсус қоил буда, ҳатто дар бисёре аз оёти қуръонӣ тоифаи муҳоҷиронро, ки аз шаҳри Макка ба Мадина ҳиҷрат намуда буданд, ба ибораи «аз хонаи худ баровардагон» ёдоварӣ кардааст[214]. Масалан: «Пас, гуноҳони касонеро, ки муҳоҷират кардаанд ва аз хонаҳои худ бароварда шудаанд ва дар роҳи Ман озор дидаанд ... мағфират мекунам...»[215].

Бояд гуфт, ки дар сарчашмаҳои исломӣ ба хусус Қуръон хона ва ё хонавода тавассути вожаҳои «байт», «буют», «аҳл», «диёр», «мустақар(р)»,

---

[212] Ниг.: Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди чаҳорум. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 22–23.
[213] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 810. 30:21.
[214] Ниг.: Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Теҳрон, 1380/2001. – С. 714-715.
[215] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 150. 3:195.

«дор», «бунён», «масокин», «ол» ва ғайра[216] ифода ёфтааст, ки онро макони оромиши қалбу ҷисми инсон медонанд[217]. Қуръон мефармояд: «Худо хонаҳоятонро ҷои оромишатон қарор дод...»[218]. Дар ин меъёри қуръонӣ хонаи инсон макони оромиш зикр карда шуд, ки мақсад ва ҳикмати бунёди хонаро тавзеҳ додааст. Одатан, касбу кори инсон, ки аз ҳаракати ӯ падид меояд, берун аз хона сурат мегирад. Ҳадафи аслии хона он аст, ки вақте инсон аз ҳаракату амал хаста мешавад, дар он ором мегирад. Илова бар ин, оромиши аслӣ оромиши қалб аст, ки он дар хона ба инсон даст медиҳад. Қобили зикр аст, ки Қуръон мақсади аслӣ ва бузургтарин сифати хонаи инсон ва зиндагии муштараки зану мардро дар ҳусули оромиши ҷисму рӯҳ донистааст.

Дар ислом манзили инсон аз дахлнопазирии комил бархурдор буда, дохил шудан ба он бидуни иҷозати соҳибаш шадидан наҳй гаштааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонае ғайр аз хонаи худ, бе он ки иҷозат талабида ва бар сокинонаш салом карда бошед, дохил машавед. Ин барои шумо беҳтар аст, бошад, ки панд гиред»[219]. Муҳаққиқони улуми исломӣ хона ва ё манзилро ба се навъ тақсим намудаад:

1. Хонаи шахсии як инсон, ки эҳтимоли омадани дигар кас дар он набошад. Инсон барои ворид шудан дар он ниёз ба гирифтани иҷозат аз касеро надорад;

2. Хонае, ки дар он дигар нафар низ ҳаққи сукунат дошта бошад, агарчи аз наздикони ӯ бошад;

3. Манзиле, ки барои истифодаи умум пешбинӣ шудааст, ба монанди меҳмонхонаҳо, мусофирхонаҳо ва ғайра.

Хитоби Қуръон ду навъи охирро фаро мегирад, бад-он гуна, ки ғайр аз хонаҳои худ ба хонаҳои дигарон чи мулки онҳо бошад ва чи аз касе ба

---

[216] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 36, 56, 128, 364, 442, 806, 592, 644, 762.
[217] Ниг.: Ҳасан Амид. Фарҳанги форсӣ. – Гелон, 1389 ҳ. – С. 43, 190, 246, 245, 254, 507, 936, 940.
[218] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 550. 16:80.
[219] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 702. 24:27.

орият ва кироя гирифта бошанд, то вақте ки иҷозат нагиред, дохил нашавед. Дар идомаи оят омадааст, ки: «Ва агар дар хона касеро наёфтед, дохил нашавед, то шуморо рухсат диҳанд. Ва агар гӯянд: «Бозгардед», бозгардед, ин бароятон покизатар аст...»[220]. Яъне пас аз дархости иҷозат касеро наёфтед, ки шуморо посух диҳад, дохили он хона нашавед. Зеро агар касе ҳам буд, бидуни иҷозати ӯ ворид шудед ва агар набуд, ин амал ҳаммонанди тасарруф дар мулки дигар маҳсуб меёбад. Инчунин, агар дар посухи иҷозатпурсии худ ба шумо гуфта шавад, ки «ҳоло баргардед» пас баргардед, ки ин амал барои шумо беҳтар аз пофишорӣ барои дохил шудан аст. Вале дархости иҷозат барои вуруд бояд то се маротиба бошад, зеро овардаанд, ки Муҳаммад паёмбар барои иҷоза гирифтан се бор салом мекард ва бо калимае се бор иҷоза металабид[221].

Яке аз муҳимтарин ва бунёдитарин масъалаҳо дар шинохти ҷойгоҳ ва мақоми зан дар хонавода аз нигоҳи ислом чигунагии назари дини ислом ба мавзӯи офариниши зан аст. Яъне, оё аз назари дини ислом занон баробари мардон офарида шудаанд ва оё дар таълимоти исломӣ онҳо аз назари фитрат, ҷавҳари инсонӣ ва шарофату каромат бо ҳам баробаранд, додани посухи саҳеҳ ва возеҳ ба ин саволи усулӣ, пеш аз ҳама, барои он зарур аст, ки мо ба нигоҳи усулии ислом ба масъалаи зан ва ҷойгоҳи инсонии он ошноӣ пайдо намоем, зеро тамоми аҳкоми дигари исломӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни масъалаи занро дар шариати ислом танзим мекунанд, маҳз аз таълимоти усулии ислом дар ин мавзуъ сарчашма мегиранд. Аз ҳамин ибтидо бояд гуфт, ки ин масъала то имрӯз мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусан, дар адабиёти мухталифи илмию таърихӣ ва фалсафию каломӣ ба таври васеъ матраҳ гаштааст. Вале дар баррасии ин мавзуъ ба масъалаи мазкур, мехоҳем, пеш аз ҳама, аз худи сарчашмаҳои асили исломӣ, яъне Қуръон ва суннат истифода намоем. Қуръон аз ин масъала, аз ҷумла, дар

---

[220] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 704. 24:28.
[221] Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6. – Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 613.

сураи «Нисо» ва сураи «Аъроф» ба таври бисёр возеҳ чунин хабар медиҳад: «Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон, он ки шуморо аз нафси ягонае биофарид ва аз ҳамон нафс ҳамсари ӯро ва аз он ҷуфт мардону занони бисёр падид овард...»[222]. «Ӯст, ки ҳамаи шуморо аз нафси ягона биёфарид ва аз он ҷуфташро (ҳамсарашро) низ биёфарид, то ба ӯ оромиш ёбад. Чун бо ӯ даромехт, ба боре сабук борвар шуд ва муддате бо он сар кард. Ва чун бор сангин гардид, он ду ба Аллоҳ, яъне ба Парвардигори хеш нидо карданд, ки агар моро фарзанде солеҳ диҳӣ, аз сипосгузорон хоҳем буд!»[223].

Агар ин ду меъёри қуръониро аз назари забон ва маънӣ таҳлил намуда, мазмуни онро рӯшан намоем, ба таври возеҳ мебинем, ки Қуръон, пеш аз ҳама, аз ягонагӣ ва баробарии гавҳарӣ ва сириштии марду зан сухан мегӯяд. Дар ин оятҳо ба таври мушаххас хабар дода шудааст, ки мард ва зан аз як гавҳар офарида шуда, аз ин ҷиҳат аз ҳамдигар фарқе надоранд. Тавре ки мебинем, дар оятҳои мазкур ибораи «нафси воҳида» ба кор гирифта шудааст, ки мазмуни он гавҳари ягона ва дар баъзе тафсирҳо, моддаи ягона ва тани ягона аст[224]. Гарчи ҳамин тасреҳи Қуръон барои дарки ҳамгавҳарӣ ва баробарии зотии зану мард кифоят мекунад, вале ба хотири боз ҳам возеҳтар гаштани масъала дар Қуръон пас аз ибораи «нафси воҳида» дар ояи аввал, ҷумлаи «ва халақа минҳо завҷаҳо» ва дар ояи дуввум – «ва ҷаъала минҳо завҷаҳо» таъкидан ба кор бурда шудаанд, ки маънои ҳар ду «ва аз ҳамон (нафси воҳида) ҷуфти ӯро низ офарид» мебошад. Яъне ба ибораи дигар, Қуръон хабар додааст, ки зан ва мард аз ҳамон як гавҳар «нафси воҳида» сохта шудаанд ва аз ин назар ҳеҷ яке аз онҳо бар дигаре бартарӣ надоранд. Аз ин рӯ, Қуръон дар масъалаҳои марбут ба офариниши инсон, ҷойгоҳи ӯ ва бисёр масоили усулии дигар, мард ва занро баробар мавриди хитоб қарор дода, онҳоро аз назари аҳаммият ё дараҷа аз ҳамдигар ҷудо намекунад. Қуръон занону мардонро

---

[222] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 704. 24:28.
[223] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 348. 7:189.
[224] Ниг.: Абӯаломуддин. Тафсири осонбаён. Ҷ. 2. – Хуҷанд, 2019. – С. 561.

якҷо дар зери мафҳумҳои куллии «инсон» ва «нос» (мардум) madди назар гирифтааст ва ҳамаи аҳкоми қуръоние, ки бо мурочиат ба «инсон»,[225] «нос»[226] ва «ё айюҳал-лазина оману»[227] ворид шудаанд, барои мардон ва занон баробар мебошанд.

Чунин башорат дар мавриди ин баробарӣ ҳамчунин, дар ояи 195-уми сураи «Оли Имрон», ояи 124-уми сураи «Нисо» ва ғайра таъкид шудааст. Дар кул, муҳаққиқони Қуръон маълум намудаанд, ки дар ин китоб дар 32 оят баробарии занону мардон дар фитрату ибодат ва дар бандагию аҷру савоб ба таври возеҳу мушаххас зикр ёфта, дар садҳо ояти дигар ин баробарӣ дар зимни сиғаи ҷамъи музаккар (мардона) баён шудааст, ки ба таври баробар шомили ҳоли мардон ва занон мебошад[228]. Ҳамин тавр, ислом меъёри аслии арзиш ва кароматы инсонҳоро на дар мард ё зан будан, балки дар имону тақвои бештар доштани онҳо медонад. Чунончи омадааст: «Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед. Бидуни шак, гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост...»[229].

Дар мавриди офариниши марду зан ва баробарии гавҳарии онҳо дар ҳадисҳои Паёмбари ислом низ баён гардидааст. Аз ҷумла, фармудааст: «Занон хоҳарони хунии мардонанд»[230]. Яъне, мисли ду фарзанде, ки аз як падару модар ба дунё меоянд ва нисбат ба ҳамдигар ҳеҷ фарқу имтиёзи зотӣ ва гавҳарӣ надоранд, занон ва мардон низ шақиқ (ҳамхун) ва баробари ҳамдигар ҳастанд.

---

[225] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 1172. 82:6.
[226] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 1206. 114:1,2,3,5,6.
[227] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 44. 2:153.
[228] Ниг.: Абӯаломуддин. Тафсири осонбаён. Ҷ. 1. – Хуҷанд, 2019. – С. 580-581, 754.
[229] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 1032. 49:13.
[230] Ниг.: Абудовуд Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ. Сунани Абӯдовуд. – Ал-Риёз, 1424 ҳ. – С. 45.

Вале сарфи назар аз ин гуфтаҳо дар таълимоти исломӣ меъёрҳое ба мисли ду баробари духтар мерос гирифтани писар аз волидайн, бе иҷозати мард аз хона набаромадани зан ва ғ. ба назар мерасанд, ки зоҳиран ба нобаробарии иҷтимоии зану мард далолат намуда, ҳуқуқи занро дар баробари мард маҳдуд нишон медиҳанд. Оид ба ин масъала муҳаққиқ Қ. Нурулҳақов чунин навиштааст: «Бо пайдоиши ислом ва ислоҳ гардидани тарзи тафаккур ва тарзи зиндагии ҷоҳилонаи араб зан то андозае ҳуқуқҳои муайянро соҳиб шуд ва аз баъзе анъанаву одатҳои замони ҷоҳилият раҳо ёфт. вале нобаробарии иҷтимоии зану мард дар байни арабҳо замони ислом низ боқӣ монд, ки он минбаъд барои маҳдуд сохтани ҳуқуқи зан дар ҳаёти иҷтимоӣ истифода шуда, дар шариати ислом ҳукми қонунро гирифт»[231]. Е.А. Дорошенко бошад чунин менависад: «...дар замонҳои маъмулӣ зани зардуштӣ нисбат ба зани мусулмон озодтар буд»[232].

Мақсад аз бастани ақди никоҳ ташкили хонавода ва ҳифзи он ва ба ин восита расидан ба оромиш ва даст ёфтан ба як силсила ҳадафҳои пешгузоштаи шариати исломӣ мебошад. Аз ин рӯ, устувор ва гиромӣ доштани ақди никоҳ ва пойдор доштани оила яке аз вазифаҳои асосии занон ва мардон буда, бояд дар ин роҳ ниҳояти талоши худро анҷом бидиҳанд.

Ҷойгоҳи зан ҳамчун ҳамсар аз муҳимтарин ва васеътарин масъалаҳои баҳси ҳуқуқ ва ҷойгоҳи зан дар таълимоти исломӣ мебошад. Агар ба ин масъала ба таври куллӣ назар афканем, пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки бино бар ҳикмате инсонҳо дар ҷуфти нарина ва модина халқ шуда, дар вуҷуди онҳо меҳру улфати фитрӣ ва табиӣ нисбат ба ҳамдигар ҷой гирифтааст. Дар ин маврид, дар Қуръон чунин омадааст: «Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то бо эшон оромиш

---

[231] Ниг.: Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – С 67.
[232] Ниг.: Дорошенко А. Р. Зороастрийцы в Иране (Историко-этнографический очерк). М., Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1982. – С. 61.

ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод. Дар ин ибратҳоест барои мардуме, ки тафаккур мекунанд»[233].

Ҳамин тавр, ислом издивоҷ ва ҳамсардориро ҷузъи табиати инсон дониста, ин амри некӯро ташвиқу тарғиб менамояд. Вобаста ба ин, дар таълимоти исломӣ маҷмӯаи васеи арзишҳо, фармудаҳо ва муқаррароти шаръию ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар боби интихоби ҳамсар, шароити издивоҷ, вазифаҳои ҳамсарон дар баробари ҳамдигар ва ғайра омадааст, ки зимнан ба шарҳи онон хоҳем пардохт.

Дини ислом дар таълимоти худ ба ҷойгоҳи оила ё хонавода аҳаммияти бисёр ҷиддӣ қоил аст. Омӯзиши фармудаҳои сарчашмаҳои исломӣ нишон медиҳад, ки дини мазкур тамоми ҷанбаҳои шаръӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, отифӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва моддию иҷтимоии ниҳоди оила ва зиндагии оилавиро дар назар гирифта, нисбат ба он таълимоти бисёр табиӣ ва мукаммалеро пешниҳод намудааст. Пояи зиндагии оилавӣ аз назари ислом ақди никоҳ ё паймони издивоҷ аст. Ин паймон аз ақду қарордодҳои дигар фарқ дорад, зеро он дар Қуръон ҳамчун «паймони пойдор ва устувор» ёд шудааст: «Ва чӣ гуна он молро бозпас мегиред ва ҳол он ки ҳар як аз шумо аз дигаре баҳраманд шудааст ва занон аз шумо паймоне устувор (мисоқ) гирифтаанд»[234].

Истилоҳи «мисоқ», ки Қуръон нисбат ба паймони издивоҷ истифода намудааст, маънои аҳду савганди содиқона ва нашиканандаро дошта, аз сари масъулияту муҳаббат ва бо нияти давом ёфтани насли одамӣ баста мешавад[235]. Ҳеҷ мард ва зан бояд онро осон нагирад ва онро ҳамчун арзиши муқаддаси ҳаёти худ риоят намояд. Маҳз ҳамин нигоҳи масъулона ба паймони издивоҷ устувории оила ва саодату баракати ҳамсаронро таъмин менамояд.

---

[233] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 810. 30:21.

[234] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 160. 4:21.

[235] Ниг.: Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз се ҷилд. Ҷ. 2. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1988. – С. 327.

Пайванде, ки дар натиҷаи баста шудани паймони издивоҷ ба вуҷуд меояд, зан ва мардро то андозае ба ҳамдигар наздик месозад, ки онҳо дар айни фард будан ба ҳам ҷамъ гашта, мафҳуми ягонаи оила ва ҳамсарро ба вуҷуд меоранд. Ин аст, ки дар ислом нисбат ба ҳар яке аз тарафҳои ин паймон истилоҳи «завҷ» истифода мешавад. Завҷ ба маънои ҷуфт буда, пайванди амиқи зану мард ва ба як мафҳум табдил гаштани онҳоро мефаҳмонад. Яъне, гарчи зан ва мард ҳар яке фард ҳастанд, вале мафҳуми завҷ ё ҷуфт, ки пас аз паймони издивоҷ нисбат ба ҳар яки онҳо истифода мешавад, омезиши тамоми зиндагии онҳо, муштарак гаштани тамоми масъулият ва ғаму шодии онҳоро нишон медиҳад. Ин аст, ки Қуръон зану шавҳарро ҳамчун нигаҳдоранда, пӯшиш ва либоси ҳамдигар таъбир намудааст: «...онҳо (занон) шуморо (ба ҷои) либос ва пӯшишанд ва шумо (низ) онҳоро (ба ҷои) пӯшишед...»[236].

Аз он ҷо, ки ободӣ ва устувории оила сабаби саодати зану мард ва сабаби саодати тамоми башар аст, ислом барои нигаҳдории оила дастуру таълимоти зиёдеро ба башар пешниҳод намудааст. Дар ин таълимоти васеъ, пеш аз ҳама, ба асли муҳаббату раҳмат таъкид гаштааст, ки он ба маънои меҳрубонию эҳтирому вафодории ҳамсарон нисбати ҳамдигар мебошад. Зеро маҳз муҳаббат боис мегардад, ки зану мард аз ҳамдигар хурсанд буда, аз ҳаёти оилавӣ розӣ гарданд ва хонаводаи устувору зиндагии ором дошта бошанд. Тавре ки дар боло зикр намудем, зану мард ба хотири оромиш ёфтан аз ҳамдигар офарида шуда, дар замири онҳо муҳаббату раҳмату ҷозиба нисбат ба ҳамдигар ҷой гирифтааст. Аз ин рӯ, ҳар фарде, ки фитрати ӯ поку солим бошад, аз неъмати муҳаббат нисбат ба ҳамсари худ бархӯрдор мебошад.

Таълими дигари ислом барои устувор нигоҳ доштани оила асли «маъруф» аст. Истилоҳи «маъруф», ки Қуръон дар масъалаи муносибати ҳамсарон бо ҳамдигар борҳо ба он таъкид намудааст, ба маънои

---

[236] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 56. 2:187.

муносибати нек, шоиста ва сазовор дар доираи одоби инсонӣ ва таълимоти шаръӣ мебошад[237]. Яъне, маҳз ахлоқи накӯ ва муносибати шоиставу сазовори ҳамсарон ба ҳамдигар боиси устуворӣ ва нигаҳдории оила мегардад. Ба таври мисол, ин масъала дар Қуръон ба сурати зерин омадааст: «Ва миёни ҳамдигар ба некӯӣ (маъруф) мувофиқат намоед»[238]. «Бо занони худ бо некӯӣ ва шоистагӣ (маъруф) зиндагӣ кунед»[239].

Бахши бештари оятҳои қуръонӣ дар бораи пеш гирифтани рафтори сазовор нисбат ба ҳамсарон ба мардон хитоб шудааст, зеро устувории оила ва саодати он аз мавқеъ ва рафтори мардон вобастагии зиёдтар дорад. Ахлоқу рафтори некӯи мард боиси дар оила ҷорӣ гаштани ин навъи ахлоқ ва ба тамоми аъзои оила, чи зан ва чи фарзандон таъсири амиқ гузоштани он мегардад. Таҷрибаи башарӣ нишон додааст, ки ҳатто, агар мард ҳамаи масъулиятҳои оилавии худ, аз ҷумла, таъмини хӯрок, пӯшок ва манзилро ба ҷой оварад, боз ҳам дар сурати надоштани ахлоқи некӯ ва писандида наметавонад, сабаби рушду оромиши оилаи худ бошад. Ин аст, ки ислом ба ахлоқи некӯ гаштаву баргашта таъкид менамояд. Зеро ба гуфтаи Н.Д. Маҳмадизода ахлоқ чун унсури ҳаёти маънавӣ баромад намуда, талаботи одамонро нисбати арзишҳое ба мисли гуманизм қаноатманд сохта, рафтори онҳоро дар ҷомеа ба танзим медарорад[240].

Зиндагӣ ва ахлоқи Паёмбари ислом худ намунаи муносибати як мард бо ҳамсар ва оила будааст. Дар ин бора ҳадиси зерин шаҳодат медиҳад: «Оиша гӯяд: Паёмбари Худо фармуданд: Беҳтарини шумо онҳое ҳастанд, ки бо зан ва фарзандони худ беҳтарин рафторро дошта бошанд. Ва ман

---

[237] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – С. 788.
[238] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 1116. 65:6.
[239] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 158. 4:19
[240] Ниг.: Маҳмадизода Н.Д., Саидов Д.М. Аҳамияти омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеа барои ҳифзи бехатарии он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 6. – С. 129.

барои хонаводаам аз ҳамаи шумо беҳтарам»[241]. «Ба шумо тавсия менамоям, ки бо ҳамсарони худ ба хубӣ рафтор намоед...»[242].

Нахустин ва муҳимтарин ҳуқуқе, ки мутобиқи таълимоти исломӣ мард дар хонавода дорад, роҳбарӣ ва сарпарастии оила мебошад. Мард дар таълимоти исломӣ масъул аст, ки хонаводаро роҳбарӣ, таъмин, ҳимоят ва тарбият намояд, шароити рушду иззату амнияту оромиши онро фароҳам оварад. Масъалаи сарварӣ ва тасаллути мардон нисбати занон дар Қуръон чунин омадааст: «Мардон аз он ҷиҳат, ки Худо баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ (ба занон) харҷ мекунанд, бар занон сарпарастӣ (қаввомият) доранд»[243].

Калимаи «قَوَّامُونَ» (қаввомун), ки дар ин меъёр истифода шудааст, ҷамъи калимаи **«қаввом»** буда, аз решаи қиём ба маънои қиёмкарда, яъне истода мебошад. Ин калима вобаста ба ҷои истифодааш метавонад маъноҳои гуногун гирад, вале маънои маъмултарини он масъулият, сарпарастӣ, идора намудан, ба дӯш доштани раёсати корҳо ва ӯҳдадорӣ мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, маънои куллии ибораи қуръонии «мардон бар занон қаввомият доранд» ин аст, ки мардон бар занон сарпарастӣ доранд, масъули умури занон ва вазифадори нигаҳдорӣ ва таъмини амнияти занон ҳастанд. Ва чун як маънои калимаи «қаввом» устуворист, метавон гуфт, ки мардон беҳтарин ва устувортарин масъул, сарпараст ва пуштибон барои занон ҳастанд.

Сабаби дуюми нисбат ба зан сарпарастӣ ё қаввомият доштани мардро ин ояти қуръонӣ нисбат ба зан баъзе бартариҳо ва нуктаҳои қувват доштани мард донистааст. Ин бартариҳо, пеш аз ҳама, дар қудрату қувваи ҷисмонии бештар, ҷуръату ҷасорат, ҳисси талошу мубориазаи бештар доштани мард ифода мегардад, ки аз назари илми муосир низ дар ин

[241] Ниг.: Муҳаммад ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. – Риёз: Мактабат-ул-маориф, 1417 ҳ. – С. 875.
[242] Ниг.: Асари зикршуда. – С. 276.
[243] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 166. 4:34.

маврид ҳеҷ баҳсу шакке нест. Табиист, ки мард бо ин бартариҳои табиии худ барои ҳимояи оила аз таҳдиду хатарҳо, ҳалли мушкилоти гуногуни зиндагӣ, таъмини маоши хонавода, таъмини хонаву сарпаноҳ ва дар умум, таъмини амнияту оромиши оила имконоти бештар дорад. Ин аст, ки ислом ин имконоту бартариҳои мардро ба вазифаву масъулияти ӯ табдил дода, мардро масъули сарпарастӣ ва таъмини маошу оромиши зан таъйин намудааст.

Дар айни замон, бояд таваҷҷуҳ намуд, ки дар ин оят дар бораи фазилати баъзе бар баъзе сухан меравад, ки онро метавон ҳамчун фазилату бартариҳои дуҷонибаи зан ва мард фаҳмид. Дар ин оят ба таври мушаххас гуфта нашудааст, ки мардон бар занон бартарӣ доранд, балки маҳз ибораи «баъзе бар баъзе» истифода шудааст. Яъне, метавон гуфт, ки чунон ки мардон нисбат ба занон бо баъзе сифатҳои мардонаи худ бартарӣ доранд, занон низ нисбат ба мардон бо баъзе сифатҳои хоси занонаи худ афзалият доранд. Масалан, сифатҳои чун меҳр, ҳусн, отифа, эҳсос, зебоишиносӣ, назокат, сабр ва ғайра дар занон басе барҷастатар аз мардон мебошанд ва ҷое, ки ин сифатҳо коромад доранд, ҳатман занон нисбат ба мардон бартарӣ хоҳанд дошт. Аз ин рӯ, занон низ ба таври табиӣ ва фитрӣ нисбат ба мардон як силсила бартариҳо доранд. Вале таҳлилу муқоисаи маҷмӯи ин тафовуту бартариҳои дуҷониба низ далолат ба он мекунад, ки мардон дар корҳои хонавода нақши масъул ва сарпарастро дошта бошанд, то маошу амнияти хонавода таъмин бошад ва зан дар оромишу осудагӣ ба сар барад.

Масъалаи дигаре, ки дар хонавода сурат мегирад, ин падидаи варосат мебошад. Он бо дарназардошти вазъи оилавӣ миёни аҳли хонавода гуногун (каму беш) тақсим карда мешавад. Мақсад аз варосат маҷмӯи сарватест, ки пас аз даргузашти ягон узви хонавода аз ӯ боқӣ мондааст. Ислом тақсими сарвати аз шахси фавтида боқӣ мондаро зери унвони «тақсими моли мерос» ё худ «тарика» зарурӣ дониста, саҳми ҳар як меросхӯрро худ муайян намудааст. Дар оёти 7, 11, 12 ва 176 – уми сураи «Нисо» ба тариқи муфассал оиди ҳукм, аҳамият ва тақсими моли мерос ба

тартиби муайян сухан рафтааст. Ҳамчунин, аз ҷониби Паёмбари ислом дар ин маврид ҳадисҳое гуфта шудааст, ки муҳаддисин онҳоро дар боби алоҳида бо номи «китоби фароиз»[244], ҷамъоварӣ намудаанд. Дар заминаи ин ду сарчашма муҳаққиқони улуми исломӣ оиди ин масъала илмеро зери унвони «илми фароиз» махсус гардонидаанд, ки падидаи мазкурро бо тамоми ҷузъиёташ дар бар мегирад.

Қуръон дар тақсимоти моли мерос нахуст аз саҳми фарзандон шурӯъ намуда, саҳми писарро ду баробари саҳми духтар муайян намудааст: «Худо дар бораи фарзандонатон ба шумо супориш мекунад, ки саҳми писар баробари саҳми ду духтар аст...»[245]. Дар мавриди саҳми фарзандон ба масъалаҳои зерин бояд таваҷҷуҳ дод:

1. Агар шахси фавтида як писар ва як духтар дошта бошад, моли ӯ ба се ҳисса тақсим карда мешавад, ду ҳиссаи онро писар ва як ҳиссаи онро духтар мегиранд;

2. Агар шахси фавтида ду ва ё зиёда духтар дошта бошад (на писар), дар ин сурат низ моли ӯ ба се ҳисса тақсим карда мешавад, ду ҳиссаи онро духтарон ва як ҳиссаи боқимондаро дигар ворисон мегиранд: «...Ва агар духтар бошанд ва беш аз ду тан, аз се ду ҳиссаи мерос аз онҳост...»[246]. Дар ин маврид омадааст, ки зане ҳамроҳи ду духтараш назди Муҳаммад паёмбар омада шикоят кардааст, ки падари инҳо фавтидааст ва амакашон ҳамаи моли ӯро ба мерос гирифтааст, чизе барояшон намедиҳад. Дар ҳамин ҳангом, ояти 11-и сураи «Нисо» нозил мешавад ва Паёмбар мегӯяд, ки он занро бо он мард (амаки духтарон) назди ман бихонед. Баъди ҳозир шудан бо он мард хитоб карда мегуяд: «Аз се ду ҳиссаи молро ба духтарон

[244] Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.7. – Куҷо: Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 176.

[245] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 154. 4:11.

[246] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 154. 4:11.

бидеҳ ва аз моли боқимонда ҳаштякашро ба зан бидеҳ, сипас, ҳарчи монад аз они туст»[247].

3. Агар шахси фавтида як духтар дошта бошад, аз маҷмӯи моли ӯ нисфашро духтар ва нисфи боқимондаро дигар ворисон (ба монанди падару модар, ҳамсар ва бародару хоҳар) мегиранд: «...Ва агар як духтар бувад, пас, нисфи мерос аз они ӯст...»[248].

4. Фарзандон, агарчи ноболиғ бошанд ҳам, аз падару модари худ мерос мегиранд. Қуръон дар ин маврид ба бузургсолон хитоб намудааст, ки ба моли аз волидайн меросгирифтаи ятим бо қасди тасарруф наздик машавед ва онро то ҳангоми бузург шудани ятим назди худ ҳамчун амонат нигоҳ доред: «Ба моли ятим наздик машавед, магар ба некӯтарин ваҷҳе, ки ба салоҳи ӯ бошад, то ба синни балоғат расад...»[249].

Баъд аз саҳми фарзандон Қуръон саҳми падару модарро баён намудааст, ки он ҳолатҳои зеринро фаро мегирад:

1. Агар шахси фавтида дорои фарзанд бошад, падару модари ӯ аз шаш як ҳиссаи моли тарикаро мегиранд: «...ва агар маййитро фарзанде бошад, ҳар як аз падару модар аз шаш як ҳиссаи меросро барад...»[250].

2. Агар шахси фавтида фарзанд, ҳамсар ва бародару хоҳар надошта бошад, моли ӯ ба се ҳисса тақсим карда мешавад, як ҳиссаи онро модар ва ду ҳиссаи онро падар соҳиб мешаванд: «...Ва агар мурда фарзанде надошта бошад ва меросбарон танҳо падару модар бошанд, модар аз се як ҳиссаи меросро барад, (боқии мерос аз они падар аст)...»[251].

3. Агар шахси фавтида фарзанд надошта бошад, вале бародару хоҳари ӯ вуҷуд дошта бошанд, дар ин сурат, модар аз шаш як ҳисса ва

---

[247] Ниг.: Муҳаммад ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. – Риёз: Мактабат-ул-маориф, 1417 ҳ. – С. 472.
[248] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 154. 4:11.
[249] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 296. 6:152.
[250] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 154. 4:11.
[251] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 154. 4:11.

падар боқимондаи меросро мегиранд, «...Аммо агар мурда бародарон дошта бошад, саҳми модар пас аз анҷоми васияте, ки карда ва баъди пардохти қарзи ӯ аз шаш як ҳисса бошад...»[252]. Яъне вуҷуди бародарону хоҳарони фавтида аз ҳуқуқи модар бикоҳид, вале худ саҳме намегиранд, зеро падар нисбат ба онҳо наздиктар аст;

4. Агар шахси фавтида ҳамсар дошта бошад, аввал саҳми ӯ ҷудо карда мешавад, сипас, боқимондаи молро ба се ҳисса тақсим менамоянд, як ҳиссаи онро модар ва ду ҳиссаи онро падар мегиранд.

Саҳми ҳамсарон низ бо дарназардошти вазъи оилавӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Агар зани хонавода фавт намуд, дар сурате, ки фарзанд надошта бошад, шавҳараш нисфи моли ӯро ба мерос мегирад ва нисфи боқимондаро ворисони дигар мегиранд. Аммо агар зан фарзанд дошта бошад шавҳар аз чор як ҳиссаи молро мегирад: «...Агар занонатон фарзанде надоштанд, нисфи меросашон аз они шумост. Ва агар фарзанде доштанд, пас барои шумост, аз чаҳор як ҳиссаи он чи гузоштаанд...»[253].

2. Агар марди хонавода фавт намуд, дар сурате, ки фарзанд надошта бошад, ҳамсараш аз чор як ҳиссаи моли ӯро ба ирс мебарад. Вале агар фарзанд дошта бошад, аз ҳашт як ҳиссаи молро соҳиб мешавад: «...Ва агар шуморо фарзанде набуд, аз чаҳор як ҳиссаи меросатон аз они занонатон аст. Ва агар дорои фарзанде будед, барои занонатон аст аз ҳашт як ҳиссаи он чи гузоштаед...»[254].

Бояд зикр намуд, ки дар ҳамаи ҳолатҳои дар боло қайд шуда, тақсими моли мерос пас аз харҷи маросими дафн (такфину тадфин), пардохти қарзи шахси фавтшуда ва адои васият (агар васият карда бошад) сурат мегирад. «...баъд аз анҷом додани васияте ки кардаанд ва пас аз пардохти қарзи

---

[252] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 154. 4:11.
[253] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 154. 4:11.
[254] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 156. 4:12.

онҳо...»[255]. Яъне пеш аз он ки моли маййитро миёни ворисон тақсим намоянд, аввал аз ҳамон мол ӯро такфин мекунанд, қарзи ӯро пардохт мекунанд ва агар васияте карда бошад, ки ба фалон шахс фалон миқдор маблағ бидиҳед, онро низ иҷро мекунанд, пасон ба тақсими моли мерос мепардозанд. Агар миқдори қарз баробар бо моли мерос ё аз он ҳам зиёд буд, қарзро адо мекунанд ва чизе барои ирс намемонанд. Вале набояд васият бештар аз се як ҳиссаи молро дарбар гирад. Агар маййит беш аз ин васият карда бошад ҳам, ҳамин миқдори муқарраршуда бояд адо шавад. Зеро зиёда аз ин васият намудани маййит зарар бар ворисони аслӣ аст, бино ба таъбири Қуръон набояд ворисон аз ҷониби шахси гузаштаи худ зарар бинанд: «...пас аз анҷом додани васияте, ки кардааст ба ғайри он ки барои ворисашон зиёновар бошад (яъне васияте ки зиёда аз се яки мерос бувад эътибор надорад)...»[256].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки пайдоиш ва ташаккули ислом дар ташаккули институти оила таъсири калон расонида, ба он паҳлуҳои нави хос бахшидааст. Ислом мақоми оила, зан, фарзанд ва дигар аъзоёни оиларо дар ҷомеа баланд бардошта, махсусан, занонро аз мол ба шахсият табдил дод, ки ин яке аз қадамҳои муҳим дар ташаккули институти оила ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, ислом тамоми паҳлуҳои институти оиларо дар асоси сарчашмаҳои динӣ муқаррар намуда, дар инкишофи минбаъдаи институти оила нақши муҳим бозидааст.

---

[255] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 156. 4:12.

[256] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 156. 4:12.

## 2.2. Таълимоти ислом оид ба низоми оиладорӣ

Ислом дар Нимҷазираи Арабистон дар ибтидои асри 7 мелодӣ пайдо шудааст. Чун пайдоиши ислом ва қабули он аз ҷониби арабҳо ва қабилаҳои минтақаҳои Ҳиҷоз тақрибан аз соли 610 то 630 - ро дарбар мегирад, аз ин рӯ, фақат ягон соли муайянро барои таъсири пайдоиши он зикр кардан номумкин аст[257].

Муҳаққиқон ақида доранд, ки пайдоиши ислом ҳам ба талаботи умумитаърихии ҷомеаи араб, ҳам ба рафти таърихии воқеии маънавӣ ва иҷтимоии Нимҷазираи Арабистон ва ҷаҳон мутобиқат дорад.

Дар пайдоиш, ташаккул ва рушди ислом дар Нимҷазираи Арабистон мақоми пайғамбари ислом Муҳаммад ва ҷомеаи аввалаи исломӣ бузург аст. Муҳаммад дар яке аз бузургтарин хонадонҳои араб, яъне хонаводаи бани Ҳошим ба дунё омадааст. Бани Ҳошим яке аз хонадони қабилаи Қурайш мебошад. Қурайш бошад, аз муҳтарамтарин ва бузургтарин қабилаи араб ба ҳисоб мерафт. Муҳаммад бомдоди рӯзи душанбе, 9 - моҳи рабе-ул-аввали соли фил[258], яъне 20 апрели соли 570 мелодӣ дар хонадони бани Ҳошим дар шаҳри Макка ба дунё омадааст[259].

Бояд гуфт, ки ислом дар симои асосгузори он Муҳаммад нисбат ба институти оила ва тамоми унсурҳову ҷузъиёташ дидгоҳи комилан мусбӣ дошта, ташкили ниҳоди мазкурро дар доираи никоҳ ҷонибдорӣ мекунад. Дар ин бора, Я. Исмоил менависад, ки дар ислом ташкили хонавода, ки гаҳвораи пайдоиш ва рушди кӯдак аст, ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ будааст[260]. Зеро Муҳаммад ба унвони муассиси ислом ва улгу дар ҳамин доира аз модар ба дунё омада, ҳамчунин, ташкили хонавода додааст. Ӯ аз издивоҷи Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ва Омина бинти Ваҳб ба дунё

---

[257] Ниг.: Саид Н.С.., Аҳмадов С., Нурулҳақов Қ., Назаров Р. Диншиносӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Маориф, 2018. – С. 310.
[258] Ниг.: Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Теҳрон, 1380ҳ./2001м. – С. 580.
[259] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 138.
[260] Ниг.: Исмоил Яхкашифар. Татбиқи муқаррароти кайфарии Ҷумҳурии исломии Эрон бо усули ҳоким бар конвенсияи байналмилалӣ перомуни ҳуқуқи кӯдак // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – №3/8 (150), қисми 2. – С. 65.

омада, дар синни 25 солагӣ бо Хадиҷа бинти Хувайлид дар доираи никоҳ ташкили хонавода дода, оилаи худро бунёд намудааст[261].

Азбаски мақсаду ҳадаф аз издивоҷ оромиши рӯҳ ва нигоҳдории насли башарӣ аз заволу фисқу фасод аст, дини ислом барои зану шавҳар ҳуқуқ, масъулият, вазифаҳо ва одоберо муқаррар намудааст, ки онҳо, ҳатман, бояд аз ҷониби ҳамсарон риоя шаванд. Ба ин маъно, дар Қуръон омадааст: «...Ва занонро (аз ҳуқуқ бар мардон) монанди он чи ҳаст, ки (мардонро) бар занон аст – ба ваҷҳи писандида; ва мардон бар онҳо дараҷаи бартарӣ доранд...»[262]. Дар таълимоти исломӣ оила ва арзишҳои оилавӣ муқаддас эътироф гардида, ба таври махсус ҳифз мегардид. Дар ин хусус, У.А. Азиззода қайд менамояд, ки дар меъёрҳои исломӣ муносибатҳои маҳрамонаи ғайриқонунии марду зан ҳамчун ҷиноят ба ҳисоб меравад. Хатарнокии ҷинояти мазкур дар он ифода мегардад, ки дар идомаи насл ва дигар манфиатҳои оилавӣ таъсири манфӣ мерасонад[263].

Тибқи низоми оиладорӣ дар ислом ташкили ниҳоди хонавода аз хостгории бо барор оғоз меёбад. Хостгорӣ изҳори рағбат ва алоқа ба оиладорӣ бо духтар ё зани муайян ва эълони он ба падару модар ё сарпарасти ӯ мебошад. Аз қадимулайём дар байни мардуми тоҷик чунин одат ҷорӣ буд, ки пеш аз оиладоршавӣ аз тарафи хонаводаи писар ба хостгории духтари хонаводаи дигар мерафтанд ва ин фарҳанг мавриди таъкиди шариати ислом низ қарор гирифтааст. Ҳикмати хостгорӣ шиносоии писару духтар бо афкор ва ахлоқ, гароишҳо ва нигоҳҳои ҳамдигар аст[264]. Ҳамин тариқ ҷониби писар бо падару модар ё сарпарасти духтар атрофи масъалаи хостгорӣ гуфтугӯ анҷом медиҳанд ва дар сурати розигии тарафайн замонеро барои ақди никоҳ ва маросими он муайян

[261] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 137-139.
[262] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 70. 2:228.
[263] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 127.
[264] Ниг.: Амирбекова И. Мақоми иҷтимоии зан дар ислом ва таъсири он ба фалсафаи машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 170.

мекунанд. Вале, хостгорӣ бояд тибқи одоби худ анҷом пазирад. То замоне ки хостгори аввал издивоҷ накарда ва ё аз хостгориаш сарфи назар нанамудааст, на бояд хостгорӣ кард. Дар ин маврид, ҳадисе омадааст: «Аз Абдуллоҳ писари Умар ривоят аст, ки мегӯяд: Паёмбари Худо (с) шуморо аз муомила бар муомилаи дигарон ва аз хостгорӣ бар хостгории дигарон, манъ фармудааст, магар ин ки хостгори қаблӣ аз хостгориаш сарфи назар намояд ва ё (ба хостгори дуюм) иҷоза диҳад»[265]. Бояд гуфт, ки «никоҳ» калимаи арабӣ буда, маънои луғавӣ – маъмулии он ба ҳам ҷамъ шудан аст[266]. Аммо дар истилоҳ никоҳ ё издивоҷ иборат аз ақдест, ки бо лафзи никоҳ ё тазвиҷ (оиладор кардан) ва ё тарҷумаи он бо забонҳо ва лаҳҷаҳои дигар сурат гирад ва фарогири ҳалол будани зану шавҳар барои якдигар бошад[267]. Дар ислом барои бастани ақди никоҳ вақти муайяне ҳатмӣ дониста нашудааст. Аммо агар имконият даст дод, маросим ва ақни никоҳ дар моҳи шаввол гузаронида шавад беҳтар аст. Зеро Оиша гуфтааст, ки: «Расули Худо (с) дар моҳи шаввол бо ман ақди никоҳ баст, кадоме аз занонаш аз ман хушбахттар буданд?!»[268].

Никоҳ дар ислом шартномаи ҳамзистии зану шавҳарро мемонад, ки танҳо дар асоси ризоияти дутарафа сурат гирифта, дар ҳолатҳои истисноӣ аз роҳи талоқ бекор карда мешавад. Никоҳ бояд сабаби оромиш ва боварию эътимоди зану шавҳар ва фарзандони ояндаи онҳо бошад. Шариати исломӣ меъёрҳоеро муқаррар кардааст, ки ҳама равандҳои никоҳ ва ҳаёти оилавиро то ҷузъиёташ танзим менамояд.

Яъне бастани ақди никоҳ масъулияти азимеро бар дӯши шахс бор мекунад. Ҳамсарон бояд фарзандони худро солим, солеҳ, соҳибмаълумот ва шаҳрвандони хубу содиқ ба миллату ватан ба воя расонанд. Муҳаммад

---

[265] Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6. – Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 75.

[266] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадхон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – С. 913.

[267] Ниг.: Алоуддини Самарқандӣ. Туҳфат-ул-фуқаҳо. Ҷ.1. – Бейрут, 1984 м./1405 ҳ. – С. 118.

[268] Ниг.: Мухтасар «Сахих» имама Муслима: Краткое изложение / Заки-ад-дин 'Абд-аль-'Азым ибн 'Абд-аль- Кавви ибн 'Абдуллах ибн Саляма Абу Мухаммад аль-Мунзири (сост.); пер. с араб., прим., указ. А. Нирша. – М.: Умма, 2011. – С. 331.

паёмбар мефармояд: «...Ва бо занон издивоҷ мекунам. Ҳар касе, ки аз (ин) суннати ман таҷовуз кунад аз (пайравони) ман нест»[269].

Пас аз бастани ақди никоҳу баргузории маросими оиладорӣ ва бунёди ниҳоди хонаводаи муштарак, зану мардро лозим аст, ки нисбат ба ҳуқуқи ҳамдигар ошноӣ пайдо кунанд. Бидонанд, ки чи вазифаҳоеро бар ӯҳдаи ҳамдигар доранд, ки онҳоро риоят кунанд. Тибқи таълимоти ислом ҳар як аз зану шавҳар бояд вазоифи худро бо кушодарӯӣ ва ба ваҷҳи аҳсан анҷом бидиҳад. Зану шавҳар чун ду шарики зиндагӣ ҳастанд ва зиндагии онҳо ҳамешагист. Бояд дар роҳи хушбахтӣ ва саодати ҳамдигар талош варзанд, то зиндагии онҳо саршор аз раҳмату баракат гардад ва самараи хубе, ки ҳамоно фарзанди солеҳу солим аст, ба даст оваранд. Зану шавҳаре, ки ҳадафи издивоҷашон осоиши ҳамдигар ва зиндагии бо саодат, сафову самимият ва муҳаббат бошад, мувофиқи таълимоти ислом соҳиби аҷру савоб мегарданд. Воқеъбинӣ, тадбир, андеша, ҳикмат, машварат, гуфтугӯ ва таваҷҷуҳ ба хостаҳои ҳамдигар таъсири зиёде дар хушбахтӣ ва саодати зану шавҳар хоҳад гузошт ва маҳалли гарми хонаву хонаводаро гармтар нигоҳ хоҳад дошт. Хонае, ки дар он меҳру муҳаббат ҳукмфармост, он хона биҳишти дунёст.

Дар таълимоти ислом издивоҷ дорои рукнҳое мебошад, ки бояд мутобиқ ба онҳо сурат гирад. Издивоҷ ва ё ташкили хонавода панҷ рукни асосӣ дорад:

1. Иҷобу қабул, иҷоб пешниҳод кардани валӣ ё сарпарасти зан, дар ҳузури ду шоҳид ба баён кардани маҳрия мебошад. Қабул бошад, пазируфтани шавҳар ин пешниҳодро дар ҳузури ду шоҳид ба баёни маҳрия. Иҷобу қабулро сиғаи ақди никоҳ низ меноманд;[270]

2. Завҷ (мард);

3. Завҷа (зан);

[269] Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6. – Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 25.
[270] Ниг.: Боқизода А. Фиқҳи исломӣ (бар асоси мазҳаби ҳанафӣ). – Душанбе, 2008. – С. 545.

4. Сарпарасти зан, сарпарастии занро чунин касон бар ӯҳда доранд: падар, падарбузург, падари падарбузург, амак, бародар, фарзанд, набера ва ғайра[271];

5. Ҳузури ду шоҳид.

Бояд зикр намуд, ки тибқи таълимоти ислом заноне ҳастанд, ки издивоҷ бо онҳо ҳаром ва номумкин аст:

1. Маҳрамҳои насабӣ, яъне онҳое, ки издивоҷ бо онҳо ҳеҷ вақт ҷоиз нест. Ба мисли: модар, духтар, хоҳар, амма, хола, духтари бародар, духтари хоҳар. Дар ин бора Қуръон баён намудааст: «Модаронатон ва духтаронатон ва хоҳаронатон ва аммаҳоятон ва холаҳоятон ва духтарони бародаронатон ва духтарони хоҳаронатон бар шумо ҳаром шудаанд»[272].

2. Заноне, ки ба сабаби разоат ва ширхорагӣ издивоҷ бо онҳо ҳаром аст. Ба мисли: модари ширӣ, духтари ширӣ, хоҳари ширӣ, аммаи ширӣ холаи ширӣ, духтари бародари ширӣ, духтари хоҳари ширӣ. Оиди ин низ дар Қуръон омадааст: «...ва заноне, ки шуморо шир додаанд ва хоҳарони ширхораатон... бар шумо ҳаром шудаанд»[273]. Оиди ин масъала ҳадисе низ омадааст: «Маҳрамият собит мешавад аз разоат, чигунае ки собит мешавад аз насаб»[274].

Маҳрам шудан аз тариқи ширхорагӣ ба сурати зайл собит мешавад:

1) Ширхор ду сола ва ё аз он поён бошад. Дар баъзе сарчашмаҳо дуним сола омадааст[275]. Ин масъаларо М.Б. Дадашев низ баён намудааст[276].

2) Панҷ маротиба ҷудо-ҷудо шир бинӯшад[277];

3) Шир дар ҳар маротиба ба шиками ширхор бирасад;

---

[271] Ниг.: Боқизода А. Фиқҳи исломӣ (бар асоси мазҳаби ҳанафӣ). – Душанбе, 2008. – С. 567.

[272] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе , 2013. – С. 160. 4:23

[273] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 160. 4:23.

[274] Ниг.: Абудовуд Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ. Сунани Абӯдовуд. – Ал-Риёз, 1424 ҳ. – С. 356.

[275] Ниг.: Муҳаммадамин ибни Обидин. Радд-ул-мухтор. Ҷузъи чорум. – Ал-Риёз, 1423ҳ./2003м. – С. 395.

[276] Ниг.: Дадашев М.Б. Формирование институтов семейного и наследственного права в Арабском Халифате (VIII-X вв): Дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2018. – С. 79.

[277] Ниг.: Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ. Мухтасари Саҳеҳи Муслим. Ҷилди 1. Ихтисоркунанда: Закиюддин Абдулазими Мунзирӣ. – Зоҳидон-Эрон, 1384ҳ. – С. 579.

4) Панҷ маротиба шир додан яқин бошад, агар шак намояд маҳрамият собит намешавад. Ширхорагӣ тавассути шоҳидии ду мард ё як марду ду зан ва ё чор зан низ собит мешавад. Шоҳидии зани ширдиҳанда дар сурате, ки талаби музд накунад, пазируфта мешавад[278].

3. Маҳрамҳои сабабӣ. Яъне онҳое, ки дар асоси принсипи сабабият бо онҳо издивоҷ намудан ҷоиз нест. Ба монанди:

1) Модари зан, ба муҷарради бастани ақди никоҳ бо зане, билиттифоқ модари он зан барои ҳамешагӣ маҳрам мешавад. Зеро Қуръон овардааст: «...модарони занонатон (низ барои издивоҷ бар шумо ҳароманд)»[279].

2) Зани падар ҳар қадар боло равад. Дар ин бора Қуръон ишора намудааст: «Бо заноне, ки падаронатон издивоҷ намудаанд, издивоҷ макунед...»[280].

3) Зани писар ҳар қадар, ки поён равад.

4) Рабиба, яъне духтари зан ҳар қадар, ки поён биравад. Ҳамин, ки ақди никоҳ баста шуд ва шавҳар бо он зан наздикӣ намуд, духарони насабию ширии он зан барои шавҳар ҳаром мешаванд. Дар ин маврид, Қуръон гуфтааст: «...Ва духтарони занонатон, ки дар канори шумо ҳастанд, ҳар гоҳ бо он занон ҳамбистар шудаед, бар шумо ҳаром шудаанд...»[281].

Бояд гуфт, ки ҳамаи он занонеро, ки таълимоти ислом онҳоро маҳрам қарор додааст, дар маҳрамияти ҳар кадом аз онҳо ҳикмате нуҳуфтааст, ки устуворӣ ва бақои хонаводаи солим аз он вобастагӣ дорад.

Назди ҳанафиҳо махр миқдор дорад ва камтарин миқдори махр даҳ дирҳам нуқраи тоза ё як динор тиллои тоза мебошад (тахминан 4,5-5 гм тиллои тоза ё 45-50 гм нуқраи тоза)  ва ё чизе, ки аз рӯи қимат баробари даҳ дирҳам нукра ё як динор тилло бошад, рӯзи акд[282]. Қуръон гуфтааст:

---

[278] Ниг.: Муҳаммадамин ибни Обидин. Радд-ул-мухтор. Ҷузъи чорум. – Ал-Риёз, 1423ҳ./2003м. – С. 389.
[279] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 160. 4:23.
[280] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 160. 4:23.
[281] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 160. 4:23.
[282] Ниг.: Алоуддини Самарқандӣ. Туҳфат-ул-фуқаҳо. Ҷузъи аввал. – Бейрут-Лубнон, 1405ҳ./1984м. – С. 137.

«...Ҳамоно мо он чиро донистаем, ки бар онҳо дар ҳаққи занонашон фарз сохтаем (яъне маҳрро муайян кардаем)»[283].

Маҳр метавонад пул бошад, ё мулк, ё тилло ва ё нуқра ва ё ҳар чизи арзандаи дигар. Дар ислом барои миқдори маҳр омадааст, ки мо онро муқаррар кардаем, миқдори он ба тариқи «пӯшида» омадааст. Муҳаммад паёмбар ба ин ибҳом рӯшанӣ андохтааст: «Занонро ҷуз авлиёашон (сарпарастонашон) ба ҳамсарӣ намедиҳанд ва занон ҷуз бо ҳамтоёни худ ба ҳамсарӣ намедароянд ва маҳрия ҳам камтар аз даҳ дирҳам набояд бошад»[284].

Ба ин сурат, агар камтар аз миқдори муайяншуда, маҳр таъйин кунанд, ақди никоҳ саҳеҳ мешавад, локин ҳамон камтарини маҳр, ки даҳ дирҳам аст, лозим мегардад, агарчи дар ин кор зан розӣ бошад, зеро миқдори маҳрро шариат муайян кардааст чӣ гуна онро тағйир медиҳанд. Вале бештарин миқдори маҳр дар дастуроти шариат муайян нагардидааст.

Пас аз анҷоми никоҳ бо ҳама аркону шуруташ, зану мард вориди зиндагии муштарак мешаванд, ки дар натиҷа, ниҳоди оила ба вуҷуд меояд. Дар ин сурат аъзои оила, ки иборат аз зану шавҳар ва пасон, фарзанд аст, ба тариқи зайл бар ҳамдигарӣ ҳақ доранд:

1. Ҳуқуқи дуҷонибаи зану мард;
2. Ҳуқуқи зан бар зиммаи шавҳар;
3. Ҳуқуқи шавҳар бар зиммаи зан;
4. Ҳуқуқи фарзанд бар зиммаи волидон;
5. Ҳуқуқи волидон бар зиммаи фарзанд.

**1. Ҳуқуқи дуҷонибаи зану мард:**

Ҳамон гуна ки медонем, ислом баъзе аз ҳуқуқро миёни зану шавҳар дуҷониба қарор дода, аз тарафе бар ӯҳдаи мард масоилеро ба унвони воҷиб ва мустаҳаб қарор додааст, то нисбат ба зан анҷом диҳад ва аз тарафи

[283] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 846. 33:50.
[284] Ниг.: Низомиддини Шошӣ. Усули Шошӣ. Табъи чорум.– Карочӣ, Мактабаи Бушро, 1433ҳ./2012м. – С. 12.

дигар, бар ӯҳдаи зан низ як силсила масоилро ба унвони вазоифи воҷиб ва мустаҳаб қарор додааст то нисбат ба шавҳари худ дар анҷоми он вазоиф бикӯшад, ки риояти онҳо боиси ширинии зиндагии муштараки онон ва тарки он сабаби кам шудани ширинии зиндагӣ хоҳад шуд.

Сухан гуфтан дар бораи ҳуқуқи дуҷонибаи зану шавҳар бисёр тӯлонӣ ва дақиқ буда, дар се қисмат баён мегардад, ки қисмати аввали он вазоифи дуҷонибаи зану шавҳар, қисмати дуюм, вазоифи ихтисосии мард нисбат ба зан ва қисмати сеюми он вазоифи ихтисосии зан нисбат ба мард мебошад, ки қисмати аввали он ба тариқи зайл аст:

**1 – Эҳтироми мутақобили зану шавҳар:**

Эҳтироми зану шавҳар нисбат ба якдигар дар саломати руҳӣ, афзоиши муҳаббат ва мустаҳкам намудани асоси хонавода таъсири босазое дорад. Доираи ин эҳтиром шомили арҷ ниҳодан ба шахсияти якдигар, эҳтиром ба назариёт, афкор ва салиқаи ҳамдигар буда, тамоми шууни зиндагии онҳоро таҳти таъсири некӯи худ қарор хоҳад дод.

Муҳаммад паёмбар дар мавриди эҳтироми зан мефармояд: «Касе, ки бо зане издивоҷ менамояд, бояд ӯро эҳтиром кунад»[285]. Ва дар муқобил фармоиши дигаре дорад, ба ин маъно ки: «Зан нигоҳбони хона ва фарзандони шавҳари худ аст»[286]. «Зан дар ҳарими ҳазрати Ҳақ шафие боқудраттар ва наҷотдиҳандатар аз ризояти шавҳар надорад»[287].

**2 – Муҳаббати зану шавҳар:**

Муҳаббат ва ишқу алоқа дар қалби зану шавҳар нисбат ба якдигар қарор дода шуда, намоишгари азамат ва бузургии масъалаи муҳаббати зану мард, ба хусус, ишқу алоқаи мард ба зан аст: «Аз нишонаҳои вуҷуди Худованд ин аст, ки барои шумо аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то

---

[285] Ниг.: Абӯабжуллоҳ Муҳаммад ибни Язиди Қазвинӣ ибни Моҷа. Сунани ибни Моҷа. – Ал-Риёз: 1417 ҳ. – С. 342.

[286] Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6. – Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 96.

[287] Ниг.: Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язиди Қазвинӣ ибни Моҷа. Сунани ибни Моҷа. – Ал-Риёз,1417 ҳ. – С. 341.

дар канори онҳо биёсоед ва байни зану мард дӯстӣ ва меҳрубонӣ барқарор кард, дар ин барнома нишонаҳое барои мардуми андешаманд аст»[288].

Чуноне ки маълум аст, инсонҳо дорои отифаи фаровонанд, ки ниёз ба муҳаббат яке аз асоситарини онҳост. Ҳар як аз зану шавҳар дӯст медорад, ки мавриди муҳаббати дигарӣ қарор гирад ва низ нисбат ба ҷуфти худ ибрози алоқа кунад. Зиндагӣ бидуни муҳаббат ҷозиба надорад ва ағлаби инсонҳо аз зиндагии бемуҳаббат гурезонанд. Муҳаммад паёмбар мефармояд: «Дунё ҳамааш матоъ аст ва беҳтарин матои дунё зани (ҳамсар) – и солиҳа аст»[289].

**3 – Гузашту бахшиш:**

Гузашт ва иғмозу чашмпӯшии зану шавҳар аз лағзишҳо ва корҳои нописанди ҳамдигарӣ дар муҳити хонавода, аз амнияти фаровоне бархурдор аст ва бетаваҷҷуҳӣ ба он фазои самимият ва осоиши ҳоким бар хонаводаро ба муҳити изтироб, бадбинӣ, асабоният ва айбҷӯии мустамирри ҳар як аз аъзои хонавода нисбат ба дигарӣ табдил хоҳад кард.

Эҷоди оромиши руҳӣ, зудудани кина, фузунии иззат, тӯли умр… осорест, ки ривоёт онҳоро натиҷаи гузашту бахшиш донистаанд. Дар ривоят омадааст: Се чиз аз бузургвориҳои дунё ва охират аст: аз касе, ки ба ту зулм кард, бигзарӣ ва ба касе, ки аз ту бурид, бипайвандӣ ва нисбат ба касе, ки ҷоҳилона рафтор кард, хештандор бошӣ[290].

**4 – Масъулиятпазирӣ:**

Аз ҷумла, авомили муассир дар таъмини саодати хонавода, ҳисси масъулиятпазирии мутақобили ҳамсарон аст. Ҳар як аз зану мард бояд бидонанд, ки бо қабули зиндагии муштарак, масъулиятҳое бар ӯҳдаи онҳо қарор мегирад, ки пеш аз ташкили хонавода аз он осуда буданд. Ин масъулиятҳо бо таваҷҷуҳ ба ихтиёрот, тавоноиҳо ва шароити хосси ҳар як

[288] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 810. 30:21.
[289] Ниг.: Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ. Мухтасари Саҳеҳи Муслим. Ҷилди 1. Ихтисоркунанда: Закиюддин Абдулазими Мунзирӣ. – Зоҳидон-Эрон, 1384ҳ. – С. 525.
[290] Ниг.: Нигоҳе ба ҳуқуқи дуҷонибаи байни зану шавҳар [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.khonavoda.com (санаи муроҷиат: 28.12.2021).

аз зану шавҳар бар ӯҳдаи онон қарор хоҳад гирифт. Масъулиятҳое аз қабили таъмини масрафи зиндагӣ, мудирияти хонавода, ҳамсардорӣ, тарбияти фарзандон ва ғайра. Вуҷуди ин ҳис боиси истеҳкоми пайванди хонавода ва осоиши руҳӣ хоҳад шуд.

**5 – Ахлоқи некӯ:**

Бино ба гуфтаи муҳаққиқон дини ислом бар пояи ахлоқ бино шудааст, ки оварандаи он Муҳаммад паёмбар фармудааст: «Ман барои комил намудани ахлоқи некӯ мабъус гаштаам»[291].

Ахлоқ, сифати муҳим ва барҷаста дар зиндагии инсон аст. Некхӯӣ бо мардум, ба хусус, бо ҳамсар ва фарзандон таъсири амиқе дар шахсияти инсон мегузорад ва муҳити хонаводаро пур аз сафову самимият мекунад ва адами вуҷуди он зиндагиро тираву тор ва мӯҷиби ба вуҷуд омадани мушкилоте дар қолаби тундхӯӣ, гирифтагии чеҳра, беҳавсалагӣ, баҳонагирӣ ва ғайра намоён мешавад ва осоре аз қабили тарс ва изтироб ва зойеъ шудани шахсияти инсонӣ ва ғайраро ба армуғон меоварад. Хушзабонӣ, эҳтиром ба ашхос, фурӯтанӣ, дилвасегӣ, салом кардан, дилҷӯӣ ва меҳрубонӣ аз ҷумлаи масодиқи хушахлоқӣ ба шумор меравад.

**6 – Гумони некӯ нисбат ба ҳамдигар:**

Эътимоди тарафайнӣ сармояи бузурге барои зиндагии муштарак аст. Дар муқобил, бадгумонӣ осори манфии зиёде дар зиндагӣ бар ҷой мегузорад. Инсоне, ки бар асари рӯҳияи бадбинӣ, ба ҳамсари худ эътимод ва итминон надорад, аз оромиш ва сафои зиндагии хонаводагӣ маҳрум хоҳад буд. Чунин фард дар равобити иҷтимоӣ низ муваффақ нахоҳад шуд, чаро ки дар натиҷаи бадгумонӣ ба дигарон дӯстони худро аз даст дода, танҳо хоҳад монд. Дар Қуръон оиди бадгумонӣ омадааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, аз бисёре аз гумонҳо бипарҳезед. Ҳароина, баъзе аз гумонҳо дар ҳадди гуноҳ аст. Ва дар корҳои пинҳонии якдигар ҷосусӣ

---

[291] Ниг.: Муҳаммадшафеи Усмонӣ. Маориф-ул-қуръон. Ҷ.6. – Карочӣ: Дор-ул-улум, 1377 ҳ. – С. 158-159.

макунед ва аз якдигар ғайбат макунед...»[292]. Муҳаммад паёмбар низ дар ин маврид гуфтааст: «Аз бадгумонӣ худдорӣ намоед, зеро бадгумонӣ дурӯғтарин суханҳост...»[293].

**7 – Рифқу мадоро:**

Яке дигар аз вазоифи мутақобили ҳамсарон нисбат ба якдигар, рифқу мадоро аст. Рифқ дар луғат ба маънои меҳрубонӣ, лутф ва нармӣ омадааст[294]. Ба ин маъно, ки дар муқобили айбҳо ва костаҳои ҳамсар ва рафтори нохушоянди ӯ бархӯрди тунд ва хашин надошта бошем ва бо самимият ва дӯстӣ бо якдигар рафтор кунем. Зеро табиист, ки як зан ва мард дар рафтор ва гуфтори худ костаҳое доранд, ки аз назари дигарӣ нохушоянд ба назар мерасанд.

Албатта, маънои мадоро бо ҳамсар ин нест, ки нисбат ба айбҳо ва рафтори нописанди ӯ беэътино бошем, балки ба ин маъно аст, ки дар мавриди ислоҳи ҳамсар мулоҳизаи зарфияти ӯро карда, беш аз тавонаш аз ӯ интизор надошта бошем ва ба таври куллӣ дар мавриди хусусиёти номатлуби ӯ рафтори бузургворона пеша кунем.

**8 – Иффату покдоманӣ:**

Ин сифатро ҳарчанд ба таври ғолиб дар ҷомеаи имрӯзаи мо аз занон интизор доранд, аммо ривоёт нигоҳи васеътар дошта, онро вазифаи мутақобили зану шавҳар донистааст. Иффат ба таъбири ривоёт пойдорӣ дар баробари шаҳавот аст ва ин аз зану мард мавриди интизор мебошад. Зеро зану мард ҳарду аз ҳамдигар иффату покдоманӣ интизоранд.

**9 – Дарки ҳамдигар (ҳамдигарфаҳмӣ):**

Решаи бисёре аз ихтилофоти хонаводагӣ дар набудани ҳамдигарфаҳмии мутақобили ҳамсарон мебошад. Дарки мавқеият ва мушкилоти ҳамсар мӯҷиб мешавад, ки инсон ба некиҳои ҳамсар таваҷҷӯҳи бештаре карда, қадрдони заҳамоти ӯ бошад. Баръакс касе, ки ҳамсари

[292] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 1032. 49:12.
[293] Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6. – Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 526.
[294] Ниг.: Назруллоҳи Назар. Фарҳанги хурди арабӣ ба тоҷикӣ. – Душанбе, 1992. – С. 86.

худро дарк намекунад, тамоми талошҳои ӯро нодида мегирад ва айбҳову костаҳои ҳамсар дар назараш бисёр ҷилва мекунад ва на танҳо қадрдон ва шавқафзои ҳамсараш нест, балки ба захми забонҳои худ нишоти зиндагиро аз ӯ салб мекунад. Раҳо шудан аз худбинӣ ва шинохти ҳолати рӯҳӣ мушкилоти ҳамсар аввалин қадамҳои дарки ҳамсар аст.

**10 – Хушзабонӣ:**

Дуруштгӯӣ, бадзабонӣ ва тундӣ инсонро водор ба аксуламал нишондиҳӣ мекунад. Агар фазои хонавода ва ҳолу мақол хориҷ аз ҳудуд бошад, занро дилгир мекунад ва рӯҳияи ӯро номутаодил намуда, дар натиҷа, фазои зиндагиро ба талхию сардӣ мекашонад ва дар муқобил риояти хушзабонӣ ва рафтори хуш, аз ин мушкилот мекоҳад.

Риояи ин принсипҳо дар зиндагии фардӣ ва ҷамъии инсонҳо, сабаби шукуфоии истеъдодҳо, амният ва оромиш дар зиндагии хонаводагӣ, тарбияти хуби фарзандон ва дар ниҳоят ислоҳи ҷомеаро дарбар хоҳад дошт[295].

**2. Ҳуқуқи зан бар зиммаи шавҳар:**

**Ҳаққи аввал,** валима аст, ки дар забони тоҷикӣ маънои «тӯй кардан»[296] – ро дорад. Муҳаммад Ғаззолӣ қайд мекунад, ки чун никоҳ асле аз усули дин аст, пас бояд одоби динӣ дар вай нигоҳ дошта шавад. Аз ин рӯ, ӯ низ валимаро одоб ва ҳаққе бар зиммаи мард медонад[297]. Овардаанд, ки рӯзе Муҳаммад паёмбар Абдурраҳмон ибни Авфро баъд аз издивоҷ карданаш дид ва гуфт: «валима кун, агарчи ба як гӯсфанд бошад»[298]. Чи таоме, ки назди дӯстону меҳмонон гузошта шавад, валима аст. Муҳаммад паёмбар вақто, ки бо Сафия издивоҷ намуд, аз орди биреннамудаи ҷав ва хурмо валима дод[299].

---

[295] Ниг.: Нигоҳе ба ҳуқуқи дуҷонибаи байни зану шавҳар [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.khonavoda.com (санаи муроҷиат: 28.12.2021).
[296] Ниг.: Назруллоҳи Назар. Фарҳанги хурди арабӣ ба тоҷикӣ. – Душанбе, 1992. – С. 253.
[297] Ниг.: Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ. Кимиёи саодат. Ҷилди аввал. – Теҳрон, 1380. – С. 313.
[298] Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6. – Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 88.
[299] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 89-90.

**Ҳаққи дувум,** бо ахлоқи ҳамида бо зан муошират кардан аст. Ин ҳақ аз ҳуқуқи мутақобилаи зану шавҳар низ мебошад, зеро ҳарду бо хулқи накӯи ҳамдигар ниёз доранд. Вале аз рӯи тараҳҳум ба зан ба мард супориш шудааст: «...ва зиндагонӣ кунед, бо занон ба ваҷҳе писандида...»[300]. Дар ҷои дигар гуфтааст: «...ва ба ҳамнишини наздик накӯкорӣ кунед...»[301]. Ҳамчунин, Муҳаммад паёмбар пеш аз вафоти худ ба мардум чунин амр фармуда буд: «...Дар мавриди занҳо аз Худо битарсед ва ба онҳо зиндагонии некӯ кунед»[302].

Муҳаммад Ғаззолӣ менависад, ки хулқи накӯ танҳо он нест, ки мард ҳамсари худро наранҷонад, балки он аст, ки дар баробари ранҷи ҳамсар сабр ва таҳаммул дошта бошад[303]. Рӯзе ҳамсари Умар дар ҳолати хашми ҳамсараш ба ӯ ҷавоб гардонид. Умар бо ғазаб гуфт: ба суханони ман ҷавоб мегардонӣ? Ҳамсараш посух дод, ки оре! Ҳамсарони Паёмбар ба ӯ ҷавоб мегардонанд, ҳол он ки ӯ аз ту беҳтар аст[304]. Аз ин маълум мешавад, ки Муҳаммад паёмбар ба унвони улгӯ дар баробари ранҷи ҳамсар сабр ва таҳаммулро пеша мекард. Рӯзе Ӯ ба ҳамсараш Оиша гуфт: «Ман дигар ҳолати хушнудӣ ва хашмгиниатро мешиносам. Оиша гуфт: чигуна мешиносӣ? гуфт: вақто ки хушнуд бошӣ барои таҳкими суханат мегӯӣ: «Не, қасам ба Худои Муҳаммад» вале, агар хашмгин бошӣ мегӯӣ: «Не, қасам ба Худои Иброҳим», Оиша гуфт: рост гуфтӣ, гоҳо номатро тарк мекунам»[305].

**Ҳаққи савум,** ки бо зан ҳазлу шӯхӣ ва бозӣ кунад, дар баробари ӯ гирифтарӯй набошад. Дар асоси ин ҳақ Муҳаммад паёмбар бо ҳамсараш Оиша мусобиқаи дав анҷом медод, рӯзе Муҳаммад пеш давид, рӯзи дигар

---

300 Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 158. 4:19.

301 Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 166. 4:36.

302 Ниг.: Муҳаммад ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. – Риёз: Мактабат-ул-маориф, 1417 ҳ. – С. 286.

303 Ниг.: Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ. Кимиёи саодат. Ҷилди аввал. – Теҳрон, 1380. – С. 314.

304 Ниг.: Абӯҳомиди Ғаззолӣ. Одоб-ул-лиқои байн-ал-завҷайн. Таҳқиқи Муҳаммад Усмон. – Қоҳира, 1984. – С. 75.

305 Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6. – Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 123.

Оиша сабқат гирифт, Паёмбар ба ӯ гуфт: ин (сабқати ту) дар ивази он (сабқати ман), яъне акнун ҳисоб баробар шуд[306].

Муҳаммад паёмбар дар яке аз суханонаш мефармояд: «Комилтарини шумо аз рӯи имон касест, ки ахлоқи накӯ дошта бошад ва нисбат ба аҳли хонаводааш рауфу меҳрубон бошад»[307].

**Ҳаққи чорум,** он аст, ки бо назардошти ҳикмати мувозинати хонаводагӣ дар ҳазлу шӯхӣ ҳадди эътидолро риоя кунад, онро то ба ҳадде нарасонад, ки ҳайбаташ ба пуррагӣ аз байн биравад. Аз ӯ амалеро бинад, ки хилофи меъёрҳои инсонист, ӯро сиёсат кунад, то ки фарҳанги оиладорӣ тибқи фармудаи Қуръон тағйир наёбад. Яъне зан бояд тобеи шавҳар бошад, на шавҳар тобеи зан. Дар Қуръон омадааст: «Мардон сарпарасти занон ҳастанд, ба хотири ин ки Худованд мардонро бар занон бартарӣ додааст ва низ ба хотири ин ки аз молҳояшон (барои занон) харҷ мекунанд, пас занони солеҳа ононе ҳастанд, ки фармонбардори Худо буда ва дар буду набуди шавҳаронашон аз ӯ итоат мекунанд...»[308]. Тибқи ин оят Худованд мардро ба унвони «қаввом» (пуштибон, нигоҳбон, ҳомӣ)[309] ёд кардааст, ки дар тафсир он ба маънои «сарпараст» омадааст[310]. Дар дигар оят аз ӯ ба унвони «саййид» ном бурдааст: «...Ва саййиди (шавҳар)-и он занро наздики дар ёфтанд (тасодуфан)...»[311]. Вожаи «саййид» бошад, дар китобҳои фарҳангӣ ба маънои «фармонраво», «меҳтар», «ҷаноб» ва ғайра омадааст. Вале дар ин оят маҷозан ва мантиқан ба маънои «шавҳар» омадааст[312]. Аз ин рӯ, мардро лозим аст, ки барои ҳифзи ҷойгоҳи худ дар ҳазлу шӯхӣ бо зан ба зиёдаравӣ роҳ надиҳад.

---

[306] Ниг.: Абӯҳомиди Ғаззолӣ. Одоб-ул-лиқои байн-ал-завҷайн. Таҳқиқи Муҳаммад Усмон. – Қоҳира, 1984. – С. 77.
[307] Ниг.: Муҳаммад ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. – Риёз: Мактабат-ул-маориф, 1417 ҳ. – С. 589.
[308] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 166. 4:34.
[309] Ниг.: Назруллоҳи Назар. Фарҳанги хурди арабӣ ба тоҷикӣ. – Душанбе, 1992. – С. 190.
[310] Ниг.: Абдурраҳмон ибни Носири Саъдӣ. Тафсири ростин. Ҷилди аввал. – китобхонаи ақида, 1416 ҳ. қ. – С. 522.
[311] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 474. 12:25; Ҳусайн Тоҷии Гиладорӣ. Тафсири аҳсан-ул-калом. – – С. 238.
[312] Ниг.: Уммихузайма бинти Абдулҳамиди Шофеӣ. Луғоти Қуръони карим. – Теҳрон, 1388 ҳ. – С. 210.

**Ҳаққи панҷум,** ин аст, ки дар мавриди ғайрат (рашк)[313] низ ҳадди эътидолро риоя кунад. Бесабаб нисбат ба зан гумони бад набарад ва дар таҷассуси падидаҳои норавшан муболиға накунад. Муҳаммад паёмбар дар ин маврид, гуфтааст: «Аз миёни ғайратҳо ғайратест, ки Худованд онро бад мебинад ва он ғайрати мардест, ки бе сабаб онро бар аҳлаш раво медонад[314]. Зеро ин навъи ғайрат бадгумонист ва ба таъбири Қуръон баъзе аз гумонҳо гуноҳанд. Алӣ ибни Абӯтолиб дар мавриди риояи ҳадди эътидоли ғайрат мефармояд: «Бар аҳли худ бисёр ғайрат макун, ки ба сабаби ту бадном шавад»[315].

**Ҳаққи шашум,** таъмини нафақаи зан мебошад. Аммо дар таъмини он низ бояд ба исрофкорӣ роҳ надиҳад, зеро дар Қуръон нисбат ба исрофи аз меъёр зиёд наҳй омадааст: «...Ва низ бихӯреду биёшомед, вале исроф макунед, ки Худо исрофкоронро дӯст намедорад»[316]. Дар ҷои дигар низ ишора шудааст: «На дасти хеш аз рӯи хасисӣ (бухл) ба гардан бубанд ва на ба саховат якбора бикшой (исроф), ки дар ҳар ду ҳол маломатзадаву ҳасратхӯрда бинишинӣ»[317]. Муҳаммад паёмбар дар мавриди инфоқ бар аҳли хонавода мефармояд: «диноре, ки онро дар роҳи Худо харҷ кардӣ ва диноре, ки онро барои озодии гардане (ғулом) инфоқ намудӣ ва диноре, ки онро ба мискинон садақа додӣ ва диноре, ки онро барои хонаводаат харҷ кардӣ. Аз миёни ҳамаи ин динорҳо бузургтарин аҷрро диноре дорад, ки бар хонаводаат харҷ намудаӣ»[318].

**Ҳаққи ҳафтум,** таълим ва омӯзиши зан мебошад. Тибқи он мардро зарур аст, ки аз тамоми улуме, ки барои инсон ҳаётан муҳиманд, занро ба

---

[313] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадхон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – С. 365.
[314] Ниг.: Абӯҳомиди Ғаззолӣ. Одоб-ул-лиқои байн-ал-завҷайн. Таҳқиқи Муҳаммад Усмон. – Қоҳира, 1984. – С. 82.
[315] Ниг.: Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ. Эҳёу улум-ил-дин. Ҷилди дувум. Мутарҷим: Муҳаммад Хоразмӣ. – Теҳрон, 1364ҳ.ш./1985м. – С. 96.
[316] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 300. 7:31.
[317] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 568. 17:29.
[318] Ниг.: Мухтасар «Сахих» имама Муслима: Краткое изложение / Заки-ад-дин 'Абд-аль-'Азым ибн 'Абд-аль- Кавви ибн 'Абдуллах ибн Саляма Абу Мухаммад аль-Мунзири (сост.); пер. с араб., прим., указ. А. Нирша. – М.: Умма, 2011. – С. 358.

қадри кофӣ биёмӯзад ва агар худ маълумоте надорад барои омӯзиши зан шароити мусоид фароҳам кунад, то ки ӯ битавонад ба омӯхтани улуми зарурӣ бипардозад.

**Ҳаққи ҳаштум,** риояи адолат дар миёни аҳли хонавода мебошад. Дар асоси ин мардро лозим аст, ки дар иҷрои кори сарпарастӣ пойбанди адолат бошад. Ба қавли Ҷалолиддини Давонӣ адолат асоси ҳаёти иҷтимоию ахлоқии одамон мебошад. Адолат аз он иборат аст, ки ҳамаи қувваҳо (қувваи хашм, нафс, қувваи сухан) муттаҳид шуда, тавассути қувваи ақл роҳнамоӣ карда шаванд[319].

**Ҳаққи нуҳум** дар мавриди нушуз мебошад. Мурод аз нушуз носозгорӣ кардани зан бо шавҳари худ, гарданшахӣ, гарданкашӣ ва нофармонии зан дар баробари мард мебошад[320]. Зимни ин ҳақ, агар зан аз итоати шавҳар саркашӣ кунад, шавҳар бояд ӯро бо истифода аз лутфу меҳрубонӣ ва нармӣ ба итоат водор намояд. Агар зан дар нофармонии худ устувор аст, пас мардро зарур аст, ки бароиислоҳи ӯ аз роҳҳои зерин истифода кунад:

**1)** Аввалан, кӯшиш намояд, ки бо истифода аз панду насиҳат ва тарсу бим ин мушкилро бартараф намояд. Ҳамчунин, дар ин марҳила, ӯ метавонад як нафарро аз хешовандони худ ва як нафари дигарро аз хешовандони ҳамсараш барои ҳалли ин масъала даъват намояд. Дар ин сурат, он ду тибқи дастури Қуръон вазифадоранд, ки миёни онҳо сулҳ барпо кунанд: «Агар аз ихтилофи миёни зану шӯй огоҳ шудед, доваре аз касони мард ва доваре аз касони зан баргузинед. Агар он дуро қасди ислоҳ бошад, Худо миёнашон мувофиқат падид меоварад, ки Худо донову огоҳ аст!»[321].

2) Агар дар марҳилаи аввал, муваффақ нашуд, тибқи марҳилаи дувум аз як то се шаб дар рахти хоб пушт ба ӯ мегардонад ва ё дар як хона аз ӯ ҷудо мехобад.

---

[319] Ниг.: Мирбобоев М.К. Ахлоқи Ҷалолиддини Давонӣ. – Душанбе: Дониш, 1992. – 140 с.
[320] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадхон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – С. 947.
[321] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 166. 4:35.

3) Агар марҳилаи дувум низ натиҷае надод, дар марҳилаи сеюм, ӯро зарбу лат мекунад. Вале ногуфта намонад, ки зарбу лат низ шартҳои худро дорад, бояд мутобиқ ба он амалӣ шавад. Ҳангоми зарбу лат набояд зан зарари вазнини ҷисмонӣ бинад ва набояд узве аз ӯ шикаста ва ё сиёҳ шавад. Ҳамчунин, дар чеҳраву рӯи зан задан низ қатъиян манъ аст. Аз Муҳаммад паёмбар пурсидаанд, ки ҳаққи зан бар зиммаи мард чист? Ӯ дар ҷавоб гуфтааст: «Ин аст, ки ҳаргоҳ таом хурд, ӯро низ хуронад ва ҳаргоҳ, ки пӯшид ӯро низ бо пӯшок таъмин намояд ва ба ӯ сухани қабеҳ нагӯяд ва ӯроназанад, магар (дар вақти зарурут) задани сабук ва ӯро тарк накунад, магар дар хона (аз ӯ ҷудо хобад ҳангоми нофармонии зан)»[322].

**Ҳаққи даҳум,** дар масъалаи талоқ мебошад. Тибқи он мардро лозим аст, ки то ҳадди имкон аз он бипарҳезад. Зеро дар ислом талоқ ҳамчун падидаи манфӣ ба шумор меравад. Дар ривоёт омадааст, ки талоқ гарчи амали мубоҳ аст, вале Худо (иҷрои) онро бад мебинад[323]. Тибқи таълимоти ислом талоқ бояд баъд аз натиҷа надодани се марҳилае, ки дар боло зикр намудем, сурат гирад. Яъне талоқ вақте мубоҳ мешавад, ки дар он озори ботил (беҳуда) набошад. То аз шахсе ҷиноят содир нашавад, ӯро набояд озор дод. Чун талоқ додани зан озор додани ӯст, аз ин рӯ, баъд аз ба кор бурдани се марҳилаи дар боло зикршуда зан ҳамчунон носозгор боқӣ монд, пас дар ин сурат, талоқ барои мард бо дар назардошти шурути он мубоҳ мешавад. Чунки дар ин ҳангом, зан нофармон (айбдор) ба шумор меравад ва талоқ ба унвони озори ӯ ба кор бурда мешавад. Дар Қуръон омадааст: «...Ва аз хона берун нараванд (талоқ нашаванд), магар он ки ба ошкоро коре зишт кунанд...»[324].

Мутобиқи таълимоти исломӣ, ҳангоми талоқ мард бояд умури зеринро риоя кунад:

---

[322] Ниг.: Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язиди Қазвинӣ ибни Моҷа. Сунани ибни Моҷа. – Ал-Риёз, 1417 ҳ. – С. 322.

[323] Ниг.: Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ. Кимиёи саодат. Ҷилди аввал. – Теҳрон, 1380. – С. 322.

[324] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе , 2013. – С. 1114. 65:1.

1. Занро аз як талоқ беш нагӯяд, зеро ба як лафз се талоқ гуфтан амали нописанд аст;

2. Занро дар ҳолати одати моҳонааш талоқ надиҳад, зеро дар ин муддат, талоқ додан ҳаром аст. «Эй Паёмбар, агар занонро талоқ медиҳед, пас, дар (аввали) идда (покӣ) талоқашон диҳед...»[325].

3. Занро дар туҳре, ки бо ӯ наздикӣ карадааст, талоқ надиҳад, чунки дар ин ҳолат низ талоқ додани зан ҳаром аст;

4. Бе сабаб занро талоқ надиҳад, барои талоқ додан ягон узре дошта бошад. Дар ҳолати хашму сабуксарӣ ҳамсарашро талоқ надиҳад;

5. Баъд аз талоқ сирри занро пӯшида дорад ва ба касе нагӯяд, чаро ки дар мавриди ифшои сирри занон дар аҳодиси саҳеҳа таҳдиди сангине омадааст. Муҳаммад паёмбар фармудааст: «Бузургтарин амонат рӯзи қиёмат дар назди Худо мардест, ки ҳамсараш ӯро фориғбол мекунад, сипас, ӯ сирри ҳамсарашро ифшо мекунад»[326]. Дар ривоят омадааст, ки марде аз солеҳин мехост ҳамсарашро талоқ диҳад. Аз ӯ пурсиданд, ки чаро занатро талоқ медиҳӣ? гуфт: сирри зани худро ошкор набояд кард. Чун занашро талоқ дод, ӯро гуфтанд: чаро занатро талоқ додӣ? гуфт: маро бо зани дигарон чикор, ки аз ӯ сухан гӯям[327].

**3. Ҳуқуқи шавҳар бар зиммаи зан:**

Ҳуқуқи мард бар зиммаи ҳамсар аз ӯ масъулияти сангинеро тақозо мекунад. Чунки Муҳаммад паёмбар дар ин маврид мефармояд: «Агар саҷда кардани ғайри Худо ҷоиз мебуд, ҳароина ман занҳоро амр менамудам, ки шавҳарҳояшонро ба хотири азамати ҳаққашон саҷда намоянд»[328]. Ҳуқуқи мард бар зиммаи зан ба тартиби зер аст:

**Ҳаққи аввал,** он аст, ки бидуни иҷозати шавҳар аз хона берун набарояд ва ба умури дохилихонагӣ расидагӣ кунад;

---

[325] Ниг.: Ҳусайн Муҳаммад. Тафсир ва баёни калимоти Қуръон. Мутарҷим: Абдулкарими Аршад. – китбхонаи ақида, 1394ҳ.ш. – С 245.
[326] Ниг.: Абӯҳомиди Ғаззолӣ. Одоб-ул-лиқои байн-ал-завҷайн. Таҳқиқи Муҳаммад Усмон. – Қоҳира, 1984. – С. 108.
[327] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 108.
[328] Ниг.: Муҳаммад ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. – Риёз: Мактабат-ул-маориф, 1417 ҳ. – С. 275.

**Ҳаққи дувум,** он аст, ки дар назди касе бадгӯии шавҳарашро накунад;

**Ҳаққи сеюм,** он аст, ки ҳеҷгоҳ сирри миёни худ ва шавҳарашро фош накунад;

**Ҳаққи чорум,** он аст, ки дар ҳамаи ҳолат барои ба мақсад расидани шавҳараш ҳарис бошад;

**Ҳаққи панҷум,** он аст, ки ҳеҷгоҳ моли шавҳарашро хиёнат накунад;

**Ҳаққи шашум,** он аст, ки дар анҷоми ҳамаи корҳо хостаи ӯро ҷӯё бошад;

**Ҳаққи ҳафтум,** нисбат ба ӯ меҳрубон бошад;

**Ҳаққи ҳаштум,** он аст, ки дар масоили зиндагӣ кӯшиш намояд, ки шавҳарашро қаноат намояд;

**Ҳаққи нуҳум,** он аст, ки бо чизи андак қаноат намояд ва аз шавҳар зиёда аз тавони ӯ талаб нанамояд. Ба ҳама каму костагии зиндагӣ шукр бояд гуфт, зеро зиндагӣ ҳама вақт камтар аз он медиҳад, ки мо мехоҳем[329];

**Ҳаққи даҳум,** он аст, ки ҳаққи шавҳарро аз ҳаққи тамоми хешовандонаш боло донад;

**Ҳаққи ёздаҳум,** он аст, ки ҳамеша худро ба гунае покиза бидорад, ки сазовори суҳбат, мубоширати ва муоширати бо шавҳар бошад;

**Ҳаққи дувоздаҳум,** он аст, ки барои шавҳараш ҳеҷ хидматеро дареғ надорад;

**Ҳаққи сездаҳум,** он аст, ки дар назди шавҳараш бо ҷамоли худ фахр накунад;

**Ҳаққи чордаҳум** он аст, ки ҳеҷгоҳ аз ӯ носипосӣ накунад ва нагӯяд, ки «ман аз ту чӣ дидаам?»;

**Ҳаққи понздаҳум** он аст, ки дар назди ӯ беҳуда хашмгин нашавад ва аз ӯ ҳеҷгоҳ талоқи худро напурсад.

**4. Ҳуқуқи фарзанд бар зиммаи волидон:**

Мусаллам аст, ки ҳадафи ҳамаи мо ислоҳи ҷомеаи башарист ва бояд бидонем, ки бидуни ислоҳи хонавода ва фарзандон, ҳеҷ гоҳ, ҷомеа ислоҳ

[329] Ниг.: Иззатшоҳ Раҳматов. Мерос. – Душанбе, 2021. – С. 52.

намешавад. Танҳо роҳи наҷот тарбият ва ислоҳи фарзандон ва хонавода аст.

Вазифаи падару модар дар қиболи тарбияи иҷтимоӣ – ахлоқии фарзанд, бисёр сангин аст ва аз рӯзи таваллуд, то вақте ки фарзанд ба синни балоғат расида, ба пои худ меистад мураббии ӯ буда, ба беҳтарин равиши тарбият зери назорати худ ӯро тарбият намоянд. Чун сухан оиди синни балоғат рафт, лозим донистем, ки ибтидо назари исломро дар бораи расидан ба синну соли балоғат иброз намоем. Қуръон дар ин маврид фармудааст: «...то он гоҳе ки ба синни никоҳ бирасанд (болиғ шаванд)...»[330]. Меъёри мазкур баёнгари он аст, ки асли балоғат вобаста ба синну соли муайян нест. Ҳар гоҳ ҷавон тавассути осори булуғ шоистагии издивоҷро ба даст овард, ӯ болиғ фаҳмида мешавад. Агар дар ҷавоне осори булуғ намудор нашуда бошад, он гоҳ, ӯ ба эътибори синну сол болиғ эътироф мешавад. Оиди синну соли балоғат миёни муҳаққиқони исломӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Синни балоғат барои духтару писар дар назди имом Молик, Абӯҳанифа ва дигар фақеҳон ҳабдаҳсолагӣ мебошад ва дар ривояти машҳур аз Абӯҳанифа нуздаҳсолагӣ аст. Дар назди имом Шофеӣ ва имом Аҳмад бошад, балоғат барои ҳар ду ҷинс дар синни понздаҳсолагӣ собит мешавад. Зеро Тирмизӣ аз Умар ибни Абдулазиз нақл мекунад, ки ӯ гуфтааст: «Понздаҳсолагӣ ҳадде миёни хурдию бузургӣ аст»[331].

Балоғат дар назди имом Абӯюсуф ва имом Муҳаммад ва дар як қавле аз Абӯҳанифа барои духтару писар ҳар ду дар синни понздаҳсолагӣ собит мешавад.

Бояд зикр намуд, ки бар асоси назароти дар боло зикршуда, барои зарфи умумии балоғат марҳалаи гуногуни синнусолие муайян шудааст, ки ҳадди поёнии он барои писар синни дувоздаҳсолагӣ ва барои

---

[330] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 152. 4:6.
[331] Ниг.: Муҳаммад ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. – Риёз: Мактабат-ул-маориф, 1417 ҳ. – С. 320.

духтар нӯҳсолагӣ ва ҳадди болоии он барои писар синни ҳаждаҳсолагӣ ва барои духтар ҳабдаҳсолагӣ ба шумор меравад.

Ба ин маъно, ки балоғат ба таври умумӣ метавонад дар писарон аз синни дувоздаҳсолагӣ ва дар духтарон аз синни нӯҳсолагӣ шуруъ гардад ва дар баъзе афрод давраи қабл аз булуғ то синни ҳабдаҳ ва ҳаждаҳ идома ёбад. Зеро бар асоси минтақаҳои ҷуғрофӣ, шароити иҷтимоӣ ва ҳамчунин, хусусиятҳои фардӣ ва физиологии ашхоси гуногун давраи расиш ва синну соли балоғат дар ҳар шахсе аз шахси дигар фарқ мекунад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин тафовутҳо, муҳаққиқони улуми исломӣ барои марҳалаи умумии синну соли балоғат зарфи замониеро бо таъйини ҳадди поёнӣ ва болоии он дар назар гирифтаанд. Аз он ҷо, ки ҷинси зан нисбат ба мард тезтар ба балоғат мерасад, синни умумии балоғат барои духтарон дар ҳадди поёнӣ се сол ва дар ҳадди болоӣ як сол пештар нисбат ба синни умумии балоғат барои писарон пешбинӣ шудааст.

Падару модар бо ахлоқ ва рафтори дуруст бояд намунаи амалӣ барои фарзанд бошанд. Волидон ҳарду дар тарбияи фарзанд нақш доранд, аммо чун дар даврони кӯдакӣ вобастагии фарзанд ба модар бештар аст, нақши модар дар тарбияти фарзанд таъсири бештаре дорад. Зеро ёди фарзандон ва хушбахтиву камолоти онҳо ҳамеша дар зеҳну замири модарон аст.

Муҳаммад Иқбол ба занони мусулмон тавсия медиҳад, ки дар тарбияи иҷтимоӣ – ахлоқии фарзандон ба гиромитарин духтари Муҳаммад паёмбар – Фотима пайравӣ намоянд, то мардоне ҳамчун Ҳасан ва Ҳусайн дар домани худ тарбият кунанд:

*Мазраи таслимро ҳосил Батул,*
*Модаронро усваи комил Батул...*
*...Фитрати ту ҷазбҳо дорад баланд,*
*Чашму ҳуш аз усваи Заҳро мабанд.*
*То Ҳусайне шохи ту бор оварад,*

*Мавсими пешин ба гулзор оварад*[332].

Дар Қуръон ба касоне ишора мешавад, ки танҳо ба ислоҳи аъмоли худ қаноат намекунанд, балки дар фикри ислоҳи ҳамсару фарзандони худ низ ҳастанд ва пайваста дар ин самт кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Мутобиқи таълимоти ислом дуо низ аз ҷумлаи кӯшишҳо барои ислоҳу тарбияи фарзандон ба шумор меравад. Масалан: «Ва онон, ки мегӯянд: Эй Парвардигори мо, аз ҳамсарону фарзандонамон дилҳои моро шод дор ва моро пешвои парҳезгорон гардон!»[333]. Фалсафаи ин оят дар он аст, ки инсони комил аз Худо хостгори он аст, ки бо сиҳатмандӣ, офият ва хушҳолии ҳамсару фарзандон дилҳои моро шод бидор, ки онҳоро эҳтиромкунандаи арзишҳои ахлоқӣ, инсонӣ, миллӣ ва пеш аз ҳама, динӣ бубинем. Дар идомаи калом бошад омадааст, ки «моро имом ва пешвои парҳезгорон қарор бидеҳ». Ҳар шахс фитратан имом ва пешвои аҳлу аёли худ мебошад, бинобар ин, ҳосили ин қисмати дуо ин аст, ки фарзандону аҳлу аёли моро парҳезгор бигардон. Ҳар гоҳ онҳо парҳезгор бигарданд, табиист, ки ин шахс имом ва пешвои парҳезгорон гуфта мешавад.

Ҳуқуқи фарзандро бар падар шариати ислом қабл аз таваллуд ҳусни оғоз бахшидааст. Дар Қуръон сароҳатан ба масъалаи интихоби ҳамсар ишора шудааст: «Занони нопок барои мардони нопок ва мардони нопок барои занони нопок ва занони покдоман барои мардони покдоман ва мардони покдоман барои занони покдоман ҳастанд...»[334].

Ин меъёри қуръонӣ ба ин мавзӯъ ишора менамояд, ки марди поки муваффақ махсуси зани пок ва зани поки муваффақ махсуси марди пок аст. Дар ривоят омадааст, ки дар замони ҷоҳилият, яке аз асҳоб бо зани бадкор хешовандӣ дошт ва ҳангоме, ки мусалмон шуд, тасмим гирифт, бо вай издивоҷ кунад. Аз ин хотир, аз Муҳаммад паёмбар дар ин маврид машварат хост. Дар ҷавоби дархости ӯ ояти мазкур нозил шуд.

---

332 Ниг.: Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти форсӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2008. – С. 160-162.
333 Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 460. 25:74.
334 Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 442. 24:26.

Меъёри мазкур ба таври умумӣ баён мекунад, ки дар ниҳоди одамӣ ба таври табиӣ таносуб барқарор шудааст, ки занони нопок ба сӯи мардони нопок ва мардони нопок ба сӯи занони нопок тамоюл пайдо мекунанд. Ҳамчунин, тамоюли занони покдоман ба сӯи мардони покдоман ва тамоюли мардони покдоман ба сӯи занони покдоман мебошад. Ҳар яке тибқи тамоюли хеш дар талош ва интихоби ҷуфти худ мебошад.

Домани модар маҳалли рушд ва нумӯи фарзанд мебошад. Зеро фарзанд дар ҳар коре аз модар пайравӣ мекунад ва ӯро улгӯи зиндагии худ медонад. Ба ҳамин иллат, Муҳаммад паёмбар дар ҳадиси дигар оиди интихоби ҳамсар, ки ислом онро аз ҳуқуқи пешазтаваллуди кӯдак медонад, мефармояд: «Барои нутфаҳои худ занони покиза ва диндорро интихоб кунед ва занони дархур ва шоистаи худро никоҳ кунед ва ба афроди шоиста зан бидиҳед»[335].

Баъд аз издивоҷ марҳалаи таваллуди фарзандон фаро мерасад. Ин замон робита миёни зану шавҳар, ки асоси хонавода ба ҳисоб меравbooнд, мустаҳкам мешавад ва фазои хона низ иваз шуда, марҳалаи тарбият ва таваҷҷуҳ ба фарзандон оғоз меёбад. Эҳсосоти ҷадиде дар хонавода эҷод мешавад, ки падар ва модарро водор ба фароҳам намудани муҳити солим барои тарбияи фарзандонашон мекунад.

Илми ҳозира низ фоидаи ду сол ширдиҳии модар ба кӯдак аз пистони худашро собит кардааст, ки шири модар муносибтарин ва беҳтарин ғизо барои кӯдак мебошад. Зеро ҳарорати шири модар мутобиқи обу ҳаво ва фаслҳо тағйир меёбад. Дар зимистон гарм ва дар тобистон сард аст, то бо мизоҷи тифл созгорӣ дошта, нӯшидании гуворо барои ӯ дар ҳар фасле бошад. Ҳамчунин, аз назари ҷисмӣ ва рӯҳӣ, кӯдаки солим ва хуб кӯдакест, ки ба муддати ду соли комил аз модараш шир бинӯшад, зеро чунин кӯдак дар муддати ду сол, авотиф ва эҳсосоти меҳрубонӣ, нармдилӣ, лутфи модарӣ ва ниҳоят раҳматро аз модар мегирад ва ба ирс мебарад. Вақте

[335] Ниг.: Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язиди Қазвинӣ ибни Моҷа. Сунани ибни Моҷа. – Ал-Риёз, 1417 ҳ. – С. 323-324.

Қуръон мефармояд: «Модарон фарзандони худро ду соли пурра шир бидиҳанд...», мехоҳад собит кунад, ки шир додани модар ба кӯдак дар муддати ду сол, модарро ба ҳеҷ бемори ва зараре гирифтор намесозад. Баръакс, дар илми тиб собит шудааст, ки зане ба кӯдаки худ шир намедиҳад, дар маъразӣ мубтало шудан ба бемориҳои пистон қарор дорад.

Вазифаи падар дар баробари ҳамсару фарзандон, ин таъмини хароҷоти онҳо мебошад. Зеро дар ислом масъулияти инфоқ ва таъмини хароҷоти ҳамсару фарзандон ба дӯши падар аст. Чунон ки дар Қуръон бар ин амр таъкид шудааст: «...Хӯроку либоси занони ширдеҳ (ва фарзандон) ба ваҷҳе матлуб (урфи мардум) бар ӯҳдаи соҳиби фарзанд (яъне падар) аст ва ба касе чунин дастуре дода намешавад, ки аз ӯҳдаи он набарояд...»[336].

Дар ин оят нахустин чизе, ки мавриди таваҷҷуҳ ва андеша аст, ин аст, ки Қуръон барои модарон ибораи «волидот»-ро ба кор бурд. Вале дар ҳаққи падар ба ҷои лафзи кӯтоҳи «волид», ибораи «мавлудин лаҳу» (яъне касе, ки фарзанд аз они ӯст)-ро истифода бурд. Зеро бо вуҷуде, ки фарзанд чун матои муштараки падару модар аст, нафақаи ӯ бар гардани падар гузошта шуд ва имкон дошт, ки ин фармон бар падар зоҳиран қадре сангин қарор бигирад. Аз ин хотир, ба ҷои калимаи «волид» ибораи «мавлудин лаҳу (яъне соҳиби фарзанд)» истифода бурда, ишора менамояд, ки гарчанде дар тавлиди фарзанд ширкати падару модар ҳарду лозим аст, вале фарзанд аз они падар гуфта мешавад ва ҳамчунин, бо номи ӯ насаби падар ҳамроҳ мегардад. Пас, вақте ки фарзанд аз ӯ маҳсуб ёфт, набояд масъулияти нафақа ва хароҷоти ӯ бар падар сангинӣ ба бор оварад.

Чи хеле, ки қайд карда шуд, шир додани кӯдак бар гардани модар лозим аст ва хӯрокаву пӯшока ва заруриёти зиндагии модар низ бар зиммаи падар мебошад. Вале ин масъулият то замоне мебошад, ки модар дар никоҳ ё иддаи падар бошад. Баъд аз талоқ ва поёни идда нафақаи

[336] Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 42. 2:233.

занушавҳарӣ ба поён мерасад. Вале лозимияти музди ширдиҳӣ бар падар ҳамоно боқӣ мемонад.

Дар қисматҳои поёнии оят бошад, Қуръон баён намуд, ки: «...Ва агар падару модар бихоҳанд, бо ризоят ва мушоварати якдигар фарзандашонро аз шир бозгиранд (яъне пеш аз ду сол), муртакиби гуноҳе нашудаанд...»[337]. Ин боз доштани фарзанд, хоҳ бо сабаби маъзурияти модар бошад ё ба иллати бемории фарзанд.

Бояд тазаккур дод, ки бо вуҷуди шири модар онҳо метавонанд, бо розигӣ ва маслиҳати ҳамдигар барои таъмини шири кӯдакашон занеро ба кироя гиранд. Ба шарте ки музди таъйин намудаи ӯро комилан бипардозанд. Зеро порчае аз ояти мазкур ба ин масъала далолат мекунад: «...Ва ҳар гоҳ бихоҳед каси дигареро ба шир додани фарзандатон гиред, агар музде некӯ бипардозед, гуноҳе нест...»[338]. Ҳамчунин, агар модар барои шир додани фарзанд розӣ аст, аммо падар мебинад, ки шири модар ба кӯдак зарар меорад, дар ин сурат падар метавонад модарро аз шир додан ба кӯдак боз дорад ва барои ширдиҳии кӯдак дигареро таъйин намояд.

Муҳаммад паёмбар аҷри инфоқ бар фарзандонро баён намудааст. Гарчи ҳадиси зерин ба сароҳат аз хонавода сухан гуфтааст, аммо ба таври зимнӣ фарзандонро низ дар бар мегирад: «Бо арзиштарин диноре, ки шахс онро инфоқ менамояд, динорест, ки бар хонаводааш инфоқ мекунад»[339]. Дар ҷои дигар гуфтааст, «Агар мусалмон ба нияти савоб ба хонаводааш инфоқ намояд, (ин амал) барояш садақа маҳсуб мешавад»[340].

Паёмбари ислом худ дар инфоқ ва таъмини хароҷоти хонавода, аз саромадон буд. Халифа Умар дар ин маврид гуфтааст, ки: «Паёмбар (с) хурмоҳои нахлистони бани Назирро мефурӯхт ва яксола хӯрокаи

---

[337] Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 42. 2:233.
[338] Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 42. 2:233.
[339] Ниг.: Мухтасар «Сахих» имама Муслима: Краткое изложение / Заки-ад-дин 'Абд-аль-'Азым ибн 'Абд-аль- Кавви ибн 'Абдуллах ибн Саляма Абу Мухаммад аль-Мунзири (сост.); пер. с араб., прим., указ. А. Нирша. – М.: Умма, 2011. – С. 359.
[340] Ниг.: Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. Баргардон ва таҳияи матни тоҷикӣ Абдулҳалим Орифӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С. 515.

хонаводаашро захира мекард»[341]. Зеро гуфтаанд, ки суфраи бе нон ҷисмест бе ҷон[342].

Дар ислом падар ба хотири инфоқ бар фарзандаш мустаҳаққи подош ва савоб мешавад. Ҳамчунин, агар бар фарзандони муҳтоҷ ва заифу ноболиғи худ инфоқ накунад гунаҳгор мегардад. Муҳаммад паёмбар дар ин бора мефармояд: «Барои гунаҳгор будани шахс ҳамин андоза кифоя аст, ки шахсеро, ки таҳти сарпарастии ӯст ва бо ӯ ғизо мехӯрад, аз байн бибарад»[343]. Ҳадиси мазкур касонеро низ дар бар мегирад, ки нисбат ба фарзандони хеш бетаваҷҷӯҳӣ зоҳир намуда, эҳтиёҷоти онҳоро таъмин наменамоянд. Ҳамчунин, зану фарзандро дар маърази хатари фақр қарор дода, аз онҳо канора мегиранд.

Таълиму тарбияи фарзандон ва водор кардани онҳо ба корҳои неку дуруст ва боз доштани онҳо аз корҳои зишт, вазифаи дигари падар мебошад, зеро тибқи таълимоти ислом ин масъала, ба дунёву охират ва саодату шақовати онҳо иртибот дорад. Қатъан, инсон худро бо илм ва амал метавонад аз зиёни абадӣ наҷот диҳад, зеро рафтор ва кирдори дуруст аз илми муфид ва эътиқоди солим сарчашма мегирад. Бад-ин сабаб, бар ҳар падаре лозим аст, ки фарзанди худро аз ибтидои кӯдакӣ илме биомӯзад, ки роҳ ва равиши зиндагӣ ва саодати дунёву охиратро барои ӯ таъмин намояд. Фахруддини Розӣ аз ҳакиме ривоят мекунад, ки ба фарзанди худ чунин васият менамуд: «Эй фарзанди азиз, илм биомӯз, пас, агар мол дорӣ, он бароят ҷамол мегардад ва агар аз мол холиӣ, пас, илм бароят сармоя мегардад»[344].

Падару модар бояд адолатро дар ҳамаи мавридҳо: тарбия, нафақа, муҳаббат ва дилсӯзӣ дар миёни фарзандонашон риоя намоянд, то дар дили фарзандон ба иллати беадолатӣ ниҳоли кина, ҳасодат ва душманӣ кошта

---

341 Ниг.: Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. Баргардон ва таҳияи матни тоҷикӣ Абдулҳалим Орифӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С. 515.

342 Ниг.: Иззатшоҳ Раҳматов. Мерос. – Душанбе, 2021. – С. 46.

343 Ниг.: Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ. Мухтасари Саҳеҳи Муслим. Ҷилди 1. Ихтисоркунанда: Закиюддин Абдулазими Мунзирӣ. – Зоҳидон-Эрон, 1384. – С. 582.

344 Ниг.: Пиров С. Фахруддини Розӣ ва андешаҳои ахлоқиву тарбиявии ӯ. – Душанбе: Аржанг, 2015. – С. 103.

нашавад. Зеро душмании бародарони Юсуф бо Юсуф ба ҳамин хотир буд, ки зоҳиран мутаваҷҷеҳ шуданд, ки падарашон Яъқуб Юсуфро бештар аз онҳо дӯст дорад. Аз ин сабаб, бо ӯ душман шуданд ва нисбат ба ӯ ҳасад варзиданду дар паи қатли ӯ шуданд. Қуръон дар ин бора хабар медиҳад: «Он гоҳ, ки гуфтанд: «Юсуф ва бародараш (Бинёмин, ки аз як падару як модаранд) назди падарамон маҳбубтар аз мо ҳастанд, ҳол он ки мо худ як ҷамоатем. Албатта, падарамон дар иштибоҳи ошкорест». «Юсуфро бикушед, ё дар сарзамини номаълуме биандозед, то (таваҷҷуҳи) падар хосси шумо гардад ва аз он пас (аз гуноҳатон пушаймонӣ карда, тавба мекунед) мардуме шоиста ба шумор меоед (зеро, ки Худо тавбапазир аст ва падар ҳам узратонро қабул менамояд)»[345].

Бояд волидайн барои фарзандонашон исмҳои муносиб ва хуберо интихоб намоянд. Исмҳои зишт ва бемаъниро, ки аз ҷониби дӯстон дар мактаб, ё ғайри мактаб мавриди тамасхур қарор бигиранд, интихоб накунанд. Вагарна онҳо эҳсоси ҳақорат карда, аз назари фикрӣ ва рӯҳӣ заиф хоҳанд шуд. Ҳар падару модар барои тарбия ва ба воя расонидани фарзанд дар назди худ чанд вазифа доранд, ки яке аз онҳо номи хубу нек гузоштан мебошад. Ба ин маънӣ, ки ном бояд ифодагари ҳаёт, умеду орзу, хоҳиш, табъу завқ, рӯҳия ва маърифати фарзанд бошад. Муҳаммад паёмбар дар боби номгузорӣ фармудааст, ки беҳтарин номҳо номҳое мебошанд, ки дар аввалашон «абд» ё ин ки «ҳамд» дошта бошанд. Гузоштани номҳои дигар, ки дорои маънои хуб бошанд, боке надорад. Имом Бухорӣ нақл мекунад, ки Абӯмӯсо гуфтааст: «Худованд бароям фарзанде ато намуд, ӯро назди Паёмбари Худо (с) бурдам. Ӯро Иброҳим ном ниҳоданд. Хурмоеро хоиданд ва бар даҳанаш гузоштанд (таҳникаш намуданд) ва барояш дуо карданд ва ба дастам доданд»[346]. Бояд падару модарон бо забони бад ва истифодаи ҳар гуна лақаб номи фарзандонро

[345] Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 284. 12:8-9.
[346] Ниг.: Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. Баргардон ва таҳияи матни тоҷикӣ Абдулҳалим Орифӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С. 549.

доғдор накунанд. Дар ҳадис омадааст: «Ҳар нафареро, ки шумо ном мегузоред, барои ӯ насибе аз номаш ҳаст»[347].

Вазифаи падар аст, ки аз зиндагӣ ва саломатии фарзанд муҳофизат намояд, ӯро ба қатл нарасонад, ки он бадтарин навъи бадрафторӣ нисбати фарзанд аст. Зеро арабҳои даврони ҷоҳилият бар асари ҷаҳолаташон фарзандони худро ба хотири нанг ва тарс аз фақр кушта, ё зинда ба гӯр мекарданд. Дар Қуръон оёти мутааддидеро бар мазаммати ин кори норавои онҳо, ки ношӣ аз ҷаҳолати онҳо буд, мавҷуд аст: «...Ва аз бими фақирӣ фарзандони худро макушед! Мо ба шумо ва онҳо рӯзӣ медиҳем (ва рӯзирасони ҳама моем, на шумо)...»[348]. «Фарзандони худро аз бими тангдастӣ макушед. Мо, ҳам шуморо рӯзӣ медиҳем ва ҳам онҳоро. Албатта куштани онҳо хатои бузургест»[349]. Ин бадтарин расми бераҳмию сангдилӣ дар замони ҷоҳилият вуҷуд дошт. Агар дар оилаи касе духтар ба дунё меомад ӯро ба хотири ин «шарм», ки фардо касеро бояд домод гирифт, зинда ба гӯр мекарданд. Ҳамчунин, бисёр вақтҳо аз тарси ин ки барои муҳайё намудани заруриёти зиндагӣ ва хурду хӯроки фарзандон мушкилот пайдо мешавад, он сангдилон фарзандони худро ба қатл мерасониданд. Қуръон ин расмро ба куллӣ аз миён бардошт ва дар баробари фармони «макушед», маразӣ зеҳнии онҳоро, ки ба сабаби он ба қатли авлод даст мезаданд, муолиҷа кард. Яъне онҳо мегуфтанд, ки хӯроки фарзандонро аз куҷо таъмин кунем, Қуръон хитоб ба онҳо фармуд, ки масъули ризқу рӯзӣ шумо нестед, ин вазифаи мустақими Худо аст. Ӯ ба шумо медиҳад, ки шумо ба фарзандонатон медиҳед.

Ибни Масъуд мегӯяд: «Рӯзе аз Паёмбар (с) суол кардам, ки кадоме аз гуноҳон бузургтар аст? Гуфт: ин ки бо Худованде, ки туро офаридааст, шарике қарор бидиҳӣ. Гуфтам: пас аз он кадом? Гуфт: ин ки фарзандатро

---

347 Ниг.: Номи хуб ними ҳусн аст [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрас: http://www.javonon.tj (санаи мурочиат: 15.03.2022).

348 Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 170-172. 6:151.

349 Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 348. 17:31.

аз тарси ин ки бо ту ғизо бихурад, бикушӣ...»[350]. Бадеҳист, ки ҳадиси мазкур далели ин нукта низ мешавад, ки сиқти амдии ҷанине, ки чор моҳи ӯ комил шудааст, қатл маҳсуб мегардад. Чун дар ин муддат рӯҳ дар ӯ дамида шудааст. Ба ҳамин хотир, бояд комилан аз он парҳез намуд.

Тибқи ривоятҳо, Муҳаммад паёмбар ҳангоме, ки Фотима (ки духтараки хурдсол буд) ба маҷлиси эшон ворид мешуд, ба эҳтироми ӯ меистод ва дасти ӯро мебӯсид ва бо ин рафтори худ фарҳанги ҷадид ва рӯҳпарвари исломро ҷойгузини фарҳанги торики ҷоҳилият менамуд[351].

Масъалаи ҷойгоҳ ва мақоми баланд доштани ҷинси зан дар ислом, дар паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, чунин зикр гардидааст: «Мо бояд як нуктаи муҳимро ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки зан – модар мавҷуди муқаддас мебошад ва ҳамаи сиёсатмадорону донишмандон ва бузургони олам, аз ҷумла, Пайғамбари ислом аз домани поки модар ба дунё омадаанд ва бо шири ҷонбахши ӯ бузург шудаанд. Воқеан, мақоми зан – модар дар ислом бисёр баланд мебошад ва беҳуда нест, ки дар Қуръон сураи чаҳорум бо номи «Нисо» (занон) нозил шудааст»[352].

Лозим ба ёдварист, ки оёт ва аҳодиси зикршуда ҷурми қатли зоҳирии авлодро мавриди баррасӣ қарор дода, инсониятро аз ин амали ғайриинсонӣ манъ намудаанд. Вале агар аз андеша кор гирифта шавад, бе таълиму тарбия мондани фарзандон, ки дар натиҷа, онҳо бадахлоқу беҳаё мешаванд, аз қатли онҳо камтар нест. Касоне, ки ба ислоҳи аъмолу ахлоқи фарзандони худ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд ва онҳоро дар омӯзиши

---

[350] Ниг.: Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6. – Интишороти шайх-ул-ислом, 2006 м./1427 ҳ. – С. 350.
[351] Ниг.: Амирбекова И. Мақоми иҷтимоии зан дар ислом ва таъсири он ба фалсафаи машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 168.
[352] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». аз 21.12.2021, ш. Душанбе (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://prezident.tj. (санаи муроҷиат: 15.03.2022).

иштибоҳот озод мегузоранд, бешак муртакиби қатли маънавии фарзандон гаштаанд. Зеро тарбияи носолим маънавиёти кӯдакро мемиронад.

Ҳар касе, ки аз омӯхтани чизҳои лозим ва муфид ба фарзандонаш кӯтоҳӣ ва беаҳамиятӣ кунад ва ӯро ба ҳоли худ гузорад, бадтарин корро кардааст. Сабаби гумроҳ шудани бештари фарзандон кӯтоҳӣ ва беаҳамиятии волидайн аст, ки онҳо аз омӯхтани таърихи гузаштагони худ, фарҳанги миллӣ, ватандӯстӣ беаҳамиятӣ мекунанд. Дар кӯдакӣ онҳоро ба ҳоли худ раҳо мекунанд ва фарзандон низ мустақилона тавоноии анҷоми коре барои худ надоранд. Натиҷа он мешавад, ки волидайн ва ҷомеа аз ингуна ҷавонон ҳеҷ фоидае намебинанд.

Бояд таъкид намуд, ки ислом падаронро аз зиёдаравӣ ва ифрот дар муҳаббати фарзандон, ки боиси ғафлати онҳо аз ҳуқуқи Худо шавад, манъ карда, барҳазар доштааст. Қуръон ба таври ошкор ва бепарда баён фармудааст, ки зиёдаравӣ ва ифрот дар муҳаббати фарзандон мунҷар ба оқибати нохушоянде мешавад, ки гӯё бо фарзандонаш душманӣ мекунаду фарзандон душмани ӯ ҳастанд. Агарчи қасди фарзандон душманӣ ва зарар расонидан ба падар нест, аммо вақте муҳаббати фарзандон ба ҷое бирасад, ки фарзандон дигар вазифаҳои худро фаромӯш кунанд, ба манзалаи душмани ӯ мешаванд. Дар Қуръон омадааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, ҳаройина, баъзе аз занону фарзандонатон душмани шумо ҳастанд. Аз онҳо ҳазар кунед»[353]. Аммо касоне, ки дар муҳаббати зану фарзандони худ ифрот мекарданд, пас аз нозил шудани ояти мазкур аз иштибоҳи худ пай бурданд. Аз ин рӯ, хостанд, ки дар оянда бо занону фарзандони хеш ба шиддат рафтор кунанд. Қуръон ин қисмати оятро ҷиҳати роҳнамоии эшон баён намуд: «Ва агар афв кунед ва чашм бипӯшеду гуноҳашонро пӯшида доред, ҳаройина, Худо омурзандаву меҳрубон аст!»[354]. Яъне, агар зану фарзандон дар ҳаққи шумо кореро анҷом доданд, ки душман анҷом

[353] Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 726. 64:14.
[354] Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 726. 64:14.

медиҳад. Аммо, бо вуҷуди он, бо онҳо ба шиддат ва сахтӣ бархурд макунед, балки бо афву гузашт рафтор намоед, зеро ин барои шумо беҳтар аст.

Дар ояти баъдии ҳамин сура, Қуръон чунин баён намудааст: «Ҷуз ин нест, ки амволу авлоди (фарзандон)-и шумо озмоише ҳастанд. Ва ҳол он ки музди фаровон назди Худост»[355]. Мақсади оят ин аст, ки Худо ба василаи чизу чора ва фарзандон инсонро мавриди озмоиш қарор медиҳад, ки оё дар муҳаббати онҳо ғарқ мешавад ва ё ҳадди эътидолро риоя мекунад.

Чигунае ки аз таҳлили гуфтаҳои боло бар меояд, зиёдаравӣ дар муҳаббати фарзандон паёмадҳои манфиеро ба бор хоҳад овард, ки он аз назари илмҳои педагогӣ низ боиси нигаронист. Фарзандро аз ҳад зиёд эрка ва инҷиқ ба воя расонидани падару модар сабаби камбудии тарбияи оилавист, ки ҷараёни тарбияро басо душвор мегардонад. Аз андоза зиёд дӯстдории фарзанд, ҳама гуна гуноҳи ӯро бахшидан ва дар ин баробар, муҳайё кардани ҳамаи хоҳишҳои ӯ ба ҳамин ҳолат оварда мерасонад. Ин тарзи тарбия, аксаран, дар хонаводаҳое мушоҳида мешавад, ки худашон ранҷу азоби рӯзгорро бештар кашидаанд. Мекӯшанд, ки фарзандон азоб накашанд ва ягон маҳрумиятро набинанд. Оқибати ин кор ба худпараст (эгоист) ва худбин шудани фарзанд оварда мерасонад, ки ин навъи тарбия, қобили қабул набуда, дар ҷомеа низ, бешак, писанди ҳамагон намегардад[356].

**5. Ҳуқуқи волидон бар зиммаи фарзанд:**

Тибқи таълимоти исломӣ муоширати шоиста ва писандида бо дигарон қобили ситоиш ва нишонаи адаби инсонӣ аст. Вале оиди падару модар чунин муносибат аз аҳамияти махсус, бархурдор аст, ки бояд бо рафтори саршор аз меҳру муҳаббат сурат гирад. Иҷрои ҳуқуқи падару модар дорои нерӯи волои таъкидӣ буда, аз инсон масъулияти баланди фарзандиро тақозо мекунад. Дар Қуръон тақрибан нуздаҳ маротиба аз

---

[355] Ниг.: Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 726. 64:15.

[356] Ниг.: Носиров С.Ш. Педагогика ва психология: воситаи таълимӣ барои магистрантони ихтисосҳои иқтисодӣ. – Душанбе: Промэкспо, 2020. – С. 102

эҳсон ва некӯӣ ба падару модар гуфта шудааст. Аҳамияти он то ҷое аст, ки баъд аз яктопарастӣ эҳсон ба падару модар аз муҳимтарин супоришҳои Қуръон дониста шудааст: «Парвардигорат ҳукм кард, ки ҷуз ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед...»[357]. Ҳамчунин, шукргузорӣ аз падару модар дар канори шукргузории Худо зикр гардидааст: «Ва супориш кардем, ки Марову падару модаратро шукр гӯй, ки саранҷоми ту назди Ман аст...»[358].

Унсурулмаолии Кайковус менависад, ки фарзандро воҷиб аст асли (падару модар) – и худро эҳтиром намояд[359]. Бояд гуфт, ки некӣ ба падару модар посухи ночиз дар баробари заҳматҳои тоқатфарсои онҳо пеш аз таваллуд то вақти рушду балоғат ва ҳам пас аз он аст. Дар Қуръон омадааст: «Одамиро дар бораи падару модараш супориш кардем. Модараш ба ӯ ҳомила шуд ва ҳар рӯз нотавонтар мешуд ва пас аз ду сол аз шираш бозгирифт...»[360]. Аз оятҳои мазкур ва чандин оёту аҳодиси дигар бар меояд, ки падару модар бар гардани фарзанд ҳақ доранд ва мо ба шарҳи чанде аз он ҳуқуқ ба таври зер мепардозем:

**1. Шукргузорӣ.** Чигунае ки болотар гуфта гузаштем, дар Қуръон шукргузорӣ аз падару модар ҳамроҳ бо шукргузорӣ аз Худо зикр шудааст.

**2. Дӯст доштани онҳо.** Чигунае ки падару модар фарзандро бо муҳаббату дӯстӣ бузург мекунанд, фарзанд низ бояд дар иваз онҳоро сидқан дӯст бидорад.

**3. Бо эҳтиром садо задан.** Қуръон мефармояд: «...Ҳар гоҳ то ту зинда ҳастӣ, ҳар ду, ё яке аз он ду солхӯрда шаванд, ононро маёзор ва ба дуруштӣ хитоб макун...»[361]. Тибқи таълимоти исломӣ падару модарро бо ном садо задан низ нисбати онҳо беэҳтиромист. Зеро дар Қуръон мавориди зиёде ба

---

[357] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 566. 17:23.

[358] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 822. 31:14.

[359] Ниг.: Унсурумаолии Кайковус. Қобуснома. – Теҳрон, 1312 ҳ. ш. – С. 16.

[360] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 822. 31:14.

[361] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 822. 31:14.

назар мерасад, ки падарон бо лафзҳои «эй падар», «эй падари ман» ва «эй падари мо», мавриди хитоб қарор гирифтаанд, ки тибқи ибораи қуръонии «...ва бо онон (падару модар) ба икром сухан бигӯй...» модаронро ҳам фаро мегирад. Ба гунаи мисол: «...Юсуф ба падари худ гуфт: «Эй падар, ман дар хоб ёздаҳ ситора ва хуршед ва моҳро дидам...»[362]. «...(Юсуф) гуфт: «Эй падари ман, ин аст таъбири он хоби ман, ки инак, Парвардигорам онро рост баровард...»[363]. «(Бародарони Юсуф) гуфтанд: «Эй падар, чист, ки моро бар Юсуф амин намешуморӣ, ҳол он ки мо хайрхоҳи ӯ ҳастем?»[364]. Ин сухани Муҳаммад паёмбар то ба имрӯз болотарин сухан дар мавриди ҷойгоҳи модар ба ҳисоб меравад: «Ҳуқуқи модаратро баҷо биёр, зеро биҳишт зери пойи модарон аст!»[365]. Ҳадиси мазкур аз сӯи адибони бузурги форсу тоҷик ба тариқаҳои мухталиф ба назм кашида шуда, вирди забони мардуми тоҷик гаштааст:

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

Ё:

*Сухан аз сарвари пайғамбарон аст,*
*Ки ҷаннат зери пойи модарон аст.*

**4. Бо нармӣ ва некӯӣ сухан гуфтан.** Дар Қуръон бо сиғаи амрӣ омадааст, ки: «...ва бо онон (падару модар) ба икром сухан бигӯй...»[366].

**5. Дар баробари онҳо хашмгин нашудан.** Ин ҳақ баёнгари он аст, ки фарзанд набояд нисбат ба падару модар хашм бигирад. Зеро ин амр, дар

---

[362] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 468. 12:4.
[363] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 492. 12:100
[364] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 470. 12:11.
[365] Ниг.: Абӯабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуайб ибни Алии Насоӣ. Сунани Насоӣ. – Ал-Риёз, 1417 ҳ. – С. 478.
[366] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 822. 31:14.

Қуръон бо сиғаи наҳйӣ мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст: «...ва (падару модарро) ба дуруштӣ хитоб макун...»[367].

**6. Хушнуд намудани онҳо.** Фарзанд бояд ҳамеша кӯшиш намояд, ки дар анҷоми ҳар коре, пеш аз ҳама, хушнудии падару модарро ба даст орад. Дар ин бора Паёмбар (с) фармудааст: «Хушнудии Парвардигор дар хушнудии волидайн аст ва хашми Парвардигор дар хашми волидайн мебошад»[368].

**7. Итоат кардан.** Дар Қуръон сароҳатан ишора шудааст, ки: «Эй касоне, ки имон овардаед, Худоро итоъат кунед ва аз расул ва сардорони хеш фармон баред...»[369]. Дар матни асосии оят вожаи «улуламри минкум» (сардорони хеш) омадааст, ки Унсурулмаолии Кайковус онро «падару модар» тафсир кардааст[370]. Дар ҳар коре бо падару модар машварат намудан ва тибқи дастуру супориши онҳо амал намудан вазифаи фарзандии ҳар шахс мебошад. Фарзандро зарур аст, ки аз пандҳои хирадмандонаи онҳо бебаҳра намонад. Зеро ба гуфтаи Асадии Тӯсӣ, агарчи панди ҷавонон судманд бошад, вале панди пирони кордида накӯтар аст:

Ҷавонро агарчи сухан судманд,
Зи пирон накӯтар пазиранд панд[371].

**8. Робитаи ногусастанӣ бо онҳо.** Аввалин ва муҳимтарин робита дар ин ҷаҳон, робита бо падару модар аст. Зеро ислом баъд аз ҳаққи Худо ҳаққи падару модарро бузургу муҳим донистааст[372].

**9. Дуо ва талаби мағфират намудан барои онҳо.** Ҳамеша хайрхоҳи падару модар будан ва барои онҳо дуои хайру баракат намудан яке аз ҳуқуқи фарзандист. Зеро ин матлаб, дар Қуръон сароҳатан баёни худро

---

[367] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 566. 17:23.
[368] Ниг.: Муҳаммад ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. – Риёз: Мактабат-ул-маориф, 1417 ҳ. – С. 434.
[369] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе , 2013. – С. 172. 4:59.
[370] Ниг.: Унсурумаолии Кайковус. Қобуснома. – Теҳрон, 1312 ҳ. ш. – С. 16.
[371] Ниг.: Асадии Тӯсӣ. Ҳикоёт ва ҳикматҳо аз “Гаршоспнома”. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – С. 239.
[372] Ниг.: Тағоймуроди Маҳмадмурод, Давлатхоҷаи Мирзохоҷа. Маърифати оиладорӣ. – Душанбе, 2021. – С. 77.

ёфтааст: «...ва бигӯ: «Эй Парвардигори ман, ҳамчунон ки маро дар хурдӣ парвариш доданд, бар онҳо раҳмат овар»[373].

**10. Ба зиёраташон рафтан.** Зимни он фарзандонро зарур аст, ки то ҳадди тавон ҳамеша ба мулоқот ва дидорбинии падару модар бираванд.

**11. Кӯмак намудан.** Ба ин мазмун дар Қуръон ишора шудааст: «...Ва дар некӯкорӣ ва парҳез якдигарро кӯмак намоед...»[374]. Барои фарзанд афзалтарин шахси лоиқи кӯмак падару модари ӯ мебошанд.

**12. Муҳайё намудани чизеро, ки ба он эҳтиёҷ доранд.** Табиист, ки инсон гоҳо ба чизе эҳтиёҷ пайдо мекунад, ки падару модар низ аз ин амр истисно нестанд. Аз ин рӯ, фарзандро зарур аст, ки ҳоҷоти волидони худро бидуни малоли хотир аз онҳо барорад. Зеро Қуръон таъкид намудааст, ки: «...ва ба падару модар некӣ кунед...»[375]. Метавон гуфт, ки муҳайё намудани эҳтиёҷоти падару модар аз ҷумлаи некиҳост дар ҳаққи онҳо.

**13. Тавозуъ ва фурӯтанӣ намудан дар баробари онҳо.** Рафтори фарзанд бо падару модар бояд саросар хузуъ ва тавозуъ бошад. Ба ин маънӣ дар Қуръон омадааст: «Дар баробарашон аз рӯи меҳрубонӣ боли хоксорӣ (киноя аз тавозӯи фаровон ва фурӯтании бисёр) фуруд овар ва бигӯ: «Эй Парвардигори ман, ҳамчунон ки маро дар хурдӣ парвариш доданд, бар онҳо раҳмат овар»[376].

Бояд гуфт, ки иҷро ва риояи ҳуқуқи панҷгонаи зикршуда дар оила кафили пойдору устувор ва бардавомии хонавода мебошад. Аз ин рӯ, субъектони институти оиларо лозим меояд, ки ба риояи қатъии он бипардозанд. Зеро адои ҳуқуқи мутақобила боиси сарҷамъии аъзои ҷомеа гашта, аз шахс масъулияти бештарро тақозо мекунад.

---

[373] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе , 2013. – С. 566.4:24.
[374] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 210. 5:2.
[375] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 566. 17:23.
[376] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 566. 17:23.

## 2.3. Таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом

Имрӯз 90%-и халқи тоҷикро мусулмонон ташкил медиҳад. Новобаста аз ин, ислом ҳарчанд дини пешинаи онҳо зардуштияро инкор карда бошад ҳам, аммо дар ҳаёти маишии онҳо бисёр одатҳои зардуштӣ боқӣ монд ва ҳатто ба эътиқоду одатҳои исломӣ омезиш ёфта, зоҳиран шакли исломӣ гирифтаанд. Инро мо дар маросимҳои дафну азодорӣ, ёдбуди фавтидагон, маросимҳои никоҳу оиладорӣ ва ғайраҳо баръало мушоҳида менамоем[377]. Саъдулло Раҳимов қайд мекунад, ки дар расму оинҳои як қатор рустоҳои Бадахшони Куҳӣ ва деҳаҳои куҳистони Зарафшони Ҷумҳурии Тоҷикистон расму оинҳои зардуштӣ низ вуҷуд доранд[378]. Ӯ чунин мефармояд: «Ангезаҳои дини зардуштӣ ва фарҳанги пеш аз ислом бо пайдо шудани ислом аз байн рафт. Танҳо гоҳ-гоҳ дар ашъори тасаввуф образи рамзии пири коҳини зардуштӣ (пири муғон) пайдо мешуд, ки ба қаҳрамони суфиён дар шинохти Худо кумак мекард. Рамзҳои тоисломӣ (зардуштӣ) низ дар ороиши исломӣ ҷойгоҳи худро доранд. Онҳо дар ҳунарҳои мардумӣ, рақсҳои расмӣ, суруд, ҳунари ороишӣ, расму оин ва эътиқоди мардуми тоҷик хеле гуногун ифода ёфтаанд»[379]. А.Ғ. Холиқов ба масъалаи таъсири урфу одатҳои авестоӣ ва зардуштӣ ба танзими ҳуқуқӣ ва сохти давлатӣ дар кишварҳои исломии асримиёнагӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Таҳлили муқоисавии муҳаққиқ оиди низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ ва ислом, ки дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ амал мекарданд, аз бисёр ҷиҳат ба муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули бисёре аз институтҳои ҳуқуқӣ – исломӣ мусоидат намудааст[380]. Аз ин ҷост, ки бисёре аз институтҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои дини зардуштӣ аз ҷониби мусулмонон пазируфта шуда, ҳоло дар ҳаёт ва зиндагии тоҷикони муосир маҳфуз мондаанд.

---

[377] Ниг.: Саид Н.С., Аҳмадов С., Нурулҳақов Қ., Назаров Р. Диншиносӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Маориф, 2018. – С. 155.

[378] Ниг.: Рахимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: дисс. ... док. филос. наук. – Душанбе, 2007. – С. 20.

[379] Ниг.: Рахимов. С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: дисс. ... док. филос. наук. – Душанбе, 2007. – С. 232.

[380] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс. … док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 13.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзан унсурҳои институти оила тафовутҳо миёни зардуштия ва ислом ба назар мерасанд. Зеро унсурҳои институти оила: оиладор шудан, маросими дафн, расму оинҳо ва ғайра ҳамчун маданияти универсалии ҳамаи ҷамъиятҳо ҳастанд, аммо дар ҳар як ҷомеа бо урфу одат ва анъанаҳои гуногун амалӣ мегарданд[381]. Ҳамчунин, бисёре аз анъана ва ҷашну маросими оини зардуштия, ки дини тоисломии мардуми форс-тоҷик буд ба ибораи муҳаққиқ С. Аҳмадов дар шакли исломӣ миёни мардуми мусалмон боқӣ мондаанд. Дар институти оила унсурҳое вуҷуд доранд, ки миёни оини зардуштия ва шариати исломӣ, ки дар давоми асрҳои дароз ба тарзи ҳаёт ва қисми таркибии зиндагии миллати мо табдил ёфтааст[382], ҳамоҳангӣ доранд. Яъне бархе аз расму ойинҳо, ки мустақиман мухолифи дини ислом нестанд, дар Тоҷикистон ҳамчун як унсури ҳатмии издивоҷ ва арӯсӣ ҳифз шудаанд. Бинобар ин, мо ба баёни намунае аз онҳо мепардозем:

**1.Шитоб дар издивоҷ.** Метавон гуфт, ки дар айни замон дар муқоиса ба дигар халқиятҳо ҳатто эрониҳо тоҷикон хело барвақт издивоҷ мекунанд. Шояд сабаб дар якҷоягии принсинҳои зардуштия ва ислом бошад. Зеро тоҷикон ҳангоми издивоҷ расму оинҳои зиёди зардуштиро риоя мекунанд[383]. Масалан, дар гирди оташ давр задани хонадоршавандагон, ҳозир намудани косаи об ҳангоми хондани хутбаи никоҳ ва ғайра.

**2.Хостгорӣ.** Ниҳоди хостгорӣ миёни зардуштия ва ислом умумият дошта, онро пайравони ҳарду ойин дар вақти ба худ муносиб анҷом медиҳанд. Албатта, дар иҷрои он аз ҷониби шариати зардуштия вақти муайянеро (шомгоҳон) таъйин шудааст, ки онро мардуми тоҷик ҳоло низ қисман риоя мекунанд. Зеро ба қавли А.Ғ. Холиқов институти хостгорӣ ва дигар муассисаҳои ҳуқуқи хонаводагии зардуштӣ, ки бевосита ба талаботи ислом мухолифат намекарданд, дар замони ислом ба як расми ҳуқуқӣ

---

[381] Ниг.: Бахромбеков В.А., Миров Ф.С. Асосҳои сотсиология. – Душанбе: Матбуот, 2015. – С. 56-58.
[382] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 96 с.
[383] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 168.

мубаддал гардидаанд[384]. Вале ин таъйини вақти хостгорӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, тағйири он ба дигар вақт аз ҷониби пайравони ойинҳои мазкур боке надорад. Бояд таъкид намуд, ки анҷоми хостгорӣ дар шаб дорои фалсафаи чуқур буда, мақсад аз он ин аст, ки дар сурати муваффақ нашудани хостгор амали мазкур ҳамчун сир миёни ду оила махфӣ мемонад ва садди роҳи хостгори навбатӣ намегардад.

**3.Ҳадаф аз ташкили ниҳоди оила.** Оини заношӯӣ дар зардуштия бояд бар асоси ақлу хирад, инсондӯстӣ, муҳаббати тарафайн, ҳамкориву дилбастагӣ барои ободонию созандагӣ устувор бошад. Бино ба ақидаи муаллифи китоби «Фалсафаи Зардушт» оини мазкур бояд аз нодонӣ, ҳавасу худхоҳӣ ва бадкорӣ дур бошад[385]. Зеро бунёди ин динро андешаи нек, ростӣ, покӣ, порсоӣ, хештандорӣ (худдорӣ, сабру таҳаммул), пирӯзӣ бар нафси худ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ ташкил медиҳад[386]. Аз тарафи дигар, инсон ва хушбахтии ӯ дар маркази таваҷҷуҳи Авесто қарор доранд[387]. Ислом низ ҳадафи ташкили институти хонаводаро дар тавсиаи доираи муносибатҳои инсонӣ дониста, иҷрои меъёрҳои динӣ-ахлоқиро аз якояки афроди хонавода тақозо менамояд. Масалан, Абӯҳанифа муносибатҳои софу покро дар хонавода тарғиб намуда, мақоми волои зан, қадру эҳтироми падар, шавҳар ва тарбияи дурусти фарзандонро нишон додааст. Ӯ таъкид менамояд, ки оила бояд дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми якдигар бунёд шавад[388]. Аз нигоҳи шаръӣ-исломӣ вазифаи зану мард, волидон ва фарзандро асоснок намуда, муносибати оилавиро ба танзим даровардааст. Никоҳу талок, ирсу мерос ва ҳуқуқи ҳар узви оила дар фиқҳи ӯ муайян шуда, аз рӯи он талаботи зиндагии оилавӣ дар тӯли асрҳо бунёд шудааст.

[384] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 165.
[385] Ниг.: Доктор Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. – Теҳрон, 1374 ҳ. ш. – С. 166.
[386] Ниг.: Бердиев Ш.П., Шомуродов Б.Б. Этика. – Душанбе: Донишварон, 2016. – С. 43.
[387] Ниг.: Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма: дисс. ... д-ра. филос. наук. – Душанбе, 2001. – С. 280.
[388] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 178.

**4.Қобилияти ҳуқуқдорӣ.** Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки дар оини зардуштия ва шариати исломӣ қобилияти ҳуқуқдории ашхос аз замони ба дунё омадан (таваллуд)[389] ва ҳатто дар батни модар оғоз меёбад. Дар таълимоти зардуштӣ ва ислом мардро супориш шудааст, ки ҳамсари ҳомилаи худро аз ҳар ҷиҳате таъмин намояд, то ки ба ӯ ва кӯдаки дар батн будаи ӯ зиёне нарасад. Ин гуфтаҳо далолат ба ҳуқуқдории ҷанин мекунад. Оиди ин масъала А.Ғ. Холиқов чунин ибрози ақида мекунад: Сарчашмаҳои зардуштӣ на танҳо барои сарварони оила ҳуқуқу имтиёзҳо медиҳанд, балки онҳо дар мавриди ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои фарзандон ва зан вазифаҳои мушаххас доранд. Ҳамин тавр, Вандидод вазифаҳои падару модаронро дар мавриди таҳти назорати махсус қарор додани кӯдакон ва таъмин намудани онҳоро ба хӯрокаву пӯшока пешбинӣ намудааст. Дар ин маврид, як фарҳанги дигари ҳуқуқие, ки дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ амал мекард, таваҷҷуҳи хоса дорад, ки он фарҳанги исломӣ мебошад. Ислом ба ин масъала ба таври ягонатар муносибат карда, таом додани кӯдаконро ба ду давра тақсим мекунад: давраи ширдиҳӣ ва давраи нигоҳубини кӯдакон дар зери назорати махсус. Шариати ислом ба масъалаи бо шир таъмин намудани кӯдакон ҷиддӣ муносибат карда, китобҳои вижае бо номи «Китоб-ур-разо» ва «Китоб-ут-таъом»-ро нашр кардааст, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои волидонро дар ин раванд муайян мекунад[390]. Номбурда дар ҷои дигар қайд мекунад, ки Авесто танҳо зардуштиёнро комилҳуқуқ медонад. Нисбат ба ғайри зардуштиён ҳуқуқе қоил набуда, ҳамчунин, ҳуқуқи ашхоси ҷинояткорро маҳдуд намудааст[391]. Агар шахс аз дини зардуштӣ даст кашад, ӯ аз мақоми худ дар оила, авлод ва ҳуқуқҳои доштаи худ дар ин мақом маҳрум мешавад[392]. Ин масъала, дар Қуръон низ дида мешавад: «...оё нобино (ғайри мусалмон) ва бино (мусалмон) баробар

---

[389] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 85.
[390] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс… док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 216.
[391] Ниг.: Асари зикршуда. – С. 86-87.
[392] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 84.

мешаванд? (не)...»[393]. Аз гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар оини зардуштия ғайризардуштӣ бо зардуштӣ ва дар оини мусулмонӣ ғайримусулмон бо мусулмон баробарҳуқуқ нестанд.

5.**Дахлнопазирии манзил.** Дар «Авесто» меъёрҳое мавҷуданд, ки озодии рафту омад дар атрофи кишварҳо ва озодии соҳиби манзил ва фазои зистро барои одамон муайян мекунанд: «Ман ба ҳамаи онҳое, ки дар ин сарзамин бо ҳайвоноти хонагӣ зиндагӣ мекунанд, озодона ҳаракат ва интихоби манзилро иҷозат медиҳам». Чунин эълони асли озодии рафту омад аз вуҷуди принсипи дахлнопазирии манзил, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ хабар медиҳад. Принсипи мазкур дар ислом низ вуҷуд дорад, ки баъзе меъёрҳои қуръонӣ ба он ишора мекунанд: «Оё заминро (бароятон) фарше насохтаем?! Ва хобатонро (бароятон) роҳате сохтем. Ва шабро (бароятон) пӯшише сохтем. Ва рӯзро вақти талаби маишат сохтем. Ва болои шумо ҳафт осмони муҳкам бино кардем. Ва аз абрҳои боронафшон оби резон фуруд овардем. То ба сабаби он об донаву гиёҳро барорем»[394]. «Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонае ғайр аз хонаи худ, бе он ки иҷозат талабида ва бар сокинонаш салом карда бошед, дохил машавед. Ин барои шумо беҳтар аст, бошад, ки панд гиред». «Эй касоне, ки имон овардаед, бояд ғуломони шумо ва онҳо, ки ҳанӯз ба балоғат нарасидаанд, дар се ҳангом аз шумо барои ворид шудан ба хона рухсат талабанд: пеш аз намози субҳ ва ҳангоми зӯҳр, ки либос аз тан берун мекунед ва баъд аз намози хуфтан. Ин се вақт, вақти хилвати шумост...»[395]. Бояд таъкид намуд, ки оини зардуштия ва ислом оиди масъалаи дахлнопазирии манзили инсон дидгоҳи муштарак дошта, ҳаргуна нобаробариро нисбат ба он маҳкум менамоянд.

---

[393] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 264. 6:50.

[394] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 1162. 78:6,9,10,11,12,14,15.

[395] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 702, 712. 24:27,58.

6.**Таъмини махориҷи ҳамсар.** Дар оини зардуштия таъмини махориҷи зани ҳомила бар зиммаи шавҳар вогузор шудааст. Ин нуктаро муҳаққиқ А.Ғ. Холиқов бо такя ба Авесто чунин навиштааст: «Марде, ки зан аз ӯ ҳомиладор мешавад, вазифадор аст, ки то таваллуди кӯдак модарашро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намояд»[396]. Агар мард ба таври зарурӣ зани ҳомиладори худро дастгирӣ накунад ва ин амал ба кӯдаки дар батнбуда зиён оварад, он мард муртакиби гуноҳи куштори қасдан шуда, тибқи он ҷазо дода мешавад.

Ислом низ таъмини зани ҳомиларо бар зиммаи мард гузошта, таъкид намудааст: «...ва хӯроку пӯшоки занон ба ваҷҳи писандида бар (ӯҳдаи) соҳиби фарзанд (шавҳар) аст»[397]. Яъне ба ӯ дастур додааст, ки мувофиқ ба вусъату тавоноӣ хӯрокаву пӯшокаи занро таъмин намояд

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таълимоти зардуштия оид ба ҷанбаҳои мухталифи институти оила дар аксари масъалаҳо бо таълимоти исломӣ ҳамоҳанг мебошанд. Вале боз мехоҳам ба шарҳи маросимҳое пардозам, ки зоҳиран дар иҷрои онҳо миёни ин ду таълимоти номбурда фарқият ба назар мерасад:

**1.Интихоби ҳамсар.** Дар масъалаи интихоби ҳамсар, ҳам дар зардуштия ва ҳам дар ислом, ҳолати диндории зан ба инобат гирифта шудааст. Аммо дар зардуштия шахс ҳеҷгоҳ наметавонад бо шахси ғайри зардуштӣ оила бунёд намояд. «Субъектони акди никоҳ ҳатман бояд зардуштӣ бошанд»[398]. Дар ислом бошад, мард метавонад бо пайравони динҳои тавҳидӣ (аҳли китоб) оиладор шавад. «Никоҳ кардани занҳои аҳли китоб, ба монанди яҳудиён ва насрониён ба шарте, ки ба китоби осмонии худ пойбанд бошанд, ҷоиз аст»[399]. Бояд гуфт, ки «аҳли китоб» ба касоне гуфта мешавад, ки пеш аз мансух шудани дини яҳудия ва насрония аҷдодашон аз нигоҳи оин яҳудӣ ва ё насронӣ будаанд.

---

[396] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс… док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 139.
[397] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 72. 2:233.
[398] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс… док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 155.
[399] Ниг.: Боқизода А. Фиқҳи исломӣ (бар асоси мазҳаби ҳанафӣ). – Душанбе, 2008. – С. 564.

2.**Синни булуғ.** Масъалаи синну соли никоҳӣ низ аз ҷумлаи масоилест, ки оиди он дар оини зардуштия ва ислом тафовут дида мешавад. Аксаран муҳаққиқон бо истинод аз Авесто синни 15 солагиро барои ҳарду ҷинс синни никоҳӣ ба қалам додаанд. Муҳаққиқи тоҷик А.Ғ. Холиқов низ дар масъалаи никоҳ дар оини зардуштия синну соли гуногунро баён намуда, дар охир зери унвони «Қобилияти ҳуқуқӣ» 15 солагиро ҳамчун синни никоҳӣ ишора намудааст: «Маросими оиладорӣ дар синни 15 солагӣ анҷом дода мешавад[400]. Зеро Авесто синни ягонаи никоҳи марду занро аз 15 – солагӣ муайян кардааст»[401]. «Низоми ҳуқуқии зардуштия субъектонро ба болиғон ва ноболиғон бо мафҳумҳои «пурнау” ва «апурау» ҷудо намудааст. Одами ба балоғатрасида, шахси мардина ва ё занонае ҳисоб мешуд, ки ба синни 15 расидааст. Қобилияти амалкунии пурраи шахс аз ба синни 15 – солагӣ расидан эътироф мешуд. Танҳо баъд аз ба 15 солагӣ расидан шахс ҳуқуқи зиндагии мустақилона ва бастани ақди никоҳро дошт»[402]. С.Х. Раҳимов низ синни балоғатро дар зардуштия 15 солагӣ нишон додааст[403]. Аз ҷониби муҳаққиқони исломӣ бошад, оиди масъалаи мазкур синну соли мухталиф ироа шудааст, зеро дар адабиёти исломӣ (Қуръон, суннат) танҳо мафҳумҳои балоғат, булуғ ва расидан ба синни никоҳӣ омадаанд. Аз ин рӯ, олимон вобаста ба шароити биологию иҷтимоӣ барои зан аз синни 9 солагӣ то 17 солагӣ ва барои мард аз синни 12 солагӣ то 18 солагиро пешбинӣ намудаанд.

3.**Ғуломии зан.** Дар зардуштия зан каниз бошад, фарзандони аз ӯ бадунёомада низ, канизу ғулом мебошанд. «Тибқи қонуни авестоӣ, агар зан аз рӯи вазифа ғулом бошад, фарзандонаш низ ғуломанд»[404]. Яъне агар зан ғулом бошад, он гоҳ ҳамеша фарзанди ӯ ғулом мешавад[405]. Дар ислом бошад, каниз, ё ғулом будани зан омили ғуломии фарзандон намебошад,

---

[400] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс… док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 134.
[401] Ниг.: Асари зикршуда. – С. 176.
[402] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 83-85.
[403] Ниг.: Раҳимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: дисс. ... док. филос. наук. – Душанбе, 2007. – С. 112.
[404] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс… док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 142.
[405] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 87.

зеро онҳо мутааллиқ ба падаранд, агар ӯ инсони озод бошад, фарзандон низ озоданд на ғулом.

4.**Гувоҳии зан.** Масъалаи баробарии гендерии марду зан яке аз масоили муҳимми ҳаётӣ-ҷамъиятӣ буда, он бо таъсири шаклҳои патриархалию матриархалии ҳамзистӣ ҳамеша дар зери буҳрони иҷтимоӣ-таърихӣ қарор гирифтааст. Ҳамагуна маҳдудияти ҳуқуқи мутақобилаи марду зан аз ҷониби баъзе таълимот аз нобаробарии гендерӣ дарак медиҳад. Дар сарчашмаҳои зардуштӣ омадааст, ки зан ба мисли кӯдак ва ғуломи каниз ҳаққи шоҳид шуданро надошт[406]. Ба назар мерасад, ки чунин маҳдудият зоҳиран занро аз доираи ҳуқуқи мард дар хона дур кардааст, ки дини зардуштӣ онро аз шакли патриархалии ҳамзистӣ ва ташкили оила ба мерос гирифтааст. Табиист, ки дини зардуштӣ ҳанӯз имкон надошт, ки ба анъанаҳои устуворе, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун як шакли ташкил ва идора ташаккул ёфтаанд, муқобилият нишон диҳад. Аммо ислом дар ин самт, ба унвони марҳилаи навбатии шуури инсонӣ, ҷаҳонбинӣ, фарҳанг ва билохира тамаддун чанд қадам ба пеш гузоштааст. Дар ин маврид, Қуръон гуфтааст: «...Агар ду мард набувад, як марду ду зан, ки ба онҳо ризоият диҳед, шаҳодат бидиҳанд, то агар яке фаромӯш кард, дигаре ба ёдаш биёварад...»[407]. Шариати ислом, агарчи дараҷаи шаҳодати занро нисбат ба мардон баробар накарда бошад ҳам, вале навоварии ин низом дар он буд, ки занон дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ба сифати «шоҳид» ва «гувоҳ» баромад мекунанд.

5.**Муносибат бо зане, ки дар одати моҳона қарор дорад.** Дар Авесто омадааст: «марде бо зани даштон – хоҳ даштони баҳинҷор, хоҳ даштони ноҳинҷор – даштонмарзӣ кунад. Ин гуноҳест, ки он мардро Пешутану мекунад»[408]. Дар ҷои дигар омадааст: «Эй додори ҷаҳони астуманд, эй

[406] Ниг.: Дадестон-и меног-и храд (Суждения Духа разума) // Зороастрийские тексты:. Изд. подгот. О.М. Чунаковой. -М.: Изд. фирма Восточная литература РАН, 1997. – 352 стр., С.10-138- (Памятники письменности Востока. CX1У).
[407] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 94. 2:282.
[408] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 576.

ашаван, агар дар хонаи маздопарастон зане бошад, ки хуни даштон – хоҳ даштони баҳинҷор, хоҳ даштони ноҳинҷор – аз вай равон шавад, маздопарастон чӣ бояд бикунанд? Аҳура Маздо посух дод: Бояд роҳи ӯро аз ҳар гуна гулу буттае пок кунанд ва дар ҷое, ки ӯ бояд бимонад, хоки хушк бар замин бипошанд ва барои ӯ сохтмоне барпой доранд, ки ҳамчанди як дувум, ё як севум, ё як чаҳорум, ё як панҷуми баландии хона, аз хона баландтар бошад, то мабодо нигоҳи ӯ бар оташ биафтад»[409]. А.Ғ. Холиқов менависад: «...дини зардуштӣ тақозо мекард, ки ҳангоми ҳайз муоширати занон бо одамони дигар маҳдуд бошад. Ҳатто барои онҳо ҳуҷраи махсус – «даштистон»[410] аст, ки бояд дар он бинишинанд»[411]. Мавҷудияти ин навъи муносибатро бо зане, ки дар одати моҳона қарор дорад Е.А. Дорошенко низ ҷонибдорӣ намудааст: «Тибқи дастуроти зардуштиён зан ҳангоми одати моҳона дар курсии сангин менишастанд ва дар хонаи торик рӯйи фарш мохобиданд. Дар танҳоӣ хӯрок мехурданд, ҳеҷ кас аз ҷумла, кӯдакон ба ӯ наздик намешуданд. Ҳатто, дар ду даҳсолаи аввали асри XX низ занони зардуштӣ аз ин урфу одат ранҷ медиданд»[412]. Дар ислом бошад, ҳайз омили маҳдудшавии муошырати зан бо дигарон нест. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ – исломӣ оиди он фасли ҷудогонае зери унвони «китоби ҳайз” ё «боби ҳайз» ҷойгир буда, дар ҳеҷ ҷое аз он оиди ҳайз ҳамчун падидаи манфӣ сухан нарафтааст: «...Пас дар айёми ҳайз аз (ҷимоъ бо) занон дурӣ гузинед ва ба онҳо (ба нияти ҷимоъ) наздик машавед, то пок гарданд...»[413]. «Талоқ дар ҳолати одати моҳонаи зан (ҳайз) набояд сурат гирад»[414]. Барои ҳифзи саломатӣ ва эҳтироми занон ислом ҷимоъ ва талоқи онҳоро дар муддати ҳайз манъ фармудааст.

---

[409] Ниг.: Асари зикршуда. – С. 583.
[410] Ниг.: Асари зикршуда. – С. 584.
[411] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс… док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 136.
[412] Ниг.: Дорошенко А. Р. Зороастрийцы в Иране (Историко-этнографический очерк). М., Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1982. – С. 61.
[413] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 68. 2:222.
[414] Ниг.: Боқизода А. Фиқҳи исломӣ (бар асоси мазҳаби ҳанафӣ). – Душанбе, 2008. – С. 610.

И. Амирбекова бо қисмати аввали масъала мухолиф буда, дар зардуштия низ адами маҳдудияти муоширaт бо зани дар ҳолати одати моҳона будаpо, ҷонибдорӣ мекунад: «Чунин дидгоҳ ва муносибат ба зан ҳамчун як мавҷуди осебпазир то ҳадде густариш ёфт, ки дар баъзе матнҳои зардуштӣ занро ҳамчун як мавҷуди туфайлӣ номидаанд»[415].

**6.Сиқти ҷанин.** Дар «Авесто» меъёрҳои тиббии марбут ба илми тиб ва амалиёти беморон оварда шудаанд. Дар ин меъёрҳо объекти муҳофизат аксар вақт саломатӣ ва ҳаёти кӯдаку модар мебошад. Дар бораи қатли кӯдак дар батни модар дар Вандидод фаргарди 15, кисми 2, сатри 9-18 муфассалан оварда шуда, ин амалро қатъиян маҳкум кардааст: «Агар он зан аз шарми мардум, меваи зиндагиро дар заҳдони хеш нобуд кунад, гуноҳи куштани фарзанд бар гардани ӯ ва падари ӯст»[416]. Дар зардуштия сарфи назар аз вазъи занҳо (шавҳардор ё бешавҳар) ва вазъи кӯдакон (қонунӣ ё ғайриқонунӣ) исқоти ҳамл манъ аст: «Агар марде бо духтаре дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хона бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад, ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум, меваи зиндагиро, ки дар заҳдони хеш дорад, нобуд кунад»[417]. Ҳамчунин, оини мазкур барои занон истифодаи гиёҳҳои шифобахше, ки исқоти ҳамлро ба бор меоранд манъ намудааст: «Агар марде бо духтари дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хонавода бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум бо обу гиёҳ дар худ даштони нобаҳинҷор падид оварад»[418]. Хулоса, таълимоти зардуштия ҳамагуна исқоти ҳамлро мамнуъ эълон карда, зиндагӣ ва ҷони кӯдакро дар ҷои аввал қарор дода, ҳифз менамояд. Агар қонунгузории оила дар шароити муосир кӯдак гуфта шахсеро аз оғози таваллуд то синни муайяне донад, пас, қонунгузории

[415] Ниг.: Амирбекова И. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 10. – С. 213.
[416] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 577.
[417] Ниг.: Асари зикршуда. – С. 577.
[418] Ниг.: Авесто. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 577.

таърихӣ-зардуштӣ кӯдакро аз батни модар то 15 солагӣ[419] эътироф мекунад.

Бояд гуфт, ки ислом низ оиди масъалаи исқоти ҳамл назари манфӣ дорад, аммо на он гуна, ки дар зардуштия баррасӣ карда шуд. Дар ин маврид, А.Ғ. Холиқов чунин мефармояд: Фарҳанги ҳуқуқии исломӣ, ки ҷойгузини дини зардуштӣ шудааст, ба масъалаи исқоти ҳамл оқилонатар ва мантиқӣ наздиктар шуда, дар доираи зарурат ҳангоми таҳдиди мустақим ба саломатии модар онро иҷозат медиҳад. Ислом мисли ҳама гуна низоми ҳуқуқии одилона, ба хотири пешгирӣ аз зарари умумӣ, хусусиро иҷозат медиҳад. Ояти 233 сураи «Бақара» мефармояд: «... Ҳеҷ модаре ба хотири зиндагии фарзандонаш ба зиён ва нуқсон гирифтор нашавад...»[420]. Тибқи принсипи ҳуқуқии мусулмонӣ «зарурият ҳаромро муваққатан ҳалол мекунад», аз ин рӯ, ислом дар ҳолатҳои зарурӣ исқоти ҳамлро иҷозат медиҳад[421]. Зеро шариати исломӣ тавассути принсипи «дар зарурият раво бувад, бе зарурият хато бувад», ҳамаи манҳиётро дар ҳолати вуҷуди «зарурият» рухсат медиҳад.

**7.Маросими дафн.** Бино ба гуфтаи Ш.П. Бердиев ва С.Х. Раҳимов дар зардуштия маросими дафн бо дарназар гирифтани проблемаҳои экологӣ иҷро карда мешуд. Тибқи он бояд ягон унсури муқаддас бо ҷасад олуда нашавад. Одатан, ҷасади мурдаро ба ҷойҳои баланди хушку санглох ва баъдтар ба дахмаҳо - манораҳои махсус бурда мегузоштанд, то ки ҳайвонҳо ё паррандагон қисмҳои мурдаро пора-пора карда, ба ҷое набаранд, ки дар натиҷа ягон элемент масалан, оби муқаддас ифлос шавад. Дар охир, устухонҳои аз бофтаҳои пӯсида тоза шуда, аз офтоб сухтаро

---

[419] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 134, 176; Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 83-85; Раҳимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: дисс. ... д-ра. филос. наук. – Душанбе, 2007. – С. 112.

[420] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 72. 2:233.

[421] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс… док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – С. 204.

ҷамъ карда дар ҷойҳои махсуси муқарраршуда дафн мекарданд[422]. Муҳаққиқ Ш.П. Бердиев дар ҷои дигар ба ин масъала чунин ишора мекунад: «Зардуштиён ба тозагии обу ҳаво ва замине, ки ба онҳо тааллуқ дошт, аҳамияти ҷиддӣ медоданд, ки ин аз иҷрои маросими дафни онҳо мушоҳида мешавад»[423]. Дар ислом бошад, аз ҳамон ибтидо ҷасади мурдаро ба воситаи об тоза карда, ҳарчи зудтар дар зери хок дафн мекунанд.

**8.Вақти иҷрои маросими дафн.** Дар зардуштия иҷрои маросими дафн ҳамеша бояд дар рӯз сурат гирад. Ба ин мавзӯъ Ш.П. Бердиев ишора намуда, чунин фармудааст: «Аммо ҷасади мурдаро танҳо рӯзона дафн кардан лозим аст. Дар зардуштия дар шаб гузаронидани маросими дафн қатъиян манъ аст»[424]. Аммо дар ислом гузаронидани маросими дафн дар шабу рӯз ҷоиз аст.

**9.Тақсими мерос.** Дар оини зардуштия моли боқимонда аз волидайн ҳамчун мерос миёни ҳар ду ҷинс (духтару писар) баробар тақсим мегардад. Зеро оини мазкур баробарии марду занро аз ҳар ҷиҳате дар назар дорад[425]. Яъне тақсими ирс дар ҳуқуқи зардуштӣ баъд аз даргузашти падари хонавода ба ин тартиб аст, ки зан ва писар ҳар як саҳми баробар аз мерос доштанд. Вале духтарон бошанд, дар сурате, ки издивоҷ карда ва аз хонаи падар ҷаҳизия ба хонаи шавҳар бурда бошанд, нисфи саҳми писаронро мегиранд ва дар ғайри ин сурат баробари саҳми бародарони худ мегиранд. Дар ислом бошад, моли мерос миёни аъзои хонавода ба таври мухталиф тақсим мешавад: «...саҳми писар баробари саҳми ду духтар аст...»[426]. Масалан, баъд аз даргузашти падари хонавода ҳамсараш ҳаштяки моли

---

[422] Ниг.: Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: дисс. … канд. филос. наук. – Душанбе, 2011. – С. 114; Раҳимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: Дисс. ... д-ра. филос. наук. – Душанбе, 2007. – С. 95.

[423] Ниг.: Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: дисс. … канд. филос. наук. – Душанбе, 2011. – С. 121.

[424] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 126.

[425] Ниг.: Фарухмарди Бахромон. Модиёни ҳазор доистон (Китоби ҳазор ҳукми судӣ). – Теҳрон: интишороти илмӣ, 1393ҳ./2014м. – С. 325.

[426] Ниг.: Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 154. 4:11.

ӯро ирс мебарад ва боқимонда миёни духтару писар ба тавре тақсим мешаванд, ки писарро ду баробари ҳаққи духтар мерасад.

Маврид ба зикр аст, ки вобаста ба эълони бузургдошти тамаддуни ориёӣ сару садоҳое баланд гардиданд, ки гӯё омӯзиши тамаддуни ориёӣ ва арзишҳои он ба сатҳи диёнат ва эҳсоси динии мардуми мусулмони мо халал ворид мекарда бошад. Чунин гузориши масъала бе бунёд ва аз воқеият дур аст. Воқеият ин аст, ки мо тамаддуни ориёиро ҳамчун падидаи сирф фарҳангӣ баррасӣ карда, ба наслҳои имрӯзу оянда омӯхтани онро ба хотири шинохти беҳтар ва амиқтари баромади таърихии миллатамон талқин менамоем. Ва ин амал пояҳои дини исломро, ки аксарияти мутлақи мардуми мо пайрави онанд, заррае халалдор нахоҳад кард. Зеро ислом дар давоми асрҳои дароз ба тарзи ҳаёт ва қисми таркибии зиндагии миллати мо табдил ёфтааст[427]. Яъне пардохтан ба шинохти тамаддуни ориёӣ аҳамияти илмӣ-таҳқиқотӣ дошта, натиҷаи он ҳамчун падидаи таърихию фарҳангӣ ва пеш аз ҳама, фалсафӣ инъикос мегардад, ки ба сатҳи диёнати кас халал эҷод нахоҳад кард.

[427] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 96.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти оила дар зардуштия ва ислом хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар натиҷаи таҳлили масъалаи заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия маълум гардид, ки заминаҳои иҷтимоии зардуштияро асосҳои зерин ташкил менамояд:

а) Расонидани кӯмаки моддию маънавӣ. Тибқи таълимоти зардуштиён, агар зардуштие аз ҳамдини худ хоҳиш намояд, ки ӯро дар барпо намӯдани ниҳоди оиладорӣ кӯмак кунад, бояд ин шахс, ҳатман, ба ӯ кӯмак расонад, гарчанде ки вазъи иқтисодию иҷтимоии паст дошта бошад. Зеро дар дастуроти ин таълимот кӯмак танҳо ба маънои кӯмаки молӣ наомадааст. Агар ба шахси оилабарпокунанда кӯмаки моддӣ расонида натавонад, ҳатман, ба ӯ кӯмаки маънавӣ мерасонад. Яъне ба ӯ ҳар гуна маслиҳатҳо медиҳад ва то ба поён расидани маросими домодии ӯ дар бараш истод мешавад **[12-М].**

б) Манъи гушанишинӣ ва ташкили оилаву хонасозӣ. Оини зардуштия бо вуҷуди ин ки дорои арзиши ахлоқӣ аст, ба ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Оини мазкур мухолифи гӯшанишинӣ буда, тарафдори хонасозӣ ва сукунати мардум аст. Зиндагии хонанишинӣ, доштани хона ва ё маҳалли муносиб барои сукунат ва ғайра, аз дастуроти он ба шумор меравад **[1-М]**; **[3-М].**

в) Амали муқаддас будани ташкили оила. Дар оини зардуштия зардуштиён заношӯиро танҳо ба хотири бартараф кардани ҳоҷатҳои ҷисмонию ҷинсӣ анҷом намедоданд, балки нисбат ба он ҳадаф ва ормонҳои бисёр олӣ доштанд. Ин ҳадаф, фароҳам кардани васоили пешрафти маънавӣ ва ғалабаи некӣ бар бадӣ мебошад. Бинобар ин, ташкили хонавода дар зардуштиён амали муқаддас ва мавриди ситоиш аст **[8-М].**

г) Мақоми баланд доштани зан дар назди шавҳар. Зан пас аз издивоҷ дар сафи ҳамсарии шавҳар қарор мегирифт, на дар радифи амвол ва ё аз

тобеини ӯ. Ба ибораи дигар, зан канизи мард набуд, балки ҳамсар, ҳамдил ва ҳамроҳи мард ба шумор мерафт. Дар тамоми ҳуқуқ бо мард баробар ва дар ҳамаи умур бо ӯ шарик буд. Зеро мафҳуми «ҳамсар» ифодагари категорияҳои ҳамроҳ, ҳамдил, ҳамфикр, ҳамнишин, ҳамдин ва ғайра мебошад **[11-М]; [15-М].**

ғ) Озодии зан ва баробарҳуқуқии ӯ бо мард. Рафтори мардон нисбат ба занон дар оини зардуштия назокатона буд. Зан чи дар зиндагии шахсӣ ва чи дар зиндагии иҷтимоӣ аз озодии комил бархурдор буд. Ба хусус, озодӣ дар интихоби ҳамсар барои ташкили хонаводаи солим. Озодона ҳамсари ояндаи худро интихоб менамуд. Зеро дар зардуштия баробарҳуқуқӣ миёни марду зан вуҷуд дошт ва чигунае, ки мард дар зиндагӣ озод ва соҳибихтиёр буд, зан низ аз ин озодӣ ва ихтиёр бенасиб набуд **[1-М]; [3-М].**

2. Дар натиҷаи омӯзиши таълимоти зардуштия маълум гардид, ки дар таълимоти зардуштия масъалаҳое дохил мешуданд, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди истифода қарор доранд. Аз ҷумла:

а) Манъ будани бисёрзанӣ. Дар оини зардуштия бисёрзанӣ ҷоиз набуд ва ба гирифтани танҳо як зан супориш шудааст. Ҳамонгуна, ки як зан наметавонад дар як замон ду ва ё зиёда шаваҳар дошта дошад, барои мард низ раво нест, ки аз як зан зиёд дошта бошад. Магар дар сурате, ки марг ва ё сабабе аз асбоби дар оинномаи зардуштиён зикршуда зани аввалаи ӯро аз ӯ гирифта бошад ва мард амалану шаръан бидуни зан бошад. Бо тариқи истисно, танҳо як нафар метавонист, ки бо вуҷуди доштани як зан иқдом бо гирифтани зани дуюм кунад, он ки зани ӯ ба ташхис ва исботи табибон нозоям буда, қодир набошад, ки барои шавҳари худ фарзандони солим ва порсо ба дунё оварад. Танҳо дар ин сурат, мард метавонист бо мақсади издиёди насл бо огоҳӣ ва рухсати зани якуми худ, зани дуюм интихоб намояд **[3-М].**

б) Фарзандхонӣ. Дар тафаккури зардуштиён масъалаи ба фарзандхонӣ пазируфтани кӯдакони дигар низ ҷой дошт. Амали мазкур

танҳо ба хонаводагони бефарзанд хос намебошад, балки хонаводае, ки фарзанд ҳам дошта бошад, агар бубинад кӯдаке аз парасторию нигаҳбонии шоиста бархурдор нест ва ё дар роҳ бесоҳиб монда аст, мукаллаф аст, ки он кӯдакро ба фарзандӣ бипазирад. Зеро овардани кӯдаки бесаробоне ба оғӯши хонавода дар оини зардуштия маншаи мазҳабӣ дорад. Инчунин, ин амал дорои подоши нек буда, мартабаи ибодатро дорад **[1-М].**

3. Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи таҳаввули институти оила дар зардуштия муайян гардид, ки дар давраи амали зардуштия институти оила инкишоф ёфта, чунин меъёрҳоро касб намудааст:

а) Шартҳои бастани никоҳ. Бастани никоҳ шарту талаботи ба худ хосе дошт ва ҳар як нафари никоҳшаванда вазифадор буд, ки ин шарту талабоҳоро риоя кунад, чунки дар сурати акс издивоҷ ягон эътибори ҳуқуқӣ пайдо намекард ва муносибатҳои оилавро низ ба вуҷуд намеовард. Муҳимтарин талаботҳо барои бастани никоҳ дар таълимоти зардуштия, расидан ба синну соли никоҳӣ, розигии тарафҳо, дар оини зардуштия будан ва вуҷуд доштани шоҳид мебошад **[3-М].**

б) Фарзанддорӣ шарти муҳими оиладорӣ. Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки афзудани ҳайати оила дар таълимоти зардуштия яке аз асоситарин ва муҳимтарин вазифаҳои марду зани хонавода муаррифӣ шудааст. Чаро ки агар зану марди зардуштӣ фарзандони зиёд ба дунё биоваранд, дар ҳақиқат, бар шумори сипоҳи некӣ афзуда хоҳад шуд, дар натиҷа, сипоҳи некӣ бар сипоҳи бадӣ пирӯз мегардад **[3-М].**

в) Ихтиёрӣ набудани талоқ. Дар зардуштия бо ихтиёри худ талоқ додани зан мумкин набуд. Сабабҳои имкони талоқ инҳо ба ҳисоб мерафтанд: агар яке аз онҳо девона бошад, ки дигари огоҳӣ надошта бошад, бинобар сабаби огоҳӣ ва тақозои нафари солими онҳо, издивоҷ қобили фасх ё талоқ аст; ҳар гоҳ шавҳар мардӣ надошта бошад, зан метавонад тақозои талоқ кунад; ҳар гоҳ собит шавад, ки зан муртакиби зино шудааст, шавҳар метавонад ӯро талоқ диҳад ва агар собит шавад, ки

шавҳар бо зани дигар зино кардааст, зан низ метавонад тақозои талоқ намояд; ҳар гоҳ шавҳар ба муддати се сол ва ё зиёда аз он масорифи зиндагии занро надиҳад, зан метавонад тақозои талоқ намояд; ҳар гоҳ зан аз озор ва азияти шавҳар ҷонаш дар хатар бошад, метавонад тақозои раҳоӣ ё талоқ намояд; ҳар гоҳ зан ба шавҳари худ тамкин накарда, нофармонӣ кунад ва рафтораш боиси хатар гардад, шавҳар метавонад тақозои талоқ намояд; ҳар гоҳ шавҳар зани дигар дошта, ки дар ҳангоми издивоҷ пинҳон карда бошад ва ё ба ҳамин сурат зан шавҳари дигар дошта бошад, издивоҷи баъдӣ худ ба худ ботил аст; вақте ки яке аз марду зан тарки оини зардуштия кунад, талоқ ҷоиз аст; ҳар гоҳ, ки зан душманонро пинҳон кунаду шавҳар надонад; ҳар гоҳ, ки зан ҷодуӣ кунад ва ё ҷодуиро омӯзад; ҳар гоҳ, ки шавҳар панҷ сол ғайбати доимӣ дошта бошад **[1-М]; [3-М].**

4. Дар натиҷаи таҳлили масъалаи пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом маълум гардид, ки то пайдоиши ислом зан дар ҷомеа ва оилаи Араб мақоме надошт. Ӯро зинда ба зинда мегуронидaнд. Зан, ки асоси оила ва идомадиҳандаи насл ба ҳисоб меравад, бинобар ин, метавон гуфт, ки то пайдоиши ислом интитути оила давраи на он қадар хуби ташаккулро паси сар мекард. Бо пайдоиши ислом ба зан ва оила мақоми махсус дода шуд. Дар натиҷа, институти оила рӯз то рӯз ташаккул ёфт. Ислом тамоми ҷанбаҳои шаръӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, отифӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва моддию иҷтимоии ниҳоди оила ва зиндагии оилавиро дар назар гирифта, нисбат ба он таълимоти бисёр табиӣ ва мукаммалеро пешниҳод намудааст **[6-М]; [9-М]; [10-М].**

5. Зимни таҳқиқи масъалаи ислом ва низоми оиладорӣ муайян гардид, ки меъёрҳои динию таълимоти исломӣ маҷмӯаи васеи арзишҳо, фармудаҳо ва муқаррароти шаръию ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар боби интихоби ҳамсар, шароити издивоҷ, вазифаҳои ҳамсарон дар баробари ҳамдигар ва ғайра пешбинӣ кардааст. Ислом оид ба оила ва оиладорӣ чунин таълимотҳоро муқаррар кардааст:

а) Ислом издивоҷ ва ҳамсардориро ҷузъи табиати инсонӣ дониста, ин амри некӯро ташвиқу тарғиб менамояд ва яке аз талаботҳои оила бунёд карданро додани маҳр муқаррар намудааст. Маҳр номи молест, ки дар вақти бастани ақди никоҳ ба забон оварда мешавад. Маҳр худ мол аст. Маҳр дар шариат миқдори молеро мегӯянд, ки бар зиммаи завҷ воҷиб аст, то барои завҷааш бидиҳад. Маҳр аз барои изҳори шарафи маҳал, яъне баланд кардани шарафи зан аст. Биноан, танҳо зан ҳақ дорад миқдорашро худ муайян бикунад ва ё дигар касро ба ин кор вакил бисозад. Аммо як миқдор аз маҳр ҳаққи шариъат аст ва ин миқдор даҳ дирҳам мебошад, яъне даҳ тангаи нуқрагин, ки вазни ҳар кадом баробари чаҳордаҳ донаи ҷав аст, (яъне ҳамагӣ вазни 140 донаи ҷав). Ин миқдорро зан кам карда наметавонад, ҳатто, агар зан панҷ дирҳам талаб бикунад, ҳамон даҳ дирҳам воҷиб мешавад. Маҳрияи занон ҳаққи воҷибии онҳост ва адои он лозим ва зарурӣ аст ва ҳамчунон, ки адои ҳуқуқи дигарон бо тиби хотир (хӯшдилона) зарурӣ аст, адои маҳрия низ ҳамин гуна аст **[6-М].**

б) Бештари меъёрҳои исломӣ дар бораи муносибати сазовор нисбат ба ҳамсар ба мардон хитоб шудааст. Зеро устувории оила ва саодати он аз мавқеъ ва рафтори мардон вобастагии зиёдтар дорад. Ахлоқу рафтори некӯи мард боиси дар оила ҷорӣ гаштани ин навъи ахлоқ ва ба тамоми аъзои оила, чи зан ва чи фарзандон таъсири амиқ гузоштани он мегардад. Таҷрибаи башарӣ нишон додааст, ки ҳатто, агар мард ҳамаи масъулиятҳои оилавии худ, аз ҷумла, таъмини хӯрок, пӯшок ва манзилро ба ҷой оварад, боз ҳам дар сурати надоштани ахлоқи некӯ ва писандида наметавонад сабаби рушду оромиши оилаи худ бошад. Ин аст, ки ислом ба ахлоқи некӯ гаштаву баргашта таъкид менамояд **[9-М]; [11-М].**

Барои мард ҷоиз нест, ки дар таъомул бо зан аз фишорҳои равонӣ баҳра бигирад ва занро дар тангно қарор диҳад, то ин ки ӯ аз ҳуқуқи худ дар маҳрия ва чизҳои дигар даст бардорад, то аз фишорҳои марди худ роҳат шавад. Зеро чунин корҳое ба маънои маҷбур кардани зан аст, ки гирифтани молро ҳалол наменамояд. Илова бар ин, зулм ҳаром аст. Вале

як ҳолат вуҷуд дорад, ки аз ин ҳукм истисно мебошад ва он ҳолате аст, ки зан гуноҳи ошкореро муртакиб шавад. Зоҳиран манзур зино аст. Дар чунин ҳолат, мард метавонад ба муҷозоти ин инҳироф ва товони иҳонате, ки ба эҳсосоту кароматі ӯ шудааст, баъзе фишорҳоро бар зан ворид оварад, то аз ҳама, ё бахше аз маҳрияи худ даст бикашад **[6-М].**

в) Ислом дар баъзе масъалаҳо мардро нисбат ба зан ва дар баъзе масъалаҳо занро нисбат ба мард бартарӣ додааст. Ин бартариҳо, пеш аз ҳама, дар қудрату қувваи ҷисмонии бештар, ҷуръату ҷасорат, ҳисси талошу муборизаи бештар доштани мард ифода мегардад, ки аз назари илми муосир низ дар ин маврид ҳеҷ баҳсу шакке нест. Табиист, ки мард бо ин бартариҳои табиии худ барои ҳимояи оила аз таҳдиду хатарҳо, ҳалли мушкилоти гуногуни зиндагӣ, таъмини маоши хонавода, таъмини хонаву сарпаноҳ ва дар умум, таъмини амнияту оромиши оила имконоти бештар дорад. Ин аст, ки Худованд ин имконоту бартариҳои мардро ба вазифаву масъулияти ӯ табдил дода, мардро масъули сарпарастӣ ва таъмини маошу оромиши зан таъйин намудааст. Меъёрҳои исломӣ ба таври мушаххас намегӯяд, ки мардон бар занон бартарӣ доранд, балки маҳз ибораи «баъзе бар баъзе»-ро истифода менамояд. Яъне чигунае ки мардон нисбат ба занон бо баъзе сифатҳои мардонаи худ бартарӣ доранд, занон низ нисбат ба мардон бо баъзе сифатҳои хоси занонаи худ афзалият доранд. Масалан, сифатҳои чун меҳр, ҳусн, отифа, эҳсос, зебоишиносӣ, назокат, сабр ва ғайра дар занон басе барҷастатар аз мардон мебошанд ва ҷое, ки ин сифатҳо коромад доранд, ҳатман занон нисбат ба мардон бартарӣ хоҳанд дошт. Аз ин рӯ, занон низ ба таври табиӣ ва фитрӣ нисбат ба мардон як силсила бартариҳо доранд. Вале таҳлилу муқоисаи маҷмӯи ин тафовуту бартариҳои дуҷониба низ далолат ба он мекунад, ки мардон дар корҳои хонавода нақши масъул ва сарпарастро дошта бошанд, то маошу амнияти хонавода таъмин бошад ва зан дар оромишу осудагӣ ба сар барад **[2-М]; [14-М].**

г) Ислом бо дар назардошти шарту талаботҳои муайян бисёрзаниро иҷозат додааст. Шавҳар бояд миёни занонаш дар нафақа ва хоб адолат

намояд, агар адолату баробарӣ карда натавонад, ҳароина Худо барояш ҳукм намуда, ки ба як зан қаноат намояд **[5-М]; [13-М].**

ғ) Тарбияи фарзандро меъёрҳои исломӣ ба таври махсус таъкид намудаанд. Дини ислом мардумро ба он даъват менамояд, ки соҳиби фарзанд шаванд. Дар баробари ин, талаб менамояд, ки фарзандон росткору ростқавл, нексиришту поквиҷдон бошанд. Барои ин кушиши зиёд ба харҷ додан лозим аст, ки онҳо дар роҳи рост тарбия ёбанд. Фарзанд ҷузъи муҳимми ҳаёти инсон буда, дини ислом ба он аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Омили динӣ-исломии ин масъала дар он аст, ки мусулмонон бовар ба он доранд, ки фарзанд ин атои Худо аст ва соҳибфарзанд будан боиси шодию фараҳ ва хушию хурсандии падару модар ва ҳиссиёти падару модар буданро қонеъ гардонидан аст **[4-М]; [6-М].**

Ҳуқуқҳои муҳимтарини кӯдакон мутобиқи талаботи дини ислом аз ҳуқуқҳои покии авлодӣ, таваллуд шудан, дорои номи нек будан, ҳифзи саломатӣ, ғизогирӣ, таълиму тарбияи шоиста гирифтан, муносибати боадолатонаи оилавӣ, одилона ва ғайра иборат мебошад. Дар замони ҷоҳилият баъзе духтарони ҷавон ё духтарчаҳои хурдсол бо сабабҳои бенавоӣ, ё ба хотири нигоҳдошти шарафи оила, ё роҳ надодан ба шармандагӣ зинда ба зинда гӯронида мешуданд. Қуръон ин амали зиштро қатъиян маҳкум мекунад **[14-М]**.

6. Таҳлили муқоисавии диншиносӣ-таърихии таълимоти зардуштия ва ислом нишон медиҳад, ки дар миёни ин ду таълимоти динӣ таносуби хосе мавҷуд мебошад. Яъне вобаста ба як қатор масъалаҳо ҳар ду таълимот бо ҳам алоқаманд буда, дар баъзе масъалаҳои дигар байни онҳо тафовут ҷой дорад. Масалан:

а) Интихоби ҳамсар. Вобаста ба масъалаи интихоби ҳамсар дар таълимоти ҳам зардуштия ва ҳам ислом ҳолати диндории зан ба инобат гирифта мешуд, вале дар зардуштия шахс ҳеҷгоҳ наметавонист бо ғайри зардуштӣ оила бунёд намояд **[5-М].**

б) Синни булуғ. Таълимоти зардуштия сину соли ба балоғат расиданро барои марду зан аз 15 солагӣ ва таълимоти исломӣ барои зан аз 9 солагӣ то 17 солагӣ ва барои мард аз 12 солагӣ то 18 солагӣ муқаррар кардааст **[13-М].**

в) Ғуломии зан. Дар таълимоти зардуштия, агар зан ғулом мебуд, пас фарзандони аз ӯ ба дунё омада низ ғулом ҳисобида мешуданд. Дар ислом бошад, каниз ё ғулом будани зан омили ғуломии фарзандон намебошад, зеро онҳо мутааллиқ ба падаранд, агар ӯ инсони озод бошад, фарзандон низ озоданд на ғулом **[5-М].**

г) Гувоҳии зан. Таълимоти зардуштия шоҳидии занро дар баробари дигар шахсон эътироф намекард, вале таълимоти исломӣ, агарчи дараҷаи шаҳодати занро нисбат ба мардон баробар накарда бошад ҳам, вале дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ба сифати «шоҳид» ва «гувоҳ» баромад мекарданд **[5-М].**

ғ) Муносибат бо зане, ки дар одати моҳона қарор дорад. Дар таълимоти зардуштия ва исломӣ муносибати маҳрамона бо зани дар одати моҳона қарордошта манъ гардидааст **[5-М].**

д) Сиқти ҷанин. Дар таълимоти зардуштия ва ҳам таълимоти исломӣ исқоти ҳамл ҳамчун кирдори гунаҳкорона дониста шудааст **[5-М].**

е) Маросими дафн. Дар таълимоти зардуштия ҷасади мурдаро ба ҷойҳои баланди хушку санглох ва баъдтар ба дахмаҳо - манораҳои махсус бурда мегузоштанд, то ки ҳайвонҳо ё паррандагон қисмҳои мурдаро пора-пора карда, ба ҷое набаранд, ки дар натиҷа ягон унсур масалан, оби муқаддас ифлос шавад. Дар таълимоти исломӣ бошад, аз ибтидо ҷасади мурдаро ба воситаи об тоза карда, ҳарчи зудтар дар зери хок дафн мекунанд **[5-М].**

ё) Вақти иҷрои маросими дафн. Дар таълимоти зардуштия иҷрои маросими дафн ҳамеша бояд дар рӯз сурат мегирифт, аммо дар таълимоти исломӣ гузаронидани маросими дафн дар шабу рӯз ҷоиз аст **[5-М].**

ж) Тақсими мерос. Дар таълимоти зардуштия моли боқимонда аз волидайн ҳамчун мерос миёни ҳар ду ҷинс (духтару писар) баробар тақсим мегардад. Дар таълимоти исломӣ бошад, моли мерос миёни аъзои хонавода ба таври мухталиф тақсим карда мешаванд. Масалан, баъд аз даргузашти падари хонавода ҳамсараш ҳаштяки моли ӯро ирс мебарад ва боқимонда миёни духтару писар ба тавре тақсим мешаванд, ки писарро ду баробари ҳаққи духтар мерасад **[5-М].**

з) Шитоб дар издивоҷ. Оид ба ин масъала таълимоти зардуштия ва исломӣ шитобро дар издивоҷ муқаррар кардаанд, ки ин аз сини ба балоғат расидани таълимотҳои мавриди назар маълум аст **[5-М].**

и) Хостгорӣ. Масъалаи хостгорӣ дар таълимоти зардуштия ва исломӣ умумият дошта, онро пайравони ҳар ду таълимот дар вақти ба худ хос анҷом медиҳанд **[5-М].**

ӣ) Ҳадаф аз ташкили ниҳоди оила. Ташкили оила дар таълимоти зардуштия дар асоси ақлу хирад, инсондӯстӣ, муҳаббати тарафайн, ҳамкориву дилбастагӣ барои ободонию созандагӣ ба роҳ монда мешуд. Таълимоти исломӣ низ ҳадафи ташкили оиларо дар тавсиаи доираи муносибатҳои инсонӣ дониста, иҷрои меъёрҳои динӣ-ахлоқиро аз якояки афроди хонавода тақозо менамояд **[5-М].**

й) Қобилияти ҳуқуқдорӣ. Таълимоти зардуштия ва исломӣ қобилияти ҳуқуқдории шахсро аз лаҳзаи таваллуд ва ҳатто пеш аз таваллуд муқаррар кардаанд **[5-М].**

к) Дахлнопазирии манзил. Таълимоти зардуштия ва исломӣ дахлнопазирии манзилро эътироф кардаанд **[5-М].**

қ) Таъмини махориҷи ҳамсар. Дар таълимоти зардуштия ва ислом таъмини хароҷоти зан ба уҳдаи мард гузошта шудааст **[8-М].**

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти оила дар зардуштия ва ислом чунин **тавсияҳо** пешниҳод карда мешаванд:

1. Беҳтар мебуд, ки қонунгузории оилавӣ таҷдиди назар карда шуда, дар он шарту талаботҳои махсус оид ба қатъ кардани никоҳ муқаррар карда шавад. Масалан, ҳангоми қатъ кардани никоҳ шартҳо гузошта шаванд, ки мард на танҳо фарзандонро, балки занро низ марвиди таъминоти моддӣ қарор диҳад.

2. Хубтар мешуд, ки зимни бунёди оила, ҳифзи он ва дигар ҷанбаҳои оилавӣ ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ахлоқӣ ва оиладории мардум эътибори ҷиддӣ дода, назорат оиди таълими маърифати оиладорӣ аз ҷониби сохторҳои дахлдор (аз ҷумла Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷоннок карда шавад.

3. Дар замони ҷаҳонишавӣ ба манфиат мебуд, ки муассисаҳои таълимӣ мутахассисонро дар рӯҳияи ҷаҳонбинии васеи илмӣ – диншиносӣ, бохабар аз таъриху тамаддуни давлату миллати худ ва фарҳанги миллии оиладорӣ тарбия намоянд. Аз ин рӯ, диссертатсия ҳамчун мавод имкон медиҳад, ки китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, монографияҳо ва дастурҳои методӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, диншиносӣ ва ғ. таҳия гарданд.

4. Масоили ахлоқӣ, муоширати иҷтимоию оилавӣ, худшиносӣ ва ҳувияти фарҳангӣ-миллӣ аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷаи илмҳои соҳа ба шумор рафта, таҳқиқи масъалаҳои мазкур дар замони ҳозира мубрамияти нав ба нав ба даст оварда истодааст. Дар таълимоти зардуштия ва ислом оиди ҳалли чунин масоил андешаҳои ҷолибе пешниҳод гардидааст. Бинобар ин, муҳтавои таълимоти мазкур, ки дар кори диссертатсионӣ дарҷ гардидааст, метавонад перомуни таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини фалсафию диншиносӣ ба монанди таълимоти зардуштия ва

ислом оиди институти оила ҳамчун базаи илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ мавриди истифодаи васеи муҳаққиқон қарор гирад.

5. Имрӯзҳо ба ҳамагон маълум аст, ки ҷудошавии оилаҳо, махсусан, оилаҳои ҷавон бештар ба назар мерасанд. Маврид ба тазаккур аст, ки кандашавии никоҳ ба шахси қатъкунандаи никоҳ оқибатҳои манфии зиёдеро пеш меоварад, аз ҷумла, баҳсҳо доир ба тақсими молу мулк, дар назди мард ё зан қарор гирифтани фарзандон, пардохти алимент, маскуннамоӣ ва ғайра. Яке аз сабабҳои кандашавии никоҳ ин дар сатҳи пасти маърифати оиладорӣ қарор доштани никоҳшавандагон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки аз ҷониби мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ курсҳои кӯтоҳмуддати маърифати оиладорӣ ташкил карда шуда, ҳар як марду зани никоҳшаванда аз он гузаранд. Пас аз гузаштани курс, ба марду зан аз тарафи мақомоти мазкур маълумотнома дода шуда, танҳо пас аз пешниҳоди чунин маълумотнома никоҳи марду зан ба қайд гирифта шавад.

## НОМГӮИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2022).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», аз 2 августи соли 2011, №762 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2022).


### II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, васоити таълимӣ, курси лексияҳо


3. Абдушарифи, Боқизода. Фиқҳи исломӣ (бар асоси мазҳаби ҳанафӣ) [Матн] / Боқизода Абддушариф. – Душанбе, 2008. – 672 с.
4. Абдурраҳмон, ибни Носири Саъдӣ. Тафсири ростин. Ҷилди аввал, “китобхонаи ақида” [Матн] / Абдурраҳмон ибни Носири Саъдӣ. – 1416ҳ. – 1302 с.
5. Абдуллозода, Ш. Таърихи динҳо [Матн]. – Душанбе, 2007. – 147 с.
6. Абӯабдуллоҳ, Муҳаммад ибни Язиди Қазвинӣ ибни Моҷа. Сунани ибни Моҷа [Матн] / Муҳаммад Абӯабдуллоҳ. – Ал-Риёз, 1417 ҳ. – 849 с.
7. Абӯабдурраҳмон, Аҳмад ибни Шуайб ибни Алии Насоӣ. Сунани Насоӣ [Матн] / Аҳмад Абӯабдурраҳмон. – Ал-Риёз, 1417 ҳ. – 1027 с.
8. Абӯалӣ, ибни Сино. Осор. Ҷилди чаҳорум [Матн] / Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: “Дониш”, - 2008. – 922 с.
9. Абӯалӣ, Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / Абӯалӣ, Муҳаммади Балъамӣ. – Теҳрон, 1380ҳ./2001с. – 817 с.
10. Абӯаломуддин. Тафсири осонбаён. Ҷилди 1 [Матн] / Абӯаломуддин. – Хуҷанд, 2019. – 812 с.
11. Абӯаломуддин. Тафсири осонбаён. Ҷилди 2 [Матн] / Абӯаломуддин. – Хуҷанд, 2019. – 816 с.

12. Абудовуд, Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ. Сунани Абӯдовуд [Матн] / Сулаймон Абудовуд. – Ал-Риёз, 1424 ҳ. – 1199 с.
13. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди VII [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим. – Душанбе: «Адиб», 2009. – 480 с.
14. Абӯрайҳони, Берунӣ. Осор-ул-боқия [Матн] / Абӯрайҳони, Берунӣ. – Теҳрон, 1384ҳ. – 611 с.
15. Абӯҳомид, Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ. Кимиёи саодат. Ҷилди аввал [Матн] / Абӯҳомид, Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ. – Теҳрон, 1380. – 594 с.
16. Абӯҳомид, Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ. Эҳёу улум-ил-дин. Ҷилди дувум [Матн] / мутарҷим: Муҳаммад Хоразмӣ. – Теҳрон, 1364ҳ. /1985м. – 770 с.
17. Абӯҳомиди, Ғаззолӣ. Одоб-ул-лиқои байн-ал-завҷайн [Матн] / таҳқиқи Муҳаммад Усмон. – Қоҳира, 1984. – 120 с.
18. Авеста. Древнейшая писания жемчужина древнево Ирана [Текст] / Пер. на перс.яз. и комм. Хашима Рази. – Тегеран, 1379х. – 628 с.
19. Авеста. Древнейшие гимны и иранские тексты [Текст] / пер. с Авести комент. Джалили Дустхох. – Душанбе, 2001. – 792 с.
20. Авеста: избранные гимны [Текст] / Пер. И. М. Стеблин-Каменсково. – Душанбе, 1990. – 176 с.
21. Авесто. Ҷилди 1 [Матн]. – Душанбе: “Бухоро” 2014. – 784 с.
22. Авесто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ [Матн] / Таҳиягар Муаззами Диловар. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 900 с.
23. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / Азизов У.А.; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
24. Алӣ Акбари, Мазоҳирӣ. Хонаводаи Эрони пеш аз Ислом [Матн] / Мазоҳирӣ Алӣ Акбар. – Теҳрон: Қатра, 1373 ҳ. – 258 с.
25. Алоуддини, Самарқандӣ. Туҳфат-ул-фуқаҳо. Ҷилди 1 [Матн] / Самарқандӣ Алоуддин. – Бейрут, 1984 м./1405 ҳ. – 375 с.

26. Андарзи марди доно ба писари хеш // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) [Матн] / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 225-226.
27. Ардашери, Озаргушасб. Маросим ва одоби зардуштиён [Матн] / Озаргушасб Ардашер. – Теҳрон, 1372 ҳ. – 281 с.
28. Асад, Бежан. Чашмандози тарбият дар эрони пеш аз ислом [Матн] / Асад Бежан. – Теҳрон, 1315. – 172 с.
29. Асадии, Тӯсӣ. Ҳикоёт ва ҳикматҳо аз “Гаршоспнома” [Матн] / Асадии Тӯсӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 244 с.
30. Афзалов, Х., Раҳимов, Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик [Матн] / Х. Афзалов, Б. Раҳимов. – Душанбе, 1994. – 185 с.
31. Баротзода, Ф., Нурулҳақов, Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 128 с.
32. Баҳромбеков, В.А., Миров, Ф.С. Асосҳои сотсиология [Матн] / В.А. Баҳромбеков, Ф.С. Миров. – Душанбе: Матбуот, 2015. – 336 с.
33. Бердиев, Ш.П., Шомуродов, Б.Б. Этика [Матн] / Ш.П. Бердиев, Б.Б. Шомуродов. – Душанбе: Донишварон, 2016. – 528 с.
34. Ваҳидӣ, Ҳусайн. Пажӯҳише дар ормони порсоӣ [Матн] / Ҳусайн Ваҳидӣ. – Теҳрон, 1394ҳ. – 140 с.
35. Ғаффорӣ, Воҳид, Сайидзода, Зафари Шералӣ. Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон [Матн] / Ғаффорӣ Воҳид, Сайидзода Зафари Шералӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – 372 с.
36. Гулмадов, Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Монография [Матн] / Ф. Гулмадов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 262 с.
37. Дадестон-и меног-и храд (Суждения Духа разума) // Зороастрийские тексты: [Текст] / Изд. подгот. О.М. Чунаковой. – М.: Изд. фирма

Восточная литература РАН, 1997. – 352 стр., С.10-138- (Памятники письменности Востока. СХ1У).
38. Дар бораи оини номанависӣ // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). [Матн] / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 235 с.
39. Диноршоев, М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе: ҶДММ “Мега-принт”, 2017. – 512 с.
40. Доктор, Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт [Матн] / Доктор Фарҳангмеҳр. – Теҳрон, 1374 ҳ. – 257 с.
41. Дорошенко А. Р. Зороастрийцы в Иране (Историко-этнографический очерк). М., Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1982. – 133 с.
42. Достонҳои «Шоҳнома» [Матн] / Ҳайати таҳририя. – Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2011. – 504 с.
43. Зайнуддин, Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ [Матн] / А.З. Зайнуддин. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 668 с.
44. Иззатшоҳ, Раҳматов. Мерос [Матн] / Раҳматов Иззатшоҳ. – Душанбе, 2021. – 112 с.
45. Исо, Содиқ. Таърихи Фарҳанги Эрон [Матн] / Исо Содиқ. – Теҳрон, 1370. – 284 с.
46. Камолова, С.С., Камолова, Ҷ.С. Андешаҳо перомуни тарафҳои психологии тарбия [Матн] / С.С. Камолова, Ҷ.С . Камолова. – Душанбе, 2019. – 100 с.
47. Каримов, О.Қ. Андешаҳои миллии тоҷикон (марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушд) [Матн] / О.Қ. Каримов, А.С. Сайфуллоев, А.Ҷ. Исомитдинов [ва диг.]. – Хуҷанд, 2001. – 569 с.

48.Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами. (Иран при «праведных» халифах). Москва, 1982. – 306 с.
49.Комилов, Р.С. Фалсафаи тоҷик (аз аҳди қадим то имрӯз). [Матн] / Р.С. Комилов. - Душанбе, 2012. -304 с.
50.Кристен, Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. [Матн] / Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337ҳ. – 83 с.
51.Қаҳҳор, Машкур. Ахлоқи эрониён [Матн] / Машкур Қаҳҳор. – Теҳрон, 1335ҳ. – 210 с.
52.Қодиров, Қ.Б. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ [Матн] / Қ.Б. Қодиров, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов. – Душанбе, 2008. – 192 с.
53.Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт) [Матн]. – Душанбе, 2013. – 1226 с.
54.Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 460.
55.Қутбуддин, Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук [Матн] / Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи нахуст. – Теҳрон, 1369 ҳ. – 426 с.
56.Мерий, Бойс. Зараастрийцы. Верования и обычаи [Текст] / Мерий Бойс. – М.: Наука, 1988. – 303 с.
57.Меҳрдоди, Меҳрин. Тамаддуни Эрони бостон [Матн] / Меҳрдоди Меҳрин. – Теҳрон, 1338ҳ. – 98 с.
58.Мирбобоев, М.К. Ахлоқи Ҷалолиддини Давонӣ [Матн] / М.К. Мирбобоев. – Душанбе: Дониш, 1992. – 140 с.
59.Муслим, ибни Ҳаҷҷоқи Нишопурӣ. Мухтасари Саҳеҳи Муслим. Ҷилди 1 [Матн] / Ихтисоркунанда: Закиюддин Абдулазими Мунзирӣ. Зоҳидон-Эрон: 1384ҳ. 677 с.
60.Мухтасар = «Сахих» имама Муслима: Краткое изложение / Заки-ад-дин 'Абд-аль-'Азым ибн 'Абд-аль- Кавви ибн 'Абдуллах ибн Саляма Абу

Мухаммад аль-Мунзири (сост.); [Текст] / пер. с араб., прим., указ. А. Нирша. – М.: Умма, 2011. — 1216 с.
61.Мухтасари Қонунномаи Сосониён [Матн] / Зери назари профессор А.Ғ. Холиқзода. – Душанбе, Эр граф, 2015. – 300 с.
62.Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз се ҷилд. Ҷ.2. [Матн] / Ғиёсиддин Муҳаммад. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров; Муҳаррир Ҳ. Рауфов. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
63.Муҳаммад, ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ.6 [Матн] / Муҳаммад, ибни Исмоили Бухорӣ. “Интишороти шайх-ул-ислом”, 2006м./1427 ҳ. – 700 с.
64.Муҳаммад, ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ [Матн] / Муҳаммад ибни Исо ибни Савраи Тирмизӣ. – Риёз: Мактабат-ул-маориф, 1417 ҳ. – 1106 с.
65.Муҳаммад, Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти форсӣ [Матн] / Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2008. – 778 с.
66.Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих (дар 7 ҷилд) Ҷилдҳои 3 ва 4, китоби дуюм [Матн] / Муҳаммад Рашшод (таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ ва Саидиён Исматуллоҳ). – Душанбе: Ирфон, 2002. – 404 с.
67.Муҳаммадамин, ибни Обидин. Радд-ул-мухтор [Матн] / Муҳаммадамин ибни Обидин. Ҷузъи чорум. – Ал-Риёз, 1423ҳ./2003м. – 655 с.
68.Мухторов, А., Раҳматуллоев, А. Таърихи халқи тоҷик. (Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди аввал [Матн] / А. Мухторов, А. Раҳматуллоев. – Москва: “Интрансдорнаука”, 2002. – 384 с.
69.Муҳаммадшафеи, Усмонӣ. Маориф-ул-қуръон. Ҷ. 2 [Матн] / Муҳаммадшафеи Усмонӣ. – Карочӣ: Дор-ул-улум, 1377 ҳ. 494 с.
70.Муҳаммадшафеи, Усмонӣ. Маориф-ул-қуръон. Ҷ. 6 [Матн] / Муҳаммадшафеи Усмонӣ. – Карочӣ: Дор-ул-улум, 1377 ҳ. 545 с.

71. Муҳаммадкул, Ҳазраткулов. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, «Дониш», 2006. – 578 с.
72. Назаров, Р. Философия качества образавания Таджикистана [Текст] / Р. Назаров. – Душанбе, 2011. – 319 с.
73. Назруллоҳи, Назар. Фарҳанги хурди арабӣ ба тоҷикӣ [Матн] / Назруллоҳи Назар. – Душанбе, 1992. – 256 с.
74. Низомиддини, Шошӣ. Усули Шошӣ. Табъи чорум [Матн] / Низомиддини Шошӣ. Мактабаи Бушро. – Карочӣ, 1433ҳ./2012м. – С. 12.
75. Носиров, С.Ш. Педагогика ва психология: воситаи таълимӣ барои магистрантони ихтисосҳои иқтисодӣ [Матн] / С.Ш. Носиров. – Душанбе: Промэкспо, 2020. – 288 с.
76. Носируддин, Соҳибуззамонӣ. Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ [Матн] / Носируддин Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1338 ҳ. – 82 с.
77. Ҳотамов, Н., Довудӣ, Д., Муллоҷонов, С., Исоматов, М. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 585 с.
78. Периханян, А.Г. Общество и прво Ирана в Парфянский и Сасанидский приоды [Текст] / А.Г. Периханян. – М.: Издательство «Наука», 1983. – 383 с.
79. Пиров, С. Фахруддини Розӣ ва андешаҳои ахлоқиву тарбиявии ӯ [Матн] / С. Пиров. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 196 с.
80. Розӣ Ҳошим. Оини муғон [Матн] / Ҳошим Розӣ. – Теҳрон, 1382ҳ. – 472 с.
81. Расулиён, Қ. Таърихи халқи тоҷик. (Маводи омӯзишӣ: аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна) [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2014. – 280 с.
82. Рахмон, Д.С., Саъдизода, Дж., Сафарзода, Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография [Текст] / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе, 2018. – 176 с.
83. Раҳмонов, Э.Ш. Точикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе, «Ирфон», 2009. – 704 с.

84.Раҳимов С. Эстетика зороастризма [Матн] / С. Раҳимов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 406 с.
85.Рисолаи рӯзҳо // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) [Матн] / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 221.
86.Саид, Нафисӣ. Таърихи тамаддуни Сосониёни Эрон [Матн] / Нафисӣ Саид. – Теҳрон, 1383 ҳ./2005. – 284 с.
87.Саид, Н.С., Аҳмадов, С., Нурулҳақов, Қ., Назаров, Р. Диншиносӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Н.С. Саид, С. Аҳмадов, Қ. Нурулҳақов, Р. Назаров. – Душанбе: Маориф, 2018. – 540 с.
88.Саъдизода, Ҷ., Сафарзода, Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш [Матн] / Ҷ. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода . – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.
89.Тағоймуроди М., Давлатхоҷаи М. Маърифати оиладорӣ [Матн] / М. Тағоймурод, М. Давлатхоҷа. – Душанбе, 2021. – 496 с.
90.Таърихи фалсафа, китоби дарсӣ барои донишҷӯёни таҳсилоти муассисаҳои олии касбӣ [Матн] / Ҳайати муаллифон. – Душанбе: Собириён, 2011. – 528 с.
91.Олимов К., Шамолов А. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ. 1 [Матн] / Муҳаррири масъул К. Олимов, А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 582 с.
92.Тоҳиров, Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон [Матн] / Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 260 с.
93.Тохиров, Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929). Т. 2, ч. 1 [Матн] / Ф.Т. Тохиров. – Душанбе, 2001. – 494 с.
94.Уммихузайма, бинти Абдулҳамиди Шофеӣ. Луғоти Қуръони карим [Матн] / Уммихузайма бинти Абдулҳамиди Шофеӣ. – Теҳрон: “Китобхонаи ақида”, 1410 ҳ. – 354 с.

95.Уммухузайма, бинти Абдулҳамиди Шофеӣ. Луғоти Қуръони карим [Матн] / Уммихузайма бинти Абдулҳамиди Шофеӣ. – Теҳрон: 1388 ҳ. – 354 с.
96.Унсурумаолии, Кайковус. Қобуснома [Матн] / Унсурумаолии Кайковус. – Теҳрон, 1312 ҳ. – 370 с.
97.Фарухмарди, Баҳромон. Модиёни ҳазор доистон (Китоби ҳазор ҳукми судӣ) [Матн] / Фарухмарди Баҳромон. – Теҳрон: интишороти илмӣ, 1393ҳ./2014м. – 736 с.
98.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1 [Матн] / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – 950 с.
99.Хайрулло, Афзалӣ. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик [Матн] / Хайрулло Афзалӣ. – Душанбе, 2008. – 110 с.
100. Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) [Текст] / А.Г. Халиков. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – 488 с.
101. Халиков, А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право) [Текст] / А.Г. Халиков. – Душанбе: Сарбоз, 2003. – 118 с.
102. Холиқов, А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон [Матн] / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 380 с.
103. Ҳасан, Амид. Фарҳанги форсӣ [Матн] / Амид Ҳасан. – Гелон, 1389 ҳ. – 1088 с.
104. Ҳусайн, Бастон. Хонавада дар Ислом [Матн] / Ҳусайн Бастон. – Теҳрон: 1390ҳ. – 248 с.
105. Ҳусайн, Муҳаммад. Тафсир ва баёни калимоти Қуръон [Матн] / Мутарҷим: Абдулкарими Аршад. – “китбхонаи ақида”, 1394ҳ. – 296 с.
106. Ҳусайн, Тоҷии Гиладорӣ. Тафсири аҳсан-ул-калом [Матн] / Ҳусайн Тоҷии Гиладорӣ. – 643 с.
107. Ҷалили, Дӯстхоҳ. Авасто: Куҳантарин сурудаҳои Эрони бостон. Китоби 2 [Матн] / Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Теҳрон, Марворид, 1375ҳ. – 1206 с.

108. Чида андарзи парйуткешон // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) [Матн] / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 399 с.
109. Шершеневич, Г.Ф. Учебник русского гражданского права, Т.2. [Текст] / Г.Ф. Шершеневич. – М., 1915. – 545 с.
110. Эмомалӣ, Раҳмон. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, ЭР-граф, 2009. – 36 с.
111. Эмомалӣ, Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 96 с.
112. Эмомалӣ, Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 3 [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.
113. Эмомалӣ, Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.
114. Эронӣ, Диншоҳ. Ахлоқи Эрони бостон [Матн] / Эронӣ Диншоҳ. Теҳрон: 1334ҳ. 111 с.

## III. Мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо

115. Абӯлҳасани, Армагон. Таъсири дини зардуштӣ ба фарҳанг ва таълиму тарбияи Эрон [Матн] / Абӯлҳасани Армагон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – № 3/3 (112). – С. 151-153.
116. Аминҷонов, А.Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ [Матн] / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №8. – С. 304-307.
117. Амирбекова, И. Мақоми иҷтимоии зан дар ислом ва таъсири он ба фалсафаи машшоияи шарқӣ [Матн] / И. Амирбекова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 210-215.

118. Амирхон, Ш.Т. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ [Матн] / Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 152-160.
119. Диноршоев, А.М., Саъдизода, Ҷ. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таълимоти динӣ ва фалсафӣ [Матн] / А.М. Диноршоев, Ҷ. Саъдизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №2 (10). – С. 29-37.
120. Исмоил, Яхкашифар. Ҳуқуқи кӯдак дар ойини Зардушт [Матн] / Исмоил Яхкаши Фар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – № 3/7 (124). Қ.2. – С. 108-111.
121. Исмоил, Яхкашифар. Татбиқи муқаррароти кайфарии Ҷумҳурии исломии Эрон бо усули ҳоким бар конфенсияи байналмилалӣ перомуни ҳуқуқи кӯдак [Матн] / Исмоил Яхкашифар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – № 3/8 (150). Қ.2. – С. 65-68.
122. Маҳмадизода, Н.Д., Саидов, Д.М. Аҳамияти омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеа барои ҳифзи бехатарии он [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода, Д.М. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 6. – С. 129-136.
123. Мизробов, Ш.Ш. Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар тамаддуни зардуштӣ [Матн] / Ш.Ш. Мизробов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №1 (09). – С. 57-65.
124. Муҳаммадҷони, Тағоймурод. Фалсафаи маорифи ориёӣ-сарчашмаи фалсафаи маорифи эҳёи аҷам [Матн] / Муҳаммадҷони Тағоймурод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – №3/4 (205). – С. 108-111.
125. Раҳимзода, М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои таърихи инкишофи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар Тоҷикистон [Матн] / М.З. Раҳимзода // Қонунгузорӣ. – 2018. – №03 (31). – С. 6-16.
126. Раҷабзода, Д. Омӯзиши анъанаҳои халқӣ ва нақши онҳо дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ зимни адабиёти фалсафӣ-таърихӣ ва

педагогӣ-равонӣ [Матн] / Д. Раҷабзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №6. – С. 226-231.

127. Ризо, Киёнӣ. Масоили афзоиши ҷамъият аз нигоҳи адёни куҳан [Матн] / Ризо Киёнӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2010. – №4 (60). – С. 113-117.

128. Тайғуншоева, Ҷ. Хонавода ва мушкилоти тарбияи кӯдакон: таҳқиқи муқоисавӣ [Матн] / Ҷ. Тайғуншоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. – № 3/11 (188). Қ.1. – С. 299-305.

129. Файзализода, Б.Ф. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ [Матн] / Б.Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/10. – С. 237-242.

130. Худойдодзода, Ф.Б., Амирбекова, И.Ҷ. Масъалаи зан ва оиладорӣ дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Ф.Б. Худойдодзода, И.Ҷ. Амирбекова // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 67-70.

131. Ҳоҷиев, М.С. Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар Қонунномаи Сосониён [Матн] / М.С. Ҳоҷиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №10. – С. 351-355.

132. Ҳоҷиев, М.С. Хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ дар Қонунномаи Сосониён [Матн] / М.С. Ҳоҷиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №4. Қ.1. – С. 201-205.

133. Шакибо, П. Зан дар Эрони бостон ва дар кишварҳои бостонии дигар [Матн] / П. Шакибо // Маҷаллаи Эронзамин. – 2002. – №10. – С.

134. Шарипов, А. Асосҳои педагогии ташаккули ҳамкории донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб [Матн] / А. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №3. – С. 223-228.

135. Шокиров, Т.С. Истилоҳвожаҳои ифодагари гуноҳу ҷазо дар «Авесто»[Матн] / Т.С. Шокиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2009. – № 4 (52). – С. 84-91.

136. Шопури, Некандом Мустафо. Хостгорӣ дар ҳуқуқи Эрон [Матн] / Шопури, Некандом Мустафо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – №3/6 (145). – С. 72-80.

## IV. Диссертатсия ва авторефератҳо

137. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко – правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук. / У.А. Азизов. – Душанбе, 2015. – 414 с.

138. Бердиев, Ш.П. Этические проблемы зороастризма [Текст]: дис. ... канд. филос. наук. / Ш.П. Бердиев. – Душанбе, 2011. – 145 с.

139. Дадашев, М.Б. Формирование институтов семейного и наследственного права в Арабском Халифате (VIII-X вв) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. / М.Б. Дадашев. – М., 2018. – 159 с.

140. Муминджанов, Х.Х. Философские проблемы зороастризма [Текст]: дис. ... д.-ра филос. наук. / Х.Х. Муминджанов. – Душанбе, 2001. – 289 с.

141. Рахимов, С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма [Текст]: дис. ... д.-ра филос. наук. / С.Х. Рахимов. – Душанбе, 2007. – 301 с.

142. Шосаидзода, Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон [Матн]: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. / Ш.Ш. Шосаидзода. – Душанбе, 2020. – 235 с.

## V. Захираҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетӣ

143. Нигоҳе ба ҳуқуқи дуҷонибаи байни зану шавҳар [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.khonavoda.com (санаи мурочиат: 28.12.2021).

144. Номи хуб ними ҳусн аст [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:http://www.javonon.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2022).
145. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 23.01.2015 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2022).
146. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https: // prezident.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2022).

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### 1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[1-М].** Одинаев, Б.А. Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 10.– С. 215–219.

**[2-М].** Одинаев, Б.А. Таъмини суботи сиёсӣ дар рушди фаъолияти босамари бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода, А.У. Тағдиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 4. – С. 125–131.

**[3-М].** Одинаев, Б. А. Таълимоти зардуштия дар бораи оила [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 1. – С. 112–120.

**[4-М].** Одинаев, Б. А. Тарбияи иҷтимоӣ - ахлоқии фарзанд аз нигоҳи ислом [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 4. – С. 84–92.

**[5-М].** Одинаев, Б.А. Таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 6. – С. 64–72.

**[6-М].** Одинаев, Б. А. Пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 2. – С. 103–116.

**[7-М].** Одинаев, Б. А. Таҳаввули институти оила дар зардуштия [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 3. – С. 118–127.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷмуаҳо ва нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[8-М]**. Одинаев, Б.А. Таълимоти зардуштия дар бораи оила [Матн] / Б.А. Одинаев // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (19-24 апрели соли 2021) / Муҳаррири масъул н.и.ҳ., дотсент Раҷабзода М.Н. – Рашт, 2021. –С. 32–33.

**[9-М].** Одинаев, Б.А. Происхождение и формирование семьи с исламской точки зрения [Текст] / Б.А. Одинаев // Международный научный журнал «Вестник науки». – 2022. – № 2 (47) Т.2. – С. 31–37.

**[10-М]**. Одинаев, Б.А. Особенности мусульманского и советского права о защите прав женщин от морального вреда [Текст] / Б.А. Одинаев, Ф.А. Бобохонов // Вестник науки и образования. – 2022. – № 2 (122). Часть 2. – С. 21–25.

**[11-М]**. Одинаев, Б.А. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар ойини зардуштия [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №4 (8). – С. 33–36.

**[12-М].** Одинаев, Б.А. Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия [Матн] / Б.А. Одинаев // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба «25-солагии Ваҳдати миллӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (18-23 апрели соли 2022) / Муҳаррири масъул н.и.ҳ., дотсент Раҷабзода М. Н. – Рашт, 2022. – С. 90 – 91.

**[13-М].** Одинаев, Б.А. Институти оила дар зардуштия ва ислом (таҳлили муқоисавӣ-объективӣ) [Матн] / Б.А. Одинаев // Истиқлолият ганҷи

бебаҳост: маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Рушди илмҳои башардӯсӣ (гуманитарӣ) дар 30-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (04.09.2021). – Рашт, 2021. – С. 154 – 162.

**[14-М]**. Одинаев, Б.А. Происхождение и формирование семьи с исламской точки зрения [Текст] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода // Вестник Таджикского педагогическово института в Раштском районе. – 2022. – №3 (11). – С. 73–76.

**[15-М]**. Одинаев, Б.А. Масъалаи зан дар ойини зардуштия [Матн] / Б.А. Одинаев, Ф.Б. Худойдодзода // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – №3 (11). – С. 77–80.